**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ**
**БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 347.1 (575.3)**
**ТБК: 67.99 (2) 3 (2 тоҷик)**
**Ш – 53**

**ШЕРЗОДА МЕҲРАНГЕЗ АБДУВАЛӢ**

# ПРОБЛЕМАҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ ТАНЗИМИ РОЗИГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз
рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ;
ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

**ДУШАНБЕ - 2025**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ: ................ 3**

**МУҚАДДИМА ................................................................................ 4**

**БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ РОЗИГӢ ВА ИФОДАИ ИРОДА ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ.......................................................................21**

1.1. Мафҳуми «розигӣ» ва аҳаммияти он дар ҳуқуқи маданӣ............21

1.2. Ирода ва ифодаи он ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ. ...............68

**БОБИ 2. НАМУДҲО ВА ШАКЛҲОИ ҲУҚУҚИИ РОЗИГӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ...........................................................................79**

2.1. Намудҳо ва аломатҳои розигӣ ҳамчун тарзи батанзимдарорӣ дар ҳуқуқи маданӣ ........................................................................................79

2.2. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ.......105

**БОБИ 3. ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ РИОЯ НАКАРДАНИ ИФОДАИ РОЗИГӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ.......................................................117**

3.1. Тартиби ифодаи розигӣ дар амали субъектони ҳуқуқи маданӣ117

3.2. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-мадании амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд..............................................................................................139

**ХУЛОСА ...................................................................................164**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ТАҲҚИҚОТ ...........................................................................167**

**РӮЙИХАТИ АДАБИЁТ.................................................................173**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ............196**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

КА ҶТ – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КМ ҶТ – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КММ ҶТ – Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КЗ ҶТ – Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон;

КО ҶТ – Кодекси оилави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

КВД – Корхонаи воҳиди давлатӣ;

КДФ – Корхонаи давлатии фаръӣ;

ҶСК – Ҷамъияти саҳомии кушода;

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ФР – Федератсияи Россия;

м. – модда;

қ. – қисм;

м.м. – метри мурабаъ.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд [4]. Новобаста аз анҷоми ёфтани кодификатсия, раванди такмили қонунгузории маданӣ ҳануз ҳам, дар доираи Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад [20]. Қабули кодекси нав шумораи зиёди навгониҳо, аз ҷумла, вобаста ба «розигӣ»-ро ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ дар бар мегирад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми қаблии худ ба Маҷлиси Олӣ барои соли 2023 таъкид намуда буданд, ки: «Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо саривақт ва босифат таъмин карда шавад» [2].

Мутобиқ ба суханони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоиҳои меъёрӣ дар соҳаи падидаи «розигӣ» мебоист зери таҳлили доктриналӣ ва дар шакли меъёри алоҳидаи қонун ифода ёбад. Таҳлили «розигӣ» ҳамчун амали мустақили ҳуқуқи маданӣ, барои он мубрам мебошад, ки на ҳама мушкилот вобаста ба он аз ҷониби қонунгузор ҳал карда шуданд, ҳамзамон аксарияти онҳо ба муносибати эътибор пайдо кардани муқаррароти КМ ҶТ аҳаммияти махсус пайдо намуданд. Инчунин дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 омадааст, ки: «дар муомилоти маданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад».

Розигӣ яке аз шартҳои асосии анҷом додани аҳдҳо ва амалҳои ҳуқуқии маданӣ буда, иродаи ҳар як тарафи чунин муносибатҳоро ифода менамояд. Аксарияти аҳдҳое, ки бе розигӣ баста шудаанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Аз ин рӯ, мафҳуми категорияи «розигӣ» дар истилоҳҳои низоми қонунгузорӣ ва соҳаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ васеъ истифода гардидааст.

Гирифтани розигии тарафҳо дар муносибатҳои байниякдигарӣ, шахсони сеюм, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми бастани аҳдҳо дар муомилоти маданӣ аҳаммияти муҳим доранд. Қонунгузор ҳолатҳои зиёдеро дар қонунҳои алоҳида пешбинӣ намудааст, ки барои анҷом додани аҳдҳо ё дигар амалҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта «розигӣ» зарур аст.

Истилоҳи «розигӣ» дар Конститутсияи ҶТ [1], дар КМ ҶТ, Кодекси оилаи ҶТ [6], Кодекси манзили ҶТ [7], Кодекси замини ҶТ [5], Кодекси тандурустии ҶТ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007 [12], «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 майи соли 2002, № 53 [13] ва ғайра матраҳ гардидааст.

Ифодаи истилоҳ ё мафҳуми «розигӣ» дар муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ ва қонунгузории маданӣ дар истифодаи он дар якчанд падидаҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Масалан, дар КМ ҶТ чунин ифодаи истилоҳи розигӣ дар қабули қарори якдилона, дар лаҳзаи бастани шартномаҳои мухталиф, инчунин ба маънои баёни иҷозат, зоҳир намудани посухи мусбӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад. Дар ҳолатҳои номбурда маъно ва мазмуни ҳуқуқии розигӣ ба таври гуногун истифода гардида, бояд истилоҳи розигӣ бевосита аз ҳар як нуқтаи назар таҳқиқ карда шавад. Аммо новобаста аз мавҷуд будани шаклҳои гуногуни баёни навъҳои розигӣ, он дар ҳамаи ҳолатҳо амали мустақили ҳуқуқии яктарафа шуморида мешавад.

Дар баробари ин, истилоҳи «розигӣ» дар КМ ҶТ хеле зиёд ба назар мерасад. Ҳамзамон худи мафҳуми «розигӣ» дар ягон моддаи КМ ҶТ ҷой надорад. Мавҷуд набудани мафҳуми «розигӣ» дар қонунгузорӣ дар байни олимон баҳсу мунозираҳои зиёдеро ба миён оварда, таҳқиқи нопурраи табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва аломатҳои хоси он аз доираи таҳлили илмӣ бархурдор нагардидаанд, зеро таваҷҷуҳи аксари олимони соҳа бештар диққати худро ба масъалаҳои амалии истифодаи «розигӣ» ва тартиби

баёни он нигаронидаанд. Дар баробари ин, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, вобаста ба баъзе омилҳои баёни «розигӣ» мушкилоти зиёде мавҷуд мебошанд, ба монандӣ: вобаста ба андозаи иттилооте, ки дар ифодаи розигӣ нишон дода мешавад; вобаста ба зарурияти нишон додани аломатҳои умумии мавзуи аҳд дар розигии пешакӣ; вобаста ба талабот оид ба фардикунонии аҳде, ки ба он розигӣ дода мешавад; вобаста ба розигии минбаъда барои «барқарор» кардани аҳд ва ғайра.

Дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дархости розигӣ аз шахсе, ки бояд салоҳият ва ё ваколати изҳори розигиро дорад, муқаррар нагардидааст. Инчунин вобаста ба бекор намудани розигӣ низ равиши якхела ҷой надорад. Дар қонунгузории маданӣ масъалаҳои бекор кардани розигии минбаъда, розигии пешакӣ, шакл ва мӯҳлати рад кардани розигӣ муайян нагардидаанд.

Дар Тоҷикистон масъалаи розигӣ дар ҳуқуқи мадании ватанӣ махсусан таҳқиқ нашудааст. То имрӯз ягон таҳқиқоти монографии комилан бахшидашуда аз ҷониби олимони тоҷик ба ин мавзу вуҷуд надорад. Аксаран омӯзиши розигӣ дар заминаи баррасии амалҳои ҳуқуқие, ки қонун вобаста ба зарурати розигӣ танзим кардааст, сурат мегирад. Дар ин замина олимон ҳангоми таҳқиқоти илмии падидаи баррасишаванда асосан ба ҳолатҳои мушаххасе диққат додаанд, ки барои зарурати изҳори розигӣ равона гардидаанд, яъне қарздор дар мавриди интиқоли ҳуқуқи талаб ба дигар шахс розигӣ медиҳад ё розигии кредитор-гаравгир барои тағйири уҳдадориҳои таъминшуда ва ғайра баён карда мешвад.

Дар Федератсияи Россия оид ба категорияи розигӣ якчанд таҳқиқотҳои диссертатсионӣ анҷом дода шудаанд, аз ҷумла: якчанд рисолаҳои номзадӣ аз ҷониби Касаткин, С.Н. «Согласие в гражданском праве РФ» [198] соли 2014; Дятлов, Е.В. «Согласие третьих лиц на совершение сделки в гражданском праве» [196] соли 2014; Зимина, М.Ю. «Институт согласия в гражданском праве России» [197] соли 2020; Скобликова, Е.Л. «Правовая природа согласия супруга на совершение другим супругом сделки по распоряжению общим имуществом» [207] соли

2011; Воробёва, Е.А. «Правовое регулирование сделок, требующих согласия, по гражданскому законодательству Российской Федерации» [194] соли 2016 ва як рисолаи доктории ба ин мавзуъ наздик соли 2021 аз ҷониби Филиппова С.Ю. «Юридические действия как юридические факты в российском гражданском праве» [210]. Бояд тазаккур дод, ки баъзе аз таҳқиқотҳои зикргардида зиёда аз даҳ сол қаблан гузаронида шудаанд, қисми дигарашон бошад, масъалаҳо ва мушкилотҳое, ки имрӯз дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ва судии Тоҷикистон вуҷуд доранд умуман дахл накардаанд ва муқарраротҳои КМ ҶТ, ки соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст, аз қонунгузории ФР тафовут доранд.

Мушкилоти марбут ба «розигӣ» таҳлили ҳамаҷониба ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли самарабахши таъмини адолат ва қонуниятро дар муносибатҳои маданӣ тақозо мекунад. Ҳолатҳои қайдгардида мубрамияти илмии таҳлили мафҳуми розигиро муайян мекунанд, ки амали мустақили дорои хусусияти ҳуқуқии маданиро ифода мекунад. Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз зарурати таҳлили ҳамаҷониба ва мунтазами амалҳо оид ба додани розигӣ, гирифтани розигӣ, инчунин санадҳое, ки розигиро талаб мекунанд, вобаста аст.

Ин маҷмуи масъалаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии соҳаи падидаи «розигӣ» дар ҳуқуқи маданӣ мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти интихобшударо муайян менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Баъзе паҳлуҳои институти розигиро олимон, аз қабили М.М. Агарков [125, с. 23-34], Болдирев В.А. [135, с. 82-86; 134, с. 66-72], Брезгулевская Л.К. [193], Воробева Е.А. [194; 139, с. 131-136; 137, с. 10-16], Долинская В.В. [151, с. 3-12; 150, с. 19-24], Дятлов Е.В. [196; 152, с. 29-32], Зимина М.Ю. [197; 156, с. 183-186; 155, с. 199-205] Касаткин С.Н. [198; 159, с. 69-73; 158, с. 24-26; 160, с. 32-36; 157, с. 18-22], Золотухин А.В. [48], Суханов Е.А. [104], Красавчиков О.А. [58], Ойгензихт В.А. [81], Усмонов О.У. [107; 108], Исмаилов Ш.М. [51; 52, с. 152-153], Маҳмудзода М.А. [66], Раҳимзода М.З. [89; 78, с. 347-352; 90, с. 101-103], Тағойназаров Ш.Т. [66], Бобоҷонзода И.Ҳ. [27; 26; 28; 33; 34; 29; 32; 31; 133,

с. 88-103], Ғаюрзода Ш.К. [41], Штиков Д.В. [211], Сангинзод Д.Ш. [96], Қодирзода Т.Қ. [55] ва дигарон саҳми худро гузоштаанд.

Бо тамоми намудҳои гуногуни амалҳои ҳуқуқӣ, ки розигиро талаб мекунанд, аҳаммияти ҳуқуқии мадании ин категория то ҳол мавзӯи омӯзиши мустақили илмӣ нагардидааст. Дар сарчашмаҳои доктриналӣ розигӣ, чун қоида, танҳо нисбати амали ҳуқуқии маъқулдонисташаванда баррасӣ мегардад. Ҳангоми чунин таҳқиқоҳои алоҳида, моҳият ва аломатҳои розигӣ, ки амали мустақили ҳуқуқи маданӣ мебошад, аз доираи таҳлили илмӣ берун мондааст. Дар баробари ин, қонунгузории маданӣ муқаррароти зиёдеро дар бар мегирад, ки дар онҳо барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ, ки аҳд нестанд, розигӣ зарур аст. Инчунин дар илми ҳуқуқи маданӣ ба омӯзиши вазифаҳои розигӣ, муайян намудани аломатҳои умумии розигӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ҷой надорад. Оқибатҳои ҳуқуқии содир кардани амалҳо бе розигии зарурӣ низ дар сарчашмаҳои доктриналӣ мунтазам баррасӣ нашудаанд.

Ҳамзамон таҳқиқотҳои қайдгардида асосан ба мушкилоти назариявӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи судие, ки мо асос барои таҳқиқоти илмӣ дарҷ намудем, ҷавобгӯ набуда, барои ҳалли пурраи проблемаҳои ҷойдошта дар Тоҷикистон мусоидат карда наметавонанд. Илова бар ин, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи онҳо ва таклифу пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории маданӣ нокифоя буда, мушкилоти мавҷударо аз байн намебаранд ва ба арзишҳои миллии мо мувофиқат намекунанд.

Масъалаи «розигӣ» мувофиқи қонунгузории мадании Тоҷикистон ба таври комплексӣ умуман мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода нашудааст. Дар адабиёти илмии ватанӣ баъзе аз паҳлӯҳои мушкилоти розигӣ дар китобҳои дарсӣ, монографияҳо ва мақолаҳои алоҳида ба таври умумӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар манбаъҳои доктриналӣ розигӣ, чун қоида, танҳо дар якҷоягӣ бо амалҳои қонунии тасдиққунанда баррасӣ карда мешаванд. Ба ибораи дигар, дар аксарияти ҳолатҳо дар адабиёти илмӣ танҳо ҳолатҳои мушаххаси зарурати розигӣ ба назар гирифта мешаванд, ки дар он шахс

иҷозати анҷом додани ҳама гуна амалиётро медиҳад. Чунин тарзи омӯзиши ин категория, табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва аломатҳои розигӣ, ки амали мустақили ҳуқуқӣ-маданӣ мебошад, берун аз доираи таҳлили низоми илмӣ қарор дорад.

Дар айни замон, қонунгузории маданӣ муқарраротҳои зиёдеро дарбар мегирад, ки тибқи онҳо барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ розигӣ талаб карда мешавад, ки аҳд нестанд. Розигие, ки табиати ҳуқуқӣ дорад ва асосҳои ба вуҷуд омадани муносбатҳои ҳуқуқи маданӣ тағйир ва қатъ гардидани онҳо мегарданд то ҳол тахти таҳлили пурраи илмӣ қарор нагирифта, тақозои таҳқиқоти мушаххаси онро талаб менамояд.

Инчунин, дар илми ҳуқуқи мадании ватанӣ то имрӯз вобаста ба таҳқиқоти «розигӣ», аломатҳое, ки ба намудҳои муайяни розигӣ хос мебошанд, шаклҳо, намудҳо, таснифот, тавсифи ҳама гуна изҳори иҷозатдиҳии ирода ва гуруҳбандии он, оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои бе розигии зарурӣ анҷом дода шуда, мавриди омӯзиш қарор дода нашудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2025» омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти назариявию илмӣ муайян намудани нақши падидаи «розигӣ» дар ба вуҷуд омадани муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ошкор намудани табиати ҳуқуқ, моҳияту хусусиятҳо ва таҳияи мафҳуми муаллифии падидаи «розигӣ» ва ба таври мухталиф шомил намудани он ба илмӣ ҳуқуқи маданӣ мебошад. Тавассути таҳқиқи истилоҳи номбаршуда тавсифи амалии он аз ҷониби субъекти ҳуқуқи

маданӣ, воситаҳои яктарафаи иҷозатдиҳӣ ва истифодаи падидаи розигӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои дар боло зикршуда дар раванди таҳқиқоти илмии падидаи «розигӣ» аз ҷониби муаллиф чунин вазифаҳо иҷро карда мешаванд:

- омӯзиши моҳият ва табиати ҳуқуқии падидаи «розигӣ» ва амалҳои ҳуқуқи маданӣ вобаста ба он;
- таҳлили масъалаҳои вобаста ба ирода ва ифодаи он дар ҷараёни бастани аҳдҳои маданӣ;
- муайянсозии мафҳуми «розигӣ» ҳамчун амали мустақил ва таҳқиқи хусусиятҳои фарқкунандаи он;
- таснифоти розигӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ;
- баррасии шаклҳои ҳуқуқии розигӣ;
- муайян кардани вазифаҳои танзимкунандаи розигӣ;
- тартиби амали намудани розигӣ тибқи КМ ҶТ;
- таҳқиқи оқибати амалҳое, ки бидуни гирифтани розигии зарурӣ анҷом дода шудаанд;
- пешниҳоди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили КМ ҶТ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар робита бо амали субъектҳои ҳуқуқи маданӣ бо мақсади додани розигии дар қонун пешбинишуда, инчунин муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми содир кардани дигар аҳдҳои ҳуқуқи маданӣ ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории маданӣ, ки зарурати гирифтани розигиро пешбинӣ намуда, тартиби баёни ифодаи розигӣ ва оқибати амалҳоеро, ки бе розигии зарурӣ танзим менамояд, инчунин коркардҳои илмӣ ва маводҳои таҷрибаи судӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (давраи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тасвиб ва муҳокимаро дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сипарӣ намудааст. Макони таҳқиқот шӯъбаи мазкур маҳсуб меёбад. Ҷанбаҳои таърихии диссертатсия дар давраҳои таҳқиқот инъикос шуда, дар марҳилаҳои муайян, аз соли 2021 омода гардидааст. Дар ибтидо табиати ҳуқии розигӣ ва ифодаи ирода дар ҳуқуқи маданӣ пажӯҳиш шудааст. Баъдан, масъалаи намудҳо ва аломатҳои розигӣ ҳамчун тарзи батанзимдарорӣ дар ҳуқуқи маданӣ инчунин шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ таҳлил шуданд. Дар давраи сеюм, тартиби ифодаи розигӣ дар амали субъектони ҳуқуқи маданӣ ва оқибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣи амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд таҳқиқ гардиданд. Ҳамзамон дар ин давра вобаста ба таҳқиқоти анҷомдода, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шуданд. Марҳилаи анҷоми таҳқиқот соли 2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқотҳои илмию назариявии муҳаккиқони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд. Ин проблемаҳо дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Сальников В.П., Аверин А.В., Агарков, М.М., Брагинский, М.И., Мейер, Д.И., Новитский, И.Б., Рабинович, Н.В. Грибанов, В.П. Малько, Л.В., Ойгензихт, В.А., Покровского, И.А., Суханов, Е.А., Красавчиков, О.А., Тоҳиров Ф.Т., Тағойназаров, Ш.Т., Исмаилов, Ш.М., Маҳмудзода, М.А., Муртазозода, Ҷ.С., Раҳимзода, М.З. Усмонов О.У., Менглиев Ш.М., Имомов А.И., Иброҳимзода С.И., Бобоҷонзода И.Ҳ., Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Искандаров З.Ҳ., Диноршоев А.М., Ализода З., Насриддинзода Э.С., Азиззода У.А., Нематов А.Р., Буризода Э.Б., Назаров А.К., Раҳмон Д.С., Абдулхонов Ф.М. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии ин таҳқиқотро усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ, усули муқоисавӣ – ҳуқуқӣ, инчунин таҳлили низомноки ҷараёнҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта ташкил медиҳанд. Истифодаи ин усулҳо имкон фароҳам овард, ки масъалаҳои танзими

розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ объективона ва ба шароити Тоҷикистон мувофиқ таҳлил карда шавад.

Дар таҳқиқот ҳамчун усулҳои умумии донишҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқоти назариявӣ: таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шуданд.

Ҳамчун усулҳои махсуси таҳқиқоти ҳуқуқӣ, усулҳои зерин истифода шуданд: усули расмӣ-мантиқии шарҳи меъёрҳои ҳуқуқ, усули муқоисавии ҳуқуқӣ, инчунин усули моделсозии назариявӣ ва ҳуқуқӣ.

Усулҳои зикргардида дар маҷмуъ имкон доданд, ки мавзуъ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба, пурра ва объективона таҳқиқ гардида, роҳи ҳалли вазифаҳо муайян шаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои меъёрӣ - ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсиониро Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ, КО ҶТ, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, КЗ ҶТ, Кодекси тандурустии ҶТ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 майи соли 2002, «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ташкил доданд.

**Навоварии илмии кори диссертатсионӣ.** Навоварии таҳқиқоти рисола дар он зоҳир мегардад, ки баррасии падидаи «розигӣ» нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳудуди кишварамон Тоҷикистон мебошад, ки дар он масъалаҳои муайян кардани табиати ҳуқуқи-мадании хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои баён, намудҳои зоҳиршавӣ ва тартиби додани розигӣ муайян ва баррасӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот аз ҷониби диссертант асоснок карда шудааст, ки худ падидаи розигӣ як навъи махсуси амали ҳуқуқӣ шуморида шуда, аз мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар қонун ё шартнома дарҷгардида замина гирифта, амали яктарафаи ифодаи иродаи субъектони муносибатҳои маданӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, навгонӣ дар ташаккули асосноккунии назариявии категорияи розигӣ, шакл, намудҳо, аломатҳо ва оқибатҳои ҳуқуқие, ки

баъд аз анҷом додани амали ҳуқуқӣ бе розигии зарурӣ амалӣ намуда, ба оқибатҳои бе розигии зарурӣ содир кардани амалҳои маданӣ дар асоси таҳлили низомнокии ҳолат ва мушкилоти танзими ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва дурнамои истифодаи он ифодаи махсус зоҳир мегардад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Аз мазмуну моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ба ҳимоя нуқтаҳо, хулоса ва пешниҳодҳои илмии зерин манзур карда мешаванд, ки аз нигоҳи илмӣ барои падидаи розигӣ зарур мебошанд:

1. Асоснок карда шудааст, ки таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва доктриналӣ оид ба шакл, мундариҷа, давомнокии розигӣ ва муносибати мувaққатии он бо амали маъқул донисташаванда нишон медиҳад, ки тартиби додани розигӣ дар қонунгузории маданӣ ба таври бояду шояд ва пароканда танзим гардидааст. Ба розигӣ танҳо дар ҳолате шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он маъқул донистани аҳд ё амали аҳаммияти ҳуқуқидоштаро таъмин намояд.

«Розигӣ» - ин ифодаи иродаи субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, амали ихтиёрӣ ё беамалии аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ва мақоми он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, иштироки мустақили мақомоти давлатии он дар муносибатҳои маданӣ, инчунин ширкат варзидани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар чунин раванд мебошад, ки дар маъқул донистани аҳд ва дигар амалҳои ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ ифода мегардад. Розигии субъектони муносибатҳои маданӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ба монанди дар зоҳир намудани амали яктарафа аз ҷониби субъектон, санадҳои корпоративии қабулшуда (масалан, қарори маҷлиси ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дорои масъулияти маҳдуд), санади маъмурие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти алоҳида ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар минтақаи муайян зоҳир гардад. Пешниҳод мегардад, ки новобаста аз истифодаи «розигӣ» ҳамчун изҳори иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дорои оқибатҳои ҳуқуқӣ

мебошад, дар ҳамаи соҳаҳои мухталифи дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ вуҷуддошта, аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ розигӣ ҳамчун воситаи ягонаи ифодаи иродаи субъектон ва амали маданӣ-ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад, зеро баёни розигӣ асосан дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои аҳаммият ва хусусияти ҳуқуқӣ буда, дар раванди таҳлил ва таҳқиқи илмию амалӣ ва ҳуқуқии он усули анҷом додан, мазмуни ирода ва мақсади иқтисодӣ ба назар гирифта мешавад.

Агар дар қонунгузории амалкунанда барои иҷрои амали ҳуқуқӣ «розигӣ» танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти бо қонун ба ӯ додашуда, ки дар заминаи амалисозии ваколатҳои худ дар муомилоти маданӣ дода шавад, чунин розигӣ тавассути санади маъмурӣ амалӣ карда мешавад.

2. Муайян гардидааст, ки «розигӣ» ифодаи амали ҳуқуқии яктарафаи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ буда, мазмуни содда ва дорои асоси ҳуқуқии мухталиф шуморида мешавад, ки ба субъектони ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва (ё) оммавии худро таъмин намоянд. Ҳамзамон «розигӣ» ифодаи яктарафаи иродаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқии дар қонун пешбинигардида мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ дар муайян намудани эътибори аҳди дахлдор мегардад. «Розигӣ» аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ баёни ҳукуқии субъект ба ҳисоб рафта, қисми ҷудонопазири ҳуқуқи субъективӣ шуморида шуда, ҳамчун ҳуқуқ ба амалҳо ва рафтори шахсӣ буда, дар баъзе мавридҳо дорои хусусияти асосӣ ва ёрирасонӣ мебошад, зеро падидаи мазкур дар ягон маврид тамоми мазмуни асосии ҳуқуқи субъективиро дарбар намегирад, балки танҳо дар механизмҳои амалисозӣ ва ташаккули рафтори субъекти ҳуқуқӣ замина ба вуҷуд меорад.

3. Розигии иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқиро, ки ҳамчун категорияи алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад, аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ вобаста ба навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ, манфиати ҳифзшавандаи субъектони маданӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст. Таснифи розигӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин амалӣ карда мешванд: - шакли ифодаи он,

ки ба воситаи хаттӣ (электронӣ), шифоҳӣ ё баёни ишора; - вақти додани розигӣ ба амали ҳуқуқии маъқул донисташаванда; - намудҳои таркиби муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он зоҳир намудани розигӣ муҳим мебошад; - хусусияти ҳуқуқии амалу рафторе, ки баёни розигӣ дар он зарур мебошад.

4. Муайян гардидааст, ки қонунгузорӣ оқибатҳои ҳуқуқии аҳдҳое, ки бо розигӣ баста шуда, баъдан беэътибор дониста мешавад, муайян намекунад. Агар дар санадҳои ҳуқуқӣ шакли муайяни баёни розигӣ зикр шудааст ва бо вайрон намуни ифодаи шакли муайяни розигӣ баён ёфтааст, чунин розигӣ беэътибор ҳисобида мешавад. Агар ин аҳд аз иродаи як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста бошад, он гоҳ нисбат ба он талаботи дар боби 10 КМ ҶТ муқарраргардида дар хусуси беэътибор донистани аҳдҳои маданӣ татбиқ мешаванд. Барои мисол, аҳде, ки дар натиҷаи расонидани зӯроварӣ (аз ҷумла зӯроварии моддӣ ва маънавӣ), гумроҳӣ ё бо фиреб, таҳдид анҷом дода шудааст, аз лаҳзаи баста шуданаш беоқибат ва дар баъзе мавридҳо беэътибор дониста мешавад. Агар аз ҷониби мақоми иҷроияи шахси ҳукуқӣ санади дохилӣ (локалӣ) қабул гардида бошад, (масалан, қарори умумии аъзоён-иштирокчиёни маҷлис), пас қоидаҳо дар бораи беэътибор донистани қарори дахлдори иштирокчиёни ҷаласа қабул карда мешавад, ки чунин талабот дар қонунҳои дахлдор дар бораи ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ғайра муқаррар шудааст; агар санади маъмурӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатии ҶТ қабул гардида (инчунин, мақоми ҳокимияти маҳаллӣ) бошад, дар чунин ҳолат санади мушаххасе, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ намебошад, тибқи қоидаҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида мавриди баҳс қарор дода мешавад, яъне дар хусуси беэътибор донистани он ба мақомоти судӣ муроҷиат карда мешавад.

Хулоса карда мешавад, ки амалҳои ҳуқуқи мадании бе розигии зарурӣ анҷомдодашуда, дар натиҷа оқибатҳои зерини ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад: - қатъ гардидан (ё бекор гардидан) ва ё тағйир ёфтани (иваз шудани) муносибатҳои ҳуқуқӣ; - дар натиҷа ба вуҷуд наомадани оқибатҳои ҳуқуқӣ ва ё беэътибор донистани аҳд аз ҷониби мақомоти дахлдор; - пайдо

гардидани ҳуқуқи талаби ҷуброни зарар ва ё пардохти ҷарима аз ҷониби ҷабрдида-даъвогар. Беэтибории аҳде, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудааст, чун қоида дар баҳснок будани он ифода меёбад. Беоқибат донистани аҳде, ки ба он розигии зарурӣ дода нашудааст, дар ҳолате ҷой дорад, ки зарурати гирифтани розигӣ ба манфиати шумораи номуайяни шахсон ба амал меояд.

Вобаста ба нуқтаҳои пешниҳодгардида, бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории маданӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, аҳаммияти мазкур дар он дида мешаванд, ки хулосаву пешниҳодҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя манзургардидаро метавон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ-назариявӣ аз ҷониби олимони соҳа, мутахассисон оид ба ин масъалаи падидаи «розигӣ», инчунин, дар раванди омӯзиши он дар донишгоҳу муассисаҳои таълими ба таври возеҳ истифода намуд. Хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти ҳамаҷониба ба даст омадаанд ва он дар рисолаи мазкур матраҳ карда шудааст, на танҳо барои таҳқиқоти нави ҳамаҷонибаи илмии гузаронидашаванда дар мавзуи «розигӣ», балки дар дигар мавзуҳои ҳуқуқи маданӣ метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ истифода гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияву пешниҳодоти дар он овардашударо барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии «розигӣ» истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои донишҷӯён ва аспирантҳо ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои номзадӣ ва мақолаҳои илмӣ оид ба ин мавзуъ муфид бошанд. Илова бар ин, пешниҳодҳо ва асосҳои дар таҳқиқот баёнгардида метавонанд дар амалияи судӣ ҳангоми ҳалли баҳсҳои мушаххас оид ба тартиби додани розигӣ ва оқибатҳои набудани розигии зарурӣ ба назар гирифта шаванд. Хулосаҳое, ки дар таҳқиқоти диссертсионӣ таҳия шудаанд, метавонанд барои такмил

додани меъёрҳои қонунгузории мадани̅, ки ба розигии аҳд, инчунин дигар изҳороти иҷозатдиҳандаи ирода таъсир мерасонанд, истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеи̅ будани донишҳои пайдошуда, дар робитаи диалектикии он бо асарҳои муҳаққиқони соҳа, одоби илмии ҷойдошта ва инъикоси объективонаи механизми танзими ҳуқуқи̅- мадании розиги̅, таҳлили пурраи сарчашмаҳои илмию амалии соҳави̅, татбиқи амалии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илми̅.** Мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. - Ҳуқуқи мадани̅; ҳуқуқи соҳибкори̅; ҳуқуқи оилави̅; ҳуқуқи байналмилалии хусуси̅, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илми̅ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илми̅ дар пешниҳоди роҳҳои иҷрои тамоми вазифаҳои асосии дар доираи диссертатсияи ҳалшаванда, нақши калидии онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ ва тафсири натиҷаҳои бадастомада, ки дар корҳои илмии батабърасида дар нашрияҳои тақризшаванда ироа гардидаанд, таҷассум меёбад. Муаллифи диссертатсия мафҳуму табиати ҳуқуқии розиги̅, намудҳо, шаклҳо, тарзҳои ифода, инчунин, оқибатҳои ҳуқуқи̅-мадании амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд, шарҳу тафсир намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсиони̅ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиноси̅ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои шуъбаи мазкур якчанд маротиба муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Хулоса, натиҷа ва нуқтаҳои асосии дар рисола дарҷгардида дар мақолаҳои илмии нашргашта инъикос ёфтаанд. Оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиони̅ муаллиф дар чандин семинарҳо, конференсияҳои илми̅-

назариявӣ ва илмӣ-амалии зерин бо маърузаҳо баромад намудааст. Аз ҷумла:

–байналмилалӣ:

–Конференесияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон», дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маъруза: «Масоили назариявии категорияи "розигӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ». ш. Душанбе, 12 апрели соли 2024;

–Конференесияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба соли Маърифати ҳуқуқӣ дар мавзуи: «Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният» дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маърӯза: «Мафҳум ва аҳаммияти розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш. Душанбе, 19 апрели соли 2024;

–ҷумҳуриявӣ:

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар мавзуи "Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ». Маърӯза: "Проблемаҳои муайяннамоии «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 25-26 апрели соли 2024;

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Дар мавзуи: "Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ – иқтисодии заминистифодабарӣ». Маъруза: "Аҳаммияти категорияи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш. Душанбе, 11-уми майи соли 2024;

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Маърифати ҳуқукӣ – омили асосии риояи меъёрҳои қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Маъруза: Фаҳмиши маърифати ҳуқуқӣ аз нигоҳи

қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ, бахшида ба “Соли маърифати ҳуқуқӣ.» (17-уми феврали соли 2024). ш. Душанбе;

–Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Ҳифзи забонҳои модарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.» Маъруза: Нақши забон дар сифат ва самаранокии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон. (21-уми феврали соли 2024). ш. Душанбе;

–Конференесияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба соли Маърифати ҳуқуқӣ «Масоили ташаккули маърифати ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ». Маъруза: «Фаҳмиши меъёри ҳуқуқ дар замони муосир ҳамчун омили ташаккули маърифати ҳуқуқӣ». дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. ш. Душанбе, 19 апрели соли 2024;

–Конференсияи ҷумҳуриявӣ-илмӣ оид ба рӯзи кӯдак дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маъруза: “Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». 31.05.2025;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Истиқлолияти давлатӣ – таҳкимбахши давлати ҳуқуқбунёд» бахшида ба 33 – юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маърӯза: “Розигӣ дар муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ ва ташаккулёбии он дар низоми ҳуқуқии муосир». Дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 3-уми сентябри соли 2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Тоҷикистон», бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон ва соли маърифати ҳуқуқӣ. Маъруза: “Риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми гирифтани “розигӣ» дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ». Дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 3 декабри соли 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмии унвонҷӯй дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба чоп расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, номгӯйи ихтосораҳо ва аломатҳои шартӣ, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии дисертатсия 197 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ РОЗИГӢ ВА ИФОДАИ ИРОДА ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

## 1.1. Мафҳуми «розигӣ» ва аҳаммияти он дар ҳуқуқи маданӣ

Истилоҳи «розигӣ» ҳамчун категорияи муҳими ҳуқуқи маданӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ мавзуи марказӣ ба ҳисоб рафта, аҳаммияти муҳимро дорост. Мутобиқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд ва давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқукӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад»[1]. Кафолати ин ҳуқуқҳо бошад дар моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.» [1].

Дар таҷрибаи судӣ амалҳое ба назар мерасанд, ки розигиро сарфи назар карда, қарор қабул карда шудааст ва дар натиҷа чунин қарорҳо аз ҷониби суд беэътибор дониста шудаанд. Мисол, бо ҳалномаи суди вилояти Суғд аз 9 июни соли 2021 бо даъвои Нарзиев Нарзӣ Анварович бо ҷавобгарии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, Ашуров Худойқул Ҷумаевич, Идораи натариалии давлатии ноҳияи Айнӣ, ҶДММ ТА КМ «Анзоб», КДФ Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Айнӣ оид ба беэътибор донистани қарорҳои раиси ноҳия, қарори маҷлиси умумии саҳомон ва иттифоқи касабаи ҶСНК «Комбинати маъдантозакунии кӯҳии Анзоб», манзилномаҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлати додашуда, шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки дар

идораи нотариалӣ ба расмият даровардашуда, шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқуле, ки аз ҷониби корхонаи фаръии дахлдор додашударо баррасӣ намуда, даъвои Нарзиев Н.А. қонеъ карда шуда, қарорҳои зикргардида, беэътибор дониста шудаанд [222].

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 64 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳолатҳое, ки бо санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаи граждании қаблан баррасигардида муқаррар шудаанд, барои суд ҳатмӣ буда, онҳо ҳангоми баррасии дигар парвандаи гражданӣ, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешаванд ё мавриди баҳс қарор намегиранд».

Аз ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи суди ноҳияи Айнӣ аз 11 октябри соли 2006 бармеояд, ки даъвои Нарзиев Н.А. ба ҷавобгарии Ашуров Ҷумъабой оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ қонеъ карда шуда, Ашуров Ҷ. бо тамоми аъзои оилааш аз манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Зарафшон, кӯчаи И.Сомонӣ бинои №10, хонаи №39 кӯчонида шуда, роҳбарияти ҶСНК «Комбинати маъдантозакунии кӯҳии Анзоб» вазифадор карда шудааст, ки Ашуров Ҷ.-ро бо аҳли оилааш бо манзили истиқоматӣ таъмин намояд.

Аз ордери таҳти №1031, аз 12 ноябри соли 1998, ки аз ҷониби ҶСНК «Комбинати маъдантозакунии куҳии Анзоб» (ҳозира ҶДММ ТА КМ «Анзоб») ба Ҳоҷиева Идигул бо назардошти се нафар аъзои оилааш дода шудааст, бармеояд ки ба номбурда барои ишғоли манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Зарафшон, кӯчаи Ҷ.Қобилов, бинои №10, хонаи №39 ордер дода шудааст.

Суди марҳилаи якум муайян намудааст, ки марҳум Ҳоҷиева И. пас аз гирифтани манзилнома бо аъзоёни оилааш, яъне бо ҳамсараш даъвогар Нарзиев Н.А. ва фарзандонаш ба манзили мазкур маскун шуда, дар онҷо то рӯзи вафот карданаш истиқомат кардааст.

Тибқи талаботи моддаи 41 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ордер танҳо барои хонаи холӣ ва алоҳидаи истиқоматӣ дода мешавад. Суди марҳилаи якум дуруст хулосабарорӣ намудааст, ки ҷавобгар ҶДММ

ТА КМ «Анзоб» талаботи моддаи 52 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон намуда, ҳуқуқи истифодаи манзили аъзоёни оилаи кироягир, яъне ҳамсари даъвогар Нарзиев Н.А. ва фарзандони Ҳоҷиева И.-ро бо тариқи судӣ маҳрум накарда, бо қарори якҷояи саҳомон онҳоро аз ҳуқуқи истифодаи манзил маҳрум донистааст.

Суд қарори маҷлиси якҷояи маъмурият ва иттифоқи касабаи ҶСНК «Комбинати маъдантозакунии куҳии Анзоб» аз 30 сентябри соли 2002-ро нодуруст қонунӣ ва беасос ҳисоб кардааст, зеро комбинат расмиёти маҳрум намудани кироягирро аз ҳуқуқи истифодаи манзил вайрон намуда, бе салоҳияти бо қонун пешбинишуда, ордери марҳум Хоҷаева И.-ро дар асоси қарори якҷояи маъмурият ва иттифоқи касаба бекор намудааст. Ҳоло он, ки тибқи талаботи қонун ин расмиёт танҳо бо тариқи судӣ бояд амалӣ мегашт.

Мувофиқи талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил» манзилро ба моликияти шаҳрвандон мақоми дахлдори ҳокимияти маҳаллии иҷроия (ҳукумат), вале фонди манзилии моликияти ҷумҳуриро бо розигии мақоми идораи амволи давлатӣ медиҳад, мефурӯшад ва ба расмият медарорад.

Суди марҳилаи якум дуруст ба хулоса омада протоколи маҷлиси комиссияи манзилии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ аз 11 майи соли 2010, қарори раиси ноҳияи Айнӣ таҳти №126 аз 1 июни соли 2010 ва ордери таҳти №395 аз 9 июли соли 2015 оид ба ҳуқуқи гирифтани манзил дар ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Зарафшон-1 кӯчаи Ҷ.Қобилов, хонаи №10, ҳуҷраи №39-ро ба номи Ашуров Ҷума бекор ва беэътибор донистааст. Зеро чӣ тавре суди марҳилаи якум аз далелҳои хаттӣ муайян намудааст, ки чунин протоколи комиссияи манзили вуҷуд надорад, ки ин ҳолатҳо бо мактубҳои ҷавобии бойгониҳои давлатӣ ва раиси ноҳияи Айнӣ тасдиқ гаштааст.

Ғайр аз ин, аз ҷавобҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон суди марҳилаи якум муайян намудааст, ки барои хусусигардонии манзили истиқоматии болозикршуда

ба кумитаи мазкур муроҷиати Ашуров Ҷ. ворид нагардидааст ва кумита розигиро барои хусусигардонии ин манзили истиқоматӣ, ки моликиятӣ ҷумҳуривӣ ҳисоб меравад надодааст.

Ҳамаи ин шаҳодати он мебошад, ки Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ моликияти хусусиро дахлнопазир эълон намуда, гирифтани молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ танҳо дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраааш имконпазир медонад. Яъне, дар ин ҷо «розигии соҳиби молу мулк» омили калидӣ мебошад. Аз мазмуни ин меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳангоми амалӣ намудани ин ҳуқуқ бояд ду омил ба инобат гирифта шавад: якум, асоси қонунӣ, ки дар ин ҷо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори раисони ВМКБ, ш.Душанбе, шаҳру ноҳияҳо (дар ҳудуди маъмурии дахлдор) оид ба гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлат ё ҷамъият дар назар дошта шудааст; дуюм, розигии шахс. Ҳангоми набудани ин ду таркиби меъёр, ба андешаи мо, ин ҳуқуқ амалӣ карда намешавад, яъне ин маънои онро дорад, ки Конститутсия ҳуқуқи мақомоти ҳокимияти далатиро барои ба суд муроҷиат карда, ҳал намудани ин ихтилофот, маҳдуд намудааст.

Дар асарҳои илмии олимони мухталиф тавсифи доктриналии мафҳуми «розигӣ» ду намуди амалҳоро дар бар мегирад: амалҳои дар ҳуқуқии маданӣ (қонуни маданӣ) пешбинишудае, ки розигиро талаб мекунанд ва амалҳое, ки ба додани розигӣ вобаста мебошанд [198]. Вобаста ба ин, шарти зарурии таҳлили низомноки «розигӣ», омӯзиши моҳияти ҳуқуқии амали субъектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад. Амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ дошта ба амалҳои ҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ тақсим мешаванд. Ҳамзамон дар адабиёт қайд карда мешавад, ки амалҳои ҳуқуқӣ амалҳое мебошанд, ки ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқат мекунанд, ҳуқуқвайронкуниҳо бошанд, кирдорҳои вайронкунандаи ин меъёрҳо мебошанд [98, с. 105; 95, с. 42-44].

Муайян намудани ҳуқуқи будан (ё, баръакс ғайриконунӣ будан) амали субъектҳои ҳуқуқи маданӣ дар раванди ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ

аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Тавре таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, натиҷаи ниҳоии баррасии парвандаҳои маданӣ бевосита аз натиҷаи баҳодиҳии судӣ ба қонунӣ будани амали даъвогар ва ҷавобгар вобаста аст. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии даъвогар танҳо дар сурати қонунӣ будани амали худи ӯ ҳифз карда мешаванд.

Аммо моддаи 310 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-КМ ҶТ), ки ба яке аз намуди масъалаи қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул дахл дорад ва он ба гирифтани қитъаи замин ва захираҳои табиии дигар воабстагӣ дорад, ин масъаларо камтар ба таври дигар танзим намудааст. Мутоқиби муқаррароти қисми 1 ва 2 моддаи 310 КМ ҶТ «1. Қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул вобаста ба қарори мақомоти давлатӣ, ки мақсади бевосита гирифтани ашёро аз молик надорад, аз ҷумла қарори гирифтани қитъаи замин, ки дар он хона, сохтмони дигар ва дарахтзори молик ҷойгир шудаанд, танҳо тибқи ҳолат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун сурат гирифта, ба молик ашёи баробарарзиш дода мешавад ва дигар зиёни расида ба он ҷуброн мегардад ё тамоми зиёне, ки вобаста ба қатъи ҳуқуқи моликият расонда шудааст, дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад. 2. Ҳангоми норозӣ будани молик аз қароре, ки боиси қатъи ҳуқуқи моликият мегардад, он то замони бо тартиби судӣ ҳал шудани баҳс амалӣ карда намешавад. Ҳангоми баррасии баҳс инчунин ҳамаи масъалаҳо вобаста ба ҷуброни зиёни расонда ба молик бояд ҳал гарданд.» [1]. Айнан чунин меъёр дар Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КЗ ҶТ) [5] низ дида мешавад, ки он дар «Боби 5. Қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин» ном дорад ҷой дода шудааст. Масалан, дар моддаи 38[1], ки ба масъалаи қабули санади дорои хусусияти ҳатмӣ аз ҷониби ҳукумати маҳаллӣ оид ба гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ муқаррар шудааст, ки «Қарорро дар бораи гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мекунанд. Дар сурати бо қарор дар бораи гирифтани қитъаи замин розӣ набудани

заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба қитъаи замин, вай ҳуқуқ дорад ба суд бо даъво муроҷиат намояд».

Агар мо ба мазмуни ин меъёрҳо назар афканем, пас маълум мегардад, ки дар онҳо истилоҳи «розигӣ» дида намешавад, ки ба андешаи мо, ин як дараҷа ҳуқуқи шахсро ба ҳуқуқи моликият ва истифодаи замин маҳдуд намуда истодааст. Дар муқаррароти м. 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шудааст, ки: «Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.». Илова бар ин, муқаррароти қ. 2 м. 310 КМ ҶТ ва м. 38(1) КЗ ҶТ, ки ҳалли судии ин масъаларо пешбинӣ намудааст, ба андешаи мо аз доираи муқаррароти меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чунин тартиби ҳалли масъаларо пешбинӣ намекунад, берун баромадааст.

Агар мо ба муқаррароти м. 1162 КМ ҶТ, ки «Бартараф намудани монеаҳо ҳангоми сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ» ном дорад, назар афканем, пас маълум мегардад, ки ин масъала танҳо бо розигии соҳибмулк ва дар асоси қонун ҳал мегардад. Аз ҷумла, дар қ. 1 ва 2 ин модда омадааст, ки: «Ҳангоми пайдо шудани монеаҳо дар раванди сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ширкати сохтмонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ онҳоро бартараф менамояд. 2. Ширкати сохтмонӣ зарари молумулкии ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расондашударо, ки ҳангоми бартараф намудани монеаҳо ба вуҷуд меояд, бо розигии онҳо тибқи қонунгузорӣ ҷуброн менамояд.». Мутобиқи муқаррароти м. 43 КЗ ҶТ бошад, «Тартиби ҷуброни зарари заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин ва талаф вобаста ба гирифтани заминҳо аз гардиш ҳангоми гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.». Илова бар ин мутобиқи м. 189 КМ ҶТ, аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, беэътибор

мебошад, яъне гирифтани розигӣ дар чунин ҳолатҳо омили асосӣ арзёбӣ мегардад.

Дар асоси ҳалномаи суди ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе аз 22-уми феврали соли 2024 [214] бо даъвои ҶДММ «АБР Текстил» бо ҷавобгарии Аюбова Хосият Байтураевна, ҳамчавобгарон Парвинаи Зафарзода, Ганҷинаи Зафархон ва тарафи манфиатдор Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бо додани маблағи ҷуброни бартарафсозии хонаи истиқоматӣ ва аризаи даъвогии муқобили даъвои Аюбова Хосият Байтураевна бо ҷавобгарии ҶДММ «АБР Текстил» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар бораи бэеътибор донистани қарори раиси ш. Душанбе, талаби ҷуброни зарар барои бартарафи манзили истиқоматӣ дар намуди додани манзил дар биноҳои истиқоматии баробарарзиш бо пардохти ҳама хароҷотҳо вобаста ба бартарафкуниро баррасӣ намуда, қарор мекунад, ки даъвои ҶДММ «АБР Текстил» бо ҷавобгарии Аюбова Хосият Байтураевна, ҳамҷавобгарон Парвинаи Зафарзода, Ганҷинаи Зафархон ва тарафи манфиатдор макомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бо додани маблағи ҷуброни бартарафсозии хонаи истиқоматӣ қонеъ карда шавад.

Аз ҳисоби ҶДММ «АБР Текстил» ба фоидаи Аюбова Хосият Байтураевна маблағи ҷуброни бартарафсозии манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Абдулло Камандир хонаи №56/9, ба андозаи 700000 (ҳафтсад ҳазор) сомонӣ рӯёнида шавад.

Маблағи 700 000 (ҳафтсад ҳазор) сомонӣ ба ҷавобгар Аюбова Хосият Байтураевна супорида шавад ё дар суратҳисоби КВД «Бонки амонатгузории Ҷумхурии Точикистон «Амонатбонк» гузошта шавад.

Ҷавобгар Аюбова Хосият Байтураевна, ҳамҷавобгарон Парвинаи Зафарзода, Ганҷинаи Зафархон бо аҳли оилаашон аз хонаи истиқоматӣ

вокеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Абдулло Камандир хонаи №56/9, кӯчонида шаванд.

Даъвои муқобили Аюбова Хосият Байтураевна бо ҷавобгарии ҶДММ «АБР Текстил» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар бораи беэътибор донистани қарори раиси ш. Душанбе, талаби ҷуброни зарар барои бартарафи манзили истиқоматӣ дар намуди додани манзил дар биноҳои истиқоматии баробарарзиш бо пардохти ҳама хароҷотҳо вобаста ба бартарафкунӣ, рад карда шавад.

Ҷавобгар Аюбова Хосият Байтураевна, ҳамҷавобгарон Парвинаи Зафарзода ва Ганҷинаи Зафархон бо ҳалномаи суд розӣ нашуда, ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании суди шаҳри Душанбе шикояти кассатсионӣ овардааст. Ҷавобгар Аюбова Хосият Байтураевна дар шикояти кассатсионии худ ҳалномаи судро беасос ва ғайриқонунӣ эътироф намуда, бекор кардани онро бо асосҳои зерин хоҳиш намудааст. Ҷавобгар Аюбова Хосият Байтураевна даъвои ҶДММ «Абр Текстил»-ро эътироф накарда, аризаи даъвогии мукобили даъво пешниҳоднамудаашро дастгирӣ намуда, қайд кардааст, ки ӯ талаботи қарори раиси шаҳри Душанберо таҳти №32 аз санаи 26.01.2022 эҳтиром мекунад ва шод аст, ки шаҳри Душанбе боз ҳам зеботар шуда истодааст. Дар навбати худ, аз ҷониби даъвогар ҶДММ «Абр Текстил» хуб мешудааст, ки ӯ низ муқаррароти банди 3-и қарори раиси шаҳри Душанбе таҳти №32 аз санаи 26.01.2022 солро иҷро намояд, зеро дар он чунин қайд карда шудааст: ҶДММ «Абр Текстил» баҳри ҳифзи ҳуқуқии сохибмулкон ва таъмини адолати иҷтимоӣ ҷуброни зарари бартарафкунии биноҳоии истиқоматии пастошёна ва иншооти мавҷударо тибқи қонун барқарор, инчунин розигии соҳибмулкони хонаҳои истиқоматиро оид ба таъмини онҳо бо манзилҳои истиқоматии муваққатӣ ва шартномаҳоро бо соҳибмулкони онҳо бо мақсади бартарафсозӣ бо шарти минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи моликият ба манзилҳои истиқоматӣ дар биноҳои ҳудуди шаҳри Душанбе, тариқи нотариалӣ ба расмият дароварда, ҷуброни зарари бартарафкуниро тибқи нархҳои муқарраршуда пардохт намояд. Даъвогар ҶДММ «Абр

Текстил», ба ӯ ҷуброни бартарафсозии манзили истиқоматиашро дар намуди додани манзили истиқоматӣ дар биноҳои истиқоматии бисёрхонадори баландошёнаи навсохтмон намехостааст диҳад ва ҳамзамон шартҳои якҷонибаи худро пешниҳод доштааст, ки зиёни моддӣ ва маънавӣ ба соҳибмулк мерасонидааст. Мутобиқи хулосаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №14-933/23 (№1280) аз санаи 24.05.2023 сол масоҳати умумии қитъаи замини истиқоматии ӯ воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Абдулло Камандир, хонаи 56-9, иборат аз 130,0 метри мураббаъ, масоҳати зери сохтмонҳо 104,8 метри мураббаъ, масоҳати саҳни ҳавлӣ 25,2 метри мураббаъро ташкил медодааст.

Инчунин, арзиши манзили истиқоматии ӯ аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кам ба маблати 683670 (шашсаду ҳаштоду се хазору шашсаду ҳафтод) сомонӣ ҳисоб карда шудааст, ҳоло он ки арзиши манзили истиқоматии ӯ мувофиқи минтақаи ҷойгиршавиаш бо нархи гаронтар ба фурӯш мерафтааст. Ӯ аз даъвогар ҶДММ «Абр Текстил» хоҳиш намудааст, ки аз ҷойи манзил ва таъмири хубашро ба инобат гирифта, ӯро дар хонаҳои серошёнаи навбунёди маркази шаҳри Душанбе бо хонаи ободу таъмири сифати хуб дошта таъмин намояд. Вале ҶДММ «Абр Текстил» хоҳиши ӯро ба инобат нагирифта, нисбати масъалаи интихоби намудҳои ҷуброни зарар вобаста ба бартарафсозии хонаи истиқоматиаш ба ӯ соҳибмулк ягон маслиҳату гуфтушунид накарда, бараъкс, ба таври худаш амал карда, ба ҷойи он ки ӯро бо хона таъмин намояд, ба хилофи талаботи қарори раиси шаҳри Душанбе амал намуда, ҳуқуқҳои ӯро ба моликият поймол намудааст. Даъвогар ҶДММ «Абр Текстил» барои ҳар чи зудтар расидан ба ҳадафи худ, яъне фикри бартарафсозии манзили истиқоматӣ ва кӯчонидани ӯ ва аҳли оилаашро кардааст. Ба ӯ маблағ лозим нест, ӯ мехоҳад, ки дар ҷойи манзили истиқоматии бартарафшаванда, дар бинои манзили истиқоматии навсохташаванда, ба ӯ манзили истиқоматӣ бо масоҳати баробар ба

манзили истиқоматиаш диҳанд. Дар давраи сохтмони бинои истиқоматӣ ӯ маҷбур мешавад, ки кӯчида равад ва дигар манзили истиқоматиро муваққатан ба иҷора гирад. Даъвогар фикр накардааст, ки кӯчидани ӯ ба манзили истиқоматии муваққатӣ хароҷотҳои иловагиро ба вуҷуд меорад, дар намуди фармоиш намудани автомобили боркаш, коргарон барои кашонидани моликияти шахсиаш ва наздиконаш, ки ин хароҷотҳо ҳам дар давраи кӯчидан ва ҳам дар давраи даромадан ба манзили истиқоматии нав, ба вуҷуд меоянд. Ӯ ва аҳли оилааш, дар манзили истиқоматии пастошёна (ҳавлӣ) зиндагонӣ мекунанд. Даъвогар ҶДММ «Абр Текстил»-ро мебоист, ки ба ӯ то замони ба охир расидани сохтмони бинои истиқоматии навсохташаванда, бевосита дар минтақаи ноҳияи И.Сомонӣ, ш. Душанбе, манзили истиқоматии пастошёна (ҳавли)-ро, ки бо масоҳати манзили истиқоматии ӯ баробар аст, пайдо намуда, ба ӯ пешниҳод мекардааст, ки масъалаи иҷораи манзили истиқоматӣ, дар давраи сохтмони бинои навсохташаванда ҳалли худро меёфтааст, аммо чунин пешниҳод ворид нагардидааст. Даъвогар ҶДММ «Абр Текстил» мехоҳад, ки бар ивази ҳавлии обод, ки ӯ дар он зиндагонӣ карда истодааст, ба ӯ маблағи ночиз диҳад ва манзили истиқоматии ӯро бартараф намояд. ҶДММ «Абр Текстил» аз бартараф намудани манзили истиқоматии ӯ даромади хуб ба даст меорад. ҶДММ «Абр Текстил» имконият дорад, ки талаботҳои даъвогии ӯро иҷро кунад ва ин амал аз рӯи адолат аст. Ӯ барои худ ва наздиконаш чизи зиёдати талаб надорад. Бинобар ин аз суд хоҳиш дорад, ки даъвои ҶДММ «Абр Текстил» рад карда шуда, даъвои муқобили даъво пешниҳодкардаи ӯ қонеъ карда шавад.

Чи тавре ки ишора карда шуд, тибқи муқаррароти моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраш давлат гирифта метавонад. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ,

ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо руёнида мешавад».

Аз таҳлили парвандаи судии омӯхташуда бармеояд, ки суд ҳангоми баррасӣ ва қабули ҳалнома ба якчанд мсъалаҳои муҳим, ки дар меъёрҳои Конститутсия, Кодекси маданӣ ва қарори раиси шаҳри Душанбе ҷой доранд, ба инобат нагирифтааст:

1. Муқаррароти конститутсия:

а) танҳо дар асоси талаботи қонун гирифтани молу мулки шахсӣ бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ё давлатӣ имконпази аст;

б) ҳангоми гирифтани молу мулки шахс дар як маврид ифодаи розигии соҳиби он, яъне розигии соҳибмулк ҳатмӣ мебошад;

в) дар натиҷаи иҷрои ду шарти болозикр боз иҷрои шарти дигар ба монанди пардохти арзиши молу мулки гирифташаванда зарур мебошад;

г) дар ҳолати риоя нагардидани шартҳои зикргардида шахс ҳуқуқ дорад товони зарари моддӣ ва маънавие, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва ё дигар шахсони воқеӣ ба ӯ зарар расонида шудааст, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо тибқи тартиби муқарраршуда руёнида мешавад.

2. Дар асоси қонун:

а) бо қабули санади дахлдор аз ҷониби мақомоти давлатӣ қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул амалӣ мегардад, ки мақсади асосии қабули чунин қарор бевосита ба гирифтани ашё аз молик равона нагардидааст, аз ҷумла қарори дар хусуси гирифтани қитъаи замине, ки дар он иншоот ва боғ молик ҷойгир шудаанд;

б) гирифтани ашё аз молик танҳо тибқи ҳолат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ гардида, ба ӯ ашёи баробарарзиш дода мешавад ва ҳама намуди зиёни ба вай расонидашуда аз ҷониби шахси гунагор ҷуброн мегардад ё ба125 тaври маҷмӯъ зиёни ба қатъи ҳуқуқи моликият расида дар ҳаҷми пурра талофи мегардад;

в) бо тартиби судӣ ҳал намудани баҳс ҳангоми норозӣ будани молик аз ҳолати гирифтани ҳуқуқи моликияти ӯ ба молу мулк дар натиҷаи қабули

қарори моқомоти давлатӣ, ки ҳуқуқҳои ӯро поймол намудааст. Дар ҳолати дар аризаи даъвогӣ мавҷуд будани талабот барои ҷуброни зарар, ки ба молик расонида шудааст, метавонад ҳал карда шавад, яъне дар як мурофиа баррасӣ намудани масъалаи ҷуброни зарар имконпазир мебошад.

3. Дар асоси розигии соҳибмулк:

а) аҳд нисбат ба моликияте баста шудааст, ки ба моликияти муштарак ё умум дахл дорад, яъне мухолиф ба талаботи қонун бе розигии шахси сеюм, муассис ё саҳомони шахси ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, маҳаллӣ ё худидоракунӣ анҷом дода шудааст, баҳснок ҳисобида мешавад;

б) он аҳд бо пешниҳоди аризаи давогии соҳибмулк ё шахсони дигари дар қонун зикршуда дар асоси санади дахлдор, беэътибор дониста мешавад;

в) аҳд бе розигии шахси сеюм, муассис ё саҳомони шахси ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, маҳаллӣ ё худидоракун баста шудааст, беэътибор дониста мешавад, агар исбот шавад, ки дар чунин ҳолат оид ба мавҷуд будани розигӣ шахсони онро ба имзо расонанда медонистанд ё мебоист донанд;

г) шахсе, ки ҳангоми бастани аҳди баҳснок розигии худро изҳор намудааст, аз ҳуқуқи мавриди баҳс қарор додани аҳд аз рӯйи ҳолатҳои медонист ё мебоист донад, ғайриимкон мегардонад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки:

- якум, дар ҳолати баррасишаванда асоси қонунӣ ҷой дошт, яъне қарори раиси шаҳри Душанбе дар бораи гирифтани қитъаи замин ва бартараф намудани молу мулки ғайриманқул (ҳавлии истиқоматӣ). Дар қарори  раиси шаҳри Душанбе дар бораи гирифтани қитъаи замин ва бартараф намудани молу мулки ғайриманқул муқаррароте ҷой дода шудааст, ки ташкилоти сохтмонӣ то супориш додани нақшаи лоиҳакашӣ бояд розигии хаттии соҳибмулконро мегирифт ва баъд ба корҳои сохтмонӣ машғул мешуд, аммо ташкилоти сохтмонӣ ин тартибро риоя накарда, лоиҳаро омода намуда, корҳои сохтмониро оғоз намуда, пас барои гирифтани розигии соҳибмулк муроҷиат намудааст. Гарчанде асоси

қонунӣ ҷой дошта бошад ҳам, аммо тартиб ва қоидаҳои он риоя нашудааст;

- дуюм, розигии соҳибмулк ба таври дахлдор, яъне дар шакли хаттӣ тартиб дода нашудааст;

- сеюм, дар мавриби бастани аҳд байни соҳибмулк ва шахси дигар доир ба пардохти арзиши пурраи молу мулк ягон хел мувофиқаи хаттӣ вуҷуд надорад ва молик дар хусуси арзиши муайянкардашудаи тарафи дигар комилан норозигии худро ба таври дахлдор баён намудааст;

- чорум, дар аҳди басташаванда муқаррарот дар хусуси товони зарари моддӣ ва маънавии ба шахс расонидашуда дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайраҳо, умуман пешбинӣ карда нашудааст.

Суд бошад, ҳангоми баррасӣ ва қабули ҳалнома ба ҳолатҳои дарҷгардида ё баҳои ҳуқуқӣ надодааст ё онҳоро madди назар кардааст.

Ба андешаи мо, дар чунин ҳолатҳо судҳо бояд меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбари гирифта, масъаларо ҳал намоянд. Чунки дар асоси муқаррароти м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқукие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд».

Вобаста ба ин меъёрҳои дарҷгардида дар банди 39-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 тасдиқномаи худро ёфтааст (консепсияи мазкур бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.02.с.2018, №1005 тасдиқ шудааст), ки: «дар муомилоти маданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад.» [4].

Ҳамин тавр, дар КМ ҶТ меъёри махсус оид ба истилоҳи «розигӣ» ба вуҷуд омадааст, аммо қонунгузор ворид намудани чунин тағйиротро ба

Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мадди назар намудааст, ки он ихтилофҳоро байни меъёрҳои қонунгузорӣ ба миён оварда, то андозае барои амалишавии ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ маҳдудиятҳоро мушоҳида менамоем.

Дар м. 189 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки: «Аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, агар чунин «розигӣ» тибқи қонун зарур бошад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки он беоқибат аст ё барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Он аз рӯйи даъвои шахсони мазкур ё шахсони дигари дар қонун зикршуда беэътибор дониста мешавад. Аҳди баҳсноке, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, беэътибор дониста мешавад, агар исбот шавад, ки тарафи дигари аҳд дар вақти анҷом додани он дар хусуси набудани розигии зарурии чунин шахс медонист ё мебоист донад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ. Шахсе, ки розигии зарурии бо қонун пешбинишударо барои анҷоми аҳди баҳснок додааст, наметавонад онро бо асосҳое, ки дар лаҳзаи изҳори розигӣ медонист ё мебоист донад, мавриди баҳс қарор диҳад.» [129, с. 48-52].

Аммо ин маънои онро надорад, ки истилоҳи «розигӣ» дар дигар меъёрҳои КМ ҶТ ва дигар қонунгузориҳое, ки муносибатҳои ҳуқуқии маданиро ба танзим медароранд (қонунгузории оилавӣ, манзил, замин, тандурустӣ, меҳнат ва ғ.) ҷой надорад. Баръакс, агар мо ба мазмуни қ. 1 м. 2-и КМ ҶТ зикр шудааст, ки «Муносибатҳое, ки қонунгузории маданӣ танзим менамояд» ном дорад, назар афканем, пас маълум мегардад, ки истилоҳи «розигӣ» маҳз аз он бармеояд. Дар қисми 1-и ин модда мазкур, пешбинӣ шудааст, ки «Қонунгузории маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиеро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асос ёфтаанд, танзим менамояд.»[4]. Дар ин ҷо мафҳумҳои «мухторияти ирода», «баробарӣ»,

«мустақилияти молумулкӣ» ҷой дода шудаанд, ки маҳз «мухторияти ирода», ки розигии субъектони муносибатҳои мадании молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ифода менамояд ва ба «баробарӣ» ва «мустақилияти молумулкӣ»-и онҳо асос ёфтааст, муносибатҳое мебошанд, ки қонунгузории маданӣ танзим менамояд. Аз ин бармеояд, ки муносибатҳои маданӣ, муносибатҳое мебошанд, ки пеш аз ҳама ба розигии тарафҳои аҳдҳои маданӣ асос ёфтаанд.

Аммо то ҳол мафҳум ва хусусиятҳои чунин категорияи ҳуқуқи маданӣ ба мисли «розигӣ» мавзуи таҳқиқоти илмии мустақил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нагардидааст, гарчанде баъзе аз паҳлуҳои назариявӣ ва амалии он дар асарҳои олимони тоҷик, ба монанди Ойгензихт В.А. [81], Усмонов О.У. [108], Тағойназаров Ш.Т., Маҳмудов М.А. [66], Раҳимзода М.З. [88; 79, с. 4-40], Removed Бобоҷонзода И.Ҳ. [33; 34; 29; 32; 31], Муртазозода Ҷ.С. [72], Соҳибзода М.М. [101] ва дигар муаллифон ва ғайраҳо мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Илова бар ин, ин истилоҳ дар қонунгузории муосири Тоҷикистон хеле зиёд дида мешавад. Аз ҷумла, истилоҳи «розигӣ» дар КМ ҶТ, дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбъад - КО ҶТ), ҳамзамон чунин истилоҳот дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбъад - КЗ ҶТ), Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбъад- КТ ҶТ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хеле зиёд ба назар мерасанд.

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳуми «розигӣ» чунин маънидод шудааст: 1) иҷозат, ҷавоби мусбат ба дархост; 2) ҳамфикрӣ, умумияти нуқтаи назар; 3) муносибати дӯстона, якдилӣ; 4) мутаносибӣ, созгорӣ омадаст [110]. Ҳамин тариқ, калимаи «розигӣ» дар забони тоҷикӣ якчанд маъно дорад. Ин ҳолат мавҷудияти тафовут дар мазмуни сермаъногии категорияи баррасишавандаро аз нуқтаи назари танзими ҳуқуқи маданӣ муайян мекунад.

Воқеан, истилоҳи «розигӣ» миқдори зиёди амалҳои гуногунтаркибро ифода мекунад. Равшан аст, ки доираи татбиқи розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ

на фақат ифодаи иҷозатдиҳии иродаи иҷозат барои иҷрои ҳама гуна амал, балки дар баъзе мавридҳо ба ғайр аз анҷоми муомилот изҳори «розигӣ» маънои тасдиқи бавуҷудоии натиҷаҳои ҳуқуқии дигарро дар назар дорад ва дар фурсате «розигӣ» ҳамчун иҷозат додан барои гузаронидани амали мушаххас имконият медиҳад. Дар ин маврид «розигӣ» «...метавонад ба амали дигарон ё амали худи шахсе, ки розигии худро баён мекунад, дахл дошта бошад» [201, с. 209]. Ба ғайр аз ин, «... розигиро метавон ба ифодаи иродаи як шахс ё ифодаи ба ҳам мувофиқ омадани иродаи якчанд иштирокчии як тараф, ки манфиати муштарак доранд, кам кард» [88; 79, с. 4-40].

Дар таҳқиқотҳои илмии баъзе олимон ҳолатҳое ҷой доранд, ки розигиро дар мавриди муносибатҳои гуногун, ба монандӣ, изҳори розигии кредитор барои гузаштани талабот ба дигар шахс, розигии қарздеҳ-гаравгир барои иваз намудани намуди уҳдадории таъминшуда ва ғайра баррасӣ мекунанд. Дар чунин таҳқиқотҳо категорияи баррасишаванда аз нуқтаи назари табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва хусусиятҳои хоси «розигӣ» ва мафҳуми «розигӣ» аз доираи таҳлили илмию ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода нашудаанд, зеро бештар таваҷҷӯҳи муаллифон дар таҳқиқотҳои худ кӯшиш намудаанд, ки проблемаҳои амалии изҳори «розигӣ»-ро баррасӣ намуда, шакли баёни онро дар ҳолатҳои дахлдор мутамарказона ҳал намоянд. Аз нуқтаи назари технологияи ҳуқуқӣ истилоҳи «розигӣ» маъмулан истифода мешавад, аз ин рӯ, пеш аз гузаштан ба таҳлили ҳуқуқии мафҳуми мавриди назар, зарур аст, ки маънои ғайриҳуқуқии онро фаҳмем.

Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун барои анҷом додани аҳд розигии субъекти ҳуқуқи маданӣ, ки дар аҳд иштирок намекунад (шахси сеюм) ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти давлатӣ ё шаҳрванд талаб карда мешавад (м. 189 КМ ҶТ). Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории ҷорӣ ҳолатҳое хеле зиёданд, ки зарурати гирифтани чунин розигӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, мутобиқи муқаррароти м. 325 КМ ҶТ «иштирокдорони моликияти якҷоя, агар дар созишномаи онҳо тартиби дигар пешбинӣ

нашуда бошад, молу мулки умумиро бо розигии мутақобила соҳибӣ ва истифода мекунанд. Молу мулки таҳти моликияти якҷоя қарордошта бо розигии ҳамаи иштирокдорон ихтиёрдорӣ карда мешавад. Сарфи назар аз он ки кадоме аз иштирокдорон аҳд оид ба ихтиёрдории молу мулкро анҷом додааст, розигии ҳамаи иштирокдорон дар назар дошта мешавад.» [4].

Бо ҳалномаи суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 12 майи соли 2023 даъвои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ИСТ КОТТОН НФР» ба ҷавобгарии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»« дар бораи ғайриконунӣ эътироф кардани амал (беамали)-и БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ситонидани маблағи қарзи асосӣ ва фоизҳои ба он ҳисобӣ кардашудаи ҶДММ «ИСТ КОТТОН НФР», ҳамчун қарзи беэътимод эътироф кардани қарзи ба ЧДММ «ИСТ КОТТОН НФР» додаи БДА ҶТ «Амонатбонк» аз санаи 30 апрели соли 2016, ғайриқонунӣ эътироф кардан ва аз уҳдадориҳои фоизии қарзи ЧДММ “ИСТ КОТТОН НФР» соқит кардани маблағҳои ҳамчун фоизи карз ба уҳдадориҳои қарзии ҷамъият ҳисобӣ кардаи Амонатбонк баъди «беэътимод» шудани карз ба андозаи 759587,55 доллари ИМА, ба қарзи асосии ҶДММ «ИСТ КОТТОН НФР» пардохтшуда ҳисобида шудани маблағи 109153,54 доллари ИМА, ки баъди гузаштани муҳлати шартнома барои рӯйпуш намудани фоизҳо равон карда шудааст, бекор кардани созишномаи ҳаққи дасткашӣ аз молумулки гарав, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи мазкур таҳти №1Ш-43 аз 14.01.2021 ба қайд гирифта шудааст, қисман қонеъ гардидааст [223].

Созишномаи ҳаққи дасткашӣ аз молумулки гарав-корхонаи коркарди пахта, воқеъ дар ноҳияи Ёвон, Ҷамоати деҳоти Обшорон, деҳаи Тағойободи нав, ки санаи 10 январи соли 2021 байни БДА ҶТ «Амонатбонк» ва ҶДММ «ИСТ КОТТОН НФР» баста шуда, он дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи мазкур ба қайд гирифта шуда, дар феҳраст таҳти №1Ш-43 сабт гардидааст, бекор карда шудааст.

Ҳангоми омӯзиши парванда ва маводҳои ҷамъовадашуда маълум гардид, ки молу мулки ба гарав гузошта шуда, молумулки якҷояи Нарзуллоев Фирӯз Раҳимович ва ҳамсари ӯ Сулаймонбекова Рамиля

Аноятбековна мебошад, ҳангоми ба гарав мондани молу мулки гарав розигии худро дода буд. Суд бошад Сулаймонбекова Рамиля Аноятбековнаро ба кор ҳамчун иштирокчии парванда ҷалб накардааст ва вобаста ба он ки ӯ ҳамчун ҳаммолик дар бораи бекор кардани созишномаи ҳаққи дасткашӣ розӣ буд ё не муайян карда нашудааст, яъне розигии яке аз соҳибмулкон дар бораи бекор кардани созишномаи ҳаққи дасткашӣ гирифта нашудааст.

Ҳамин тавр, мутобиқи муқаррароти м. 35 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, ки «ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулке, ки дар моликияти (якҷоя) ё муштараки зану шавҳар қарор дорад, танҳо бо розигии мутақобилаи онҳо сурат мегирад. Ҳангоми аз ҷониби зан ё шавҳар анҷом додани муомилоти вобаста ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ чунин тасаввур мешавад, ки ӯ бо розигии ҳамсари худ амал мекунад. Муомилоте, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ анҷом дода шудааст, аз ҷониби суд қисман бо сабаби мавҷуд набудани розигии ҳамсари дигар танҳо ҳангоме, ғайриқонунӣ эътироф мегардад, ки агар яке аз онҳо бо чунин талаб мурочиат намояд ва танҳо дар сурати собит гардидани он, ки тарафи дигар аз муомилот огоҳ буд ё пешакӣ бояд норозӣ будани тарафи дигарро барои анҷом додани чунин муомилот медонист. Барои ба анҷом расонидани муомилот вобаста ба ихтиёрдорӣ кардани молу мулки ғайриманқул ва муомилоте, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун тасдиқ ё қайди нотариалиро талаб мекунад, бояд розигии пешакии аз тариқи идораи натoриалии давлатӣ тасдиқшудаи зан ё шавҳар гирифта шавад. Ҳамсаре, ки розигии дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи худро барои иҷрои аҳд надодааст, ҳуқуқ дорад дар қисми молу мулк ба худаш таалуқ дошта, дар моликияти умумии якҷоя бекор кардани аҳдро талаб намояд, ё ҳамсар ҳуқуқ дорад ба андозаи ҳиссаи дар боло зикргардида аз маблағе, ки ҳамсараш аз фурӯши молу мулки ба даст овардааст, дар давоми се сол аз рӯзи огоҳ шудан аз чунин муомилот ё мебоист аз иҷрои чунин муомилот ё пардохти пули онро талаб намояд.» [6]. Ё мутобиқи муқаррароти моддаи 57(1) КО ҶТ «кӯдак ҳуқуқ

дорад дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои оилавӣ, ки ба манфиатҳои ӯ дахл доранд, фикри худро озодона изҳор намояд, ҳамчунин дар рафти мурофиаҳои судӣ иштирок кунад. Мақомоту ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдори онҳо, ки барои қабули қарор ваколатдор мебошанд, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба манфиатҳои кӯдак дахлдошта бояд фикри кӯдакеро, ки метавонад ақидаҳои худро мустақилона ифода кунад, сарфи назар аз синну сол, ба назар гирифта, дар асоси манфиатҳои беҳтарини кӯдак қарор қабул кунанд.» [6].

Дар қонунгузорӣ ҳамзамон пешбинӣ карда шудааст, ки мақомоти васоят ва парасторӣ ё суд метавонанд ҳангоми қабули қарор дар ҳолатҳое, ки ба инобат гирифтани розигии кӯдак зарур мебошад, танҳо розигии кӯдаке шунида мешавад, ки даҳсола бошад. [129, 48-52; 212, с.133-135].

Инчунин, тибқи муқаррароти қ. 1 м. 27 КМ ҶТ танҳо бо гирифтани розигии хаттии намояндагони қонунӣ ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола (падару модари кӯдак, волидоне, ки кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул намудаанд ё кӯдаконе, ки таҳти парастор ва шахсони онҳоро ивазкунанда қарор доранд) ҳуқуқ доранд аҳдҳоеро банданд, ки қонун бастани онҳоро ба чунин котегорияи субъектон иҷозат додааст. Мутобиқи банди 15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2004 таҳти рақами №11 «Дар бораи таҷрибаи судии аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста ба беэътибор донистани шартномаҳои хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ (квартира)» [21], аҳди ба таври  гуногун бегона намудани хонаи истиқоматӣ (утоқ), ки аз ҷониби ноболиғи аз 14 то 18-сола бидуни гирифтани розигии волидайн, фарзандхондагон ё парасторони худ бастаанд, дар ҳоле, ки гирифтани розигии чунин шахсон мутобиқи м. 27 КМ ҶТ зарур шуморида мешавад, мумкин аст бо даъвои шахсоне, ки розигии онҳо гирифта нашудааст, беэътибор дониста шавад. Ё дар мисоли дигар ба шахси дигар гузарондани қарз, яъне иҷозат додани гузариши ҳуқуқи иҷрои уҳдадорӣ ба дигар шахс танҳо бо розигии кредитор амали карда мешавад.  (қ. 1 м. 450 КМ ҶТ). Чунин мисолҳои хеле зиёд мебошанд.

Дар чунин ҳолатҳо шахси сеюм ё мақомоти дахлдор, ки розигии онҳо барои анҷом додани аҳд зарур аст, дар бораи розигӣ ё радди худ ба тарафи аҳд ё дигар шахси манфиатдор хабар медиҳад. Қарори дахлдори шахсе, ки ризоият талаб мекунад, тибқи қонун бояд ба шахсони муайян дар муҳлати мувофиқ огоҳнома ба таври дахлдор ирсол карда шавад. Қобили қайд аст, ки мафҳуми «муҳлати мувофиқ» боз таҳлили иловагиро тақозо менамояд, ки шарҳи он ё маънои он дар қонун муқаррар нашудааст ва баҳодиҳии мафҳуми мазкур аз ҷониби мақоме амалӣ карда мешавад, ки тибқи қонун ба онҳо ҳуқуқи татбиқ намудани ҳуқуқ дода шудааст.

Тартиби гирифтани чунин розигӣ дар қонунгузории қаблӣ номукаммал буд. Гарчанде дар бораи хусусият, шакл ва намудҳои розигӣ барои анҷом додани муомилот муқаррароти умумӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, шумораи хеле зиёди қоидаҳои махсус мавҷуд буданд, ки зарурати гирифтани чунин розигиро пешбинӣ мекунанд.

Зарурати таваҷҷӯҳи бештар ба танзими ҳуқуқии гирифтани розигӣ барои анҷом додани муомилот, чи тавре дар боло қайд намудем дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 баррасӣ шудааст. Ин ҳам вобаста ба он буд, ки қонунгузор ҳолатҳои зиёдеро медонад, ки дар онҳо эътибори аҳд аз он вобаста аст, ки оё ягон шахсе, ки иштирокчии ин аҳд нест, манфиати он халалдор мешавад ё не.

Аз ин рӯ, қонунгузории мадании бояд намудҳоеро пешбинӣ намояд, ки розигӣ барои анҷом додани аҳд – пешакӣ ва минбаъда, муқаррар намудани талаботи аниқии розигӣ, пешбинӣ намудани шакле, ки бояд дар он розигӣ ба аҳд изҳор карда шавад ва оқибатҳои мавҷуд набудани розигии заруриро танзим менамояд (баҳсталабии аҳд) ё беэътибор будани он нисбат ба шахсе, ки ба розигӣ ваколатдор аст, танзим карда шавад. Тавре қайд намудем, масъалаҳои зиёди он ҳангоми таҳия ва қабули КМ ҶТ ба назар гирифта шудаанд.

Аммо ба ин нигоҳ накарда, баъзе аз масъалаҳои ҳалталаби категорияи розигӣ то ба охир ҳаллу фасли худро наёфтанд. Аз ҷумла, бояд гуфт, ки дар муқарраротҳои меъёрҳои қабулшуда умуман мазмуни чунин розигӣ ифшо

мешаванд, вале дар бораи шакле, ки бояд чунин розигӣ дода шавад, на дар ҳама ҳолат роҳи ҳалли худро ёфтааст. Инчунин, дар бораи субъектҳое, ки бояд розигӣ диҳанд ё гиранд, ба пуррагӣ маълумот ҷой надорад. Ҳамзамон маълум нест, ки сухан дар бораи зарурати гирифтани розигӣ барои ҳар як муомилоти шабеҳ меравад ё оё имкон дорад, ки розигӣ барои анҷом додани муомилот як навъ имконпазир бошад.

Дар ин бора Қарори Пленуми Суди Олии Федератсияи Россия аз 23 июни соли 2015 №25 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани баъзе аз муқарраротҳои фасли 1 қисми якуми Кодекси мадании Федератсияи Россия» [21]. хеле муҳим мебошад. Аз ҷумла, дар бандҳои 54 ва 55 Қарори Пленуми Суди Олии ФР аз 23 июни соли 2015 №25 тафсири котегорияи розигӣ ба таври мухтасар дода шудааст, ки «розигӣ ба аҳд метавонад бо ҳар роҳ ифода карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст. Дар хотир доштан зарур аст, ки сукут розигӣ ба анҷоми аҳд ба ҳисоб намеравад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст». Дар қарори зикргардидаи Пленуми Суди Олии ФР муқаррароте шарҳ дода шудааст, ки он аз банди 4 моддаи 157 (1) Кодекси мадании ФР бармеояд: «сукут розигӣ ба анҷоми аҳд ба ҳисоб намеравад», ки дар ин ҷо сухан дар бораи додани розигии шахси сеюм ба анҷом додани баҳс меравад. Мутаасифона чунин муқаррарот дар моддаи 189 КМ ҶТ ҷой дода нашудааст, ки он аз аҳаммият холӣ набуда, барои пешгирии баъзе аз аҳдҳое, ки бо ин асос мавриди баҳс қарор дода мешаванд, заминаи ҳуқуқӣ шуда метавонист. Ҳол он ки мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 172 КМ ҶТ дарҷ карда шудааст, ки: «Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо сукут ифодаи иродаи бастани аҳд дониста мешавад» [4].

Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи ин масъалаҳо бояд дар қонунгузорӣ мушаххас карда шаванд, дар акси ҳол метавонад баҳсҳо дар мавриди гирифта шудани чунин розигӣ ва ба таври лозима анҷом додани он вуҷуд дошта бошанд. Гузашта аз ин, дар баъзе мавридҳо, ҳатто дар қонунгузории амалкунанда талаботи иловагӣ барои гирифтани чунин розигӣ пешбинӣ

шудааст. Масалан, дар қ. 6 м. 85 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 №237 «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» муқаррар шудааст, ки «дар қарор оид ба маъқул донистани аҳд, ки ба анҷом додани он манфиатдорӣ ҳаст, бояд шахси (шахсони) тарафи (тарафҳои) он, манфиатбаранда (манфиатбарандагон), нарх, мавзуи аҳд ва дигар шартҳои муҳим зикр гарданд. Ҳангоми тасдиқ бояд аҳд, ки ба он розигӣ дода шудааст, аз ҷумла тарафҳои он, шартҳои муҳим ё тартиби муайян кардани онҳо муайян карда шаванд.» [12].

Қабл аз анҷоми муомилот розигӣ пешакии он метавонад бо ҳамон тарзе, ки дода шуда буд, бозхонда шавад. Аммо ҳуқуқи даст кашидан аз розигӣ метавонад тибқи қонун ё созишнома бо шахси ваколатдори додани розигӣ маҳдуд карда шавад. Шахсе, ки розигии худро бозхонд, хавфи оқибатҳои манфии молумулкиро, ки дар натиҷаи бозхонди розигӣ бармеояд, ба дӯш дорад.

Мутобиқи муқаррароти қ. 4, 5 ва 6 м. 1285 КМ ҶТ «даст кашидан аз мерос тавассути намоянда мумкин аст, агар дар ваколатнома барои ҳамин гуна дасткашӣ махсус ваколат пешбинӣ шуда бошад. Намояндагони қонунӣ ҳуқуқ надоранд аз мерос даст кашанд ё барои дасткашӣ аз мерос розигӣ диҳанд. Дасткашӣ аз мерос минбаъд бозхонд ё тағйир дода намешавад. Меросгир бо гузаштани муҳлати муқарраршуда ҳуқуқи даст кашидан аз меросро гум мекунад. Ӯ ин ҳуқуқро, ҳамчунин, то гузаштани муҳлати мазкур дар ҳолатҳои зерин гум мекунад, агар: - ба мақомоти нотариалии ҷойи кушода шудани мерос дар бораи қабули мерос ё додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ариза дода бошад; - меросро воқеан қабул карда бошад.» [4].

Агар шахси ваколатдори додани розигӣ ба аҳд ба дархости чунин розигӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун ё бо тартиби муқаррарнамудаи он ва дар сурати мавҷуд набудани чунин муҳлат – дар муҳлати оқилона ҷавоб надиҳад, тахмин карда мешавад, ки розигӣ ба бастани аҳд рад карда шудааст. Ба ибораи дигар, дар чунин ҳолатҳо сукут розигӣ ба бастани аҳд ё тасдиқи он ҳисоб намешавад. Дар ин ҳолат, бояд

ба қоидаи муқаррароти м. 180 КМ ҶТ бояд диққат диҳем, ки «Хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ» номгузорӣ карда шудааст. Мутобиқи талаботи меъёрҳои моддаи мазкур «ариза, огоҳинома, хабарнома, талабот ё дигар хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқие, ки қонун ё аҳд бо онҳо оқибатҳои ҳуқуқи маданиро барои шахси дигар вобаста менамояд, барои шахси мазкур аз лаҳзаи расондани хабари дахлдор ба он ё намояндааш ин гуна оқибатҳоро фаро мерасонад. Хабар инчунин дар ҳолатҳое расондашуда ҳисоб меёбад, ки он ба қабулкунандаи хабар (унвонӣ) расида бошад, лекин бинобар ҳолатҳои ба унвонӣ вобаста хабар ба он супорида нашудааст ё унвонӣ бо хабар шинос нашудааст. Чунин қоидаҳо дар сурате татбиқ мешаванд, ки агар дар қонун ё шартҳои аҳд, ё одатҳо, ё таҷрибаи муносибатҳои мутақобилаи байни тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.» [4].

Дар таҳқиқотҳои илмӣ танҳо чунин ҳолатҳое марбут ба розигӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки дар он дилхоҳ шахси манфиатдоре, ки дар муомилоти аҳде иштирок намекунад, ҳуқуқ дода шудааст, ки аҳди басташударо тасдиқ ё амали онро тибқи тартиби зарурӣ манъ намояд [203, с. 209]. Ҳамчунин намунаи розигии марбут ба амали худро Мейер Д.И. чунин мисол меорад: «... шахс бо маҷбуркунӣ, мактуби қарзӣ медиҳад ва барои нобуд кардани он ба суд муроҷиат мекунад, аммо дар рафти мурофиаи судӣ шахс аз руйи қарзи ба ӯ пешниҳодшуда пардохтро анҷом медиҳад ё ҳадди ақал барои пардохт розигии худро изҳор мекунад - дар ин ҳолат эътироф ба даъвое, ки беэътибор дониста шуданаш мумкин буд, эътибор мебахшад» [203, с. 209].

Ҳангоми таҳлили ин муқаррарот, мо метавонем хулоса барорем, ки мафҳуми розигӣ бисёрҷабҳа аст ва барои ишора ба як қатор амалҳои ҳуқуқи маданӣ истифода мешавад. Инчунин маълум аст, ки таҳлили розигӣ ба маънои қарори якдилона таҳқиқоти мустақили илмиро тақозо мекунад, зеро дар ин ҳолат розигӣ на амали мустақили ҳуқуқӣ, балки натиҷаи фаъолияти ҳамоҳангшудаи якчанд шахс ҳисобида мешавад. Дар доираи ин кор мо танҳо бо омузиши розигӣ, ки дар қонунгузории маданӣ ба маънои

иҷозат ва ҷавоби мусбӣ истифода мешавад, маҳдуд шуда, дар асоси нишон додани хусусиятҳои хоси он мафҳуми онро муайян мекунем.

Ҳангоми оғоз ба таҳлили розигӣ қайд кардан лозим аст, ки розигӣ ба монанди дигар ифодаҳои иродаи барои қонуни маданӣ аҳаммияти калон дошта, ба тамоми хусусиятҳои ҳар як амал (аз ҷумла ғайриқонунӣ) мувофиқат мекунад, яъне «... ихтиёран иҷрошуда, шакли ботинии ҳавасмандии фаъолияти ҳаракат, ки барои ноил шудан ба натиҷаи муайян, ниҳоӣ - ҳадаф пешбинӣ шудааст» [213, с. 209]. Воқеан, котегорияи розигӣ аз рӯи табиати худ шакли амале ҳисобида мешавад, ки фаъолияти шахсро баён мекунад ва амали мазкур ҳатман дар ҳама маврид мақсаднок мебошад, яъне розигӣ дар ҳолате изхор шудааст, ки барои ноилёбии ҳадафи мушаххас ифода гирдада, илова бар ин, розигӣ дорои мазмуни ихтиёрӣ, яъне озодии баёнро низ талаб менамояд. Азбаски аломатҳои номбаршудаи розигӣ на аз рӯйи хусусиятҳои шакли ҳуқуқии мафҳуми таҳқиқшаванда, балки аз рӯйи моҳияти психологии он ҳамчун амали фаъол муайян карда мешавад, онҳоро ҳамчун ғайриҳуқуқӣ тавсиф кардан мумкин аст. Ҳарчанд шакл, хусусияти ихтиёрии розигӣ ва мақсаднок будани он натиҷаи танзими ҳуқуқӣ набошад ҳам, бо вуҷуди ин, аломатҳои номбаршударо ҳуқуқи маданӣ сарфи назар карда наметавонад. Баръакс, хусусиятҳои зикршудаи ғайриҳуқуқии розигӣ ҳамчун асоси тахассуси ҳуқуқии он баромад мекунанд. Аз ҷумла, омӯзиши самти ихтиёрӣ ва мақсадҳои иҷтимоию иқтисодии розигӣ шарти зарурии муқаррар намудани табиат ва мавқеи ҳуқуқии он дар низоми фактҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Илова бар ин, дар адабиёти илмӣ аксар вақт мустақилиятӣ ба ном амалҳои самарабахш асоснок карда мешаванд. Офаридани ашё ё асари бадеии нав бештар ба сифати мисоли амали фаъоли ин намуд оварда мешавад [212, с. 133-135]. Ба фикри мо, розигӣ ҳамчунин як намуди мустақили амали ҳуқуқии маданӣ мебошад, зеро он на танҳо бо хусусиятҳои умумии санади ҳуқуқии амали фаъол, балки бо як катор хусусиятхои мушаххас низ тавсиф мешавад. Аз ҷумла, аломати сеюми «ғайриқонунӣ»-и ризоият мазмуни махсус дорад - шакли амали фаъол

дорад. Мейер Д.И. дар мавриди шеваҳои изҳори ризоият баҳс карда, қайд кардааст, ки «... розигии шахс гоҳе бо хомушӣ, бо набудани ихтилоф ба анҷом мерасад... ва дар ҷомеа ҳатто маъмулан мегӯянд, ки хомушӣ нишонаи ризо аст» [71]. Равшан аст, ки дар қонунҳо мустаҳкам намудани ин қоида ҳамчун принсипи умумӣ ба устувории муомилоти маданӣ таъсири манфӣ мерасонад. Сукут ризоияти муомила ё тасдиқи он ба ҳисоб намеравад» [209].

Инчунин, ҷолиби диққат аст, ки дар мавридҳои истисноӣ қонунгузорӣ аз ин қоидаи умумӣ дур шуда, ба субъект имкон медиҳад, ки розигии худро бо сукут баён кунад. Воқеан, «...вақте ризоияти шахс барои амали қонунӣ он қадар аҳаммият дорад, ки танҳо ихтилофи ошкорои шахс амалро аз байн мебарад ва бидуни ин амал иҷро ва эътибор дониста мешавад, сукутро метавон аломати ризоият донист» [71]. Масалан, мувофиқи қ. 3 м. 689-и КМ ҶТ, «агар иҷорагир истифодаи молу мулкро баъди хотимаи муҳлати шартнома ҳангоми мавҷуд набудани эътироз аз тарафи иҷорадеҳ идома диҳад, шартнома бо ҳамон шартҳо ба муҳлати номуайян навшуда (м. 676 КМ ҶТ) ба ҳисоб меравад.» [4].

Чун қоидаи умумӣ ризоият ҳам мисли ҳар амали дигар шакли ифодаи худро дар амалҳои фаъолу мақсаднок меҷӯяд. Охир, «...барои ба ирода таъсир расондан ба муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъи муносибатхои ҳуқуқи маданӣ зуҳуроти он зарур аст, ки ба воситаи он танҳо кас метавонад мазмуни иродаро баҳо диҳад» [209]. Дар баъзе мавридҳо, қонун бевосита шаклеро муайян мекунад, ки шахс бояд дар он иродаи иҷозатдиҳии худро баён кунад. Ҳамин тариқ, барои бастани шартномаи суғуртаи шахсӣ, ки ба манфиати шахси суғурташуда нест, ӯ бояд розигии худро ба бастани чунин шартнома танҳо дар шакли хаттӣ баён кунад (қ. 5 м. 1047 КМ ҶТ). Барои он ки яке аз зану шавҳар муомилот оид ба ихтиёрдории молу мулки ғайриманқулро анҷом диҳад, розигии нотариалии зан ё шавҳарро гирифтан лозим аст (қ. 3 м. 35 КО ҶТ). Аммо чун қоидаи умумӣ қонун розигиро ба шакли мушаххас вобаста намекунад. Дар аксари мавридҳо субъекте, ки барои изҳори розигӣ ваколатдор аст, ҳуқуқ дорад

онро дар ҳамон шакле анҷом диҳад, ки ба шахсони сеюм имкон медиҳад, ки муҳтавои чунин ифодаи иродаро дарк кунанд (дар шакли амали пешбинишуда, шифоҳӣ ё хаттӣ).

Яке аз хосияти ҳуқуқии зарурие, ки ҳангоми ифодаи розигӣ мушоҳида мешавад, ин гуногуншаклии баёни розигӣ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан зарур аст, ки шахси дар асоси талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дар асоси он дорои ваколати махсус метавонад бо салоҳдиди худ тағйиротҳои ҳуқуқиро ворид намояд ё дар муносибатҳои ҳуқуқие, ки ифодаи яктарафаи ирода аз як шахс вобаста буда, нисбат ба он ҳуқуқи ба амал баровардани чунин амал дода шудааст. Барои амали намудани чунин ифодаи ирода салоҳияти субъект оид ба изҳори розигӣ дар ҳама ҳолат бояд дар қонун ё меъёрҳои ҳуқуқ муқаррарот мавҷуд бошад, дар акси ҳол шахс наметавонад яктарафа муносибатҳои ҳуқуқиро тағйир диҳад. Бояд дар хотир дошт, ки дар қонунгузории маданӣ ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ имконият дода шудааст, ки ҳангоми бастани шартномаҳо ва аҳдҳои хусусияти яктарафаи иродаро ифодакунанда иҷозат дода шудааст, ки шаҳодати қобилияти мустақилонаи танзими муносибатҳоро нишон медиҳад. Агар ба таври дигар масъалаи мазкурро баён намоем, пас бо чунин муқаррарот ба субъектони ҳуқуқи маданӣ қобилияти мустақилона офаридани ҳуқуқ дода шудааст. Ҳамзамон қонунгузор кафолати озодиро на танҳо ҳангоми бастани шартномаи дутарафа ё бисёртарафа таъмин намудааст, балки дар мавриди бастани аҳди яктарафа низ озодии куллиро кафолат фароҳам меорад. Бинобар ин, ба андешаи мо муқаррароти болозикр барои ҳама намуди восита ва тарзи баёни розигӣ тавассути бастани аҳдҳои шаклҳои ҳуқуқии гуногун ва низ барои дигар изҳороти якҷонибаи иҷозатдиҳандаи ирода низ дуруст аст. Вобаста ба ин, барои эътирофи эътибори ҳуқуқии чунин розигӣ, ки зарурати баёни он на бо меъёри қонун, балки бо созиши тарафҳо низ муайян карда мешавад, асосхо мавҷуданд. Бояд гуфт, ки субъектҳои ҳуқуқи маданӣ аксаран аз озодии зикршудаи баёни яктарафаи иҷозати ирода истифода мебаранд. Дар бештари парвандаҳои судӣ ҳолатҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки

ҳангоми баррасии баҳси субъектони ҳуқуқи маданӣ иҷрои амали ҳуқуқӣ аз иродаи шахси дигар, ки дар шартнома ҳамчун тараф ишора нагардидааст, вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, ба андешаи баъзе аз олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ эътибори ҳуқуқии розигӣ, дар ҳама ҳолат шарти ҳатмии шартнома ҳисобида мешавад ва дар аксари ҳолатҳои дар мазмуни шартнома муқаррароте мавҷуд аст, ки тибқи он тарафҳо уҳдадориро ба зимма гирифтаанд, ки маълумоти дар шартнома мавҷудбударо танҳо бо розигии тарафи дигари шартнома ифшо кунанд ё ба шахсони сеюм дастрас намоянд, яъне бе розигии тарафи аввали чунин амал ғайриимкон мебошад. [124, с. 28]. Дар ин маврид, ба таври мухталиф дар шартномаи иҷора дохил кардани шарте бо мазмуни иҷозат додан ба иҷорагир барои бо розигии иҷорадеҳ тағйир додани намуди иҷозат ҳамеша қонунӣ ба ҳисоб меравад [124, с. 28].

Ҳамин тавр, розигӣ метавонад амали қонунӣ эътироф карда шавад, агар он ба қонун ё созишномаи тарафҳо, ки ба қонун асос ёфта бошад. Бояд гуфт, ки розигӣ амали яктарафа мебошад. Барои ба амал омадани таъсири ҳуқуқии алоқаманд, ифодаи муқобили ирода аз ҷониби ягон субъект талаб карда намешавад. Розигӣ бояд танҳо ба таваҷҷуҳи шахсе расонида шавад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳояш аз будан ё набудани он вобаста аст. Аз ин рӯ, дар шартномаҳое, ки ҳангоми бастани онҳо розигии шахси сеюм зарур бошад, пас дар аксар вақт ба сифати шахсони манфиатдор дар чунин аҳд якчанд фард баромад карда метавонад.

Бояд ибрози андеша намуд, ки дар аҳдҳои басташавнадае, ки дар он баёни розигии шахси сеюм ҳатмӣ шуморида мешавад, чун қоида шахси сеюм ҳамеша бо яке аз ҷонибиҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Масалан, ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола тибқи талаботи қонун ҳангоми бастани баъзе аз аҳдҳо ё шартномаҳо бояд дорои розигии хаттии намояндагони қонунӣ бошанд (дар асоси талаботи қонунгузории маданӣ ба сифати намояндагони қонунӣ падару модар, шахсоне, ки ноболиғро ҳамчун фарзандхон тибқи тартиби қонун васӣ ё

парасторӣ менамояд, парастор ва шахсони дигари онҳоро ивазкунанда). Аҳди анҷомдодаи гурӯҳи алоҳидаи ноболиғони зикргардида, ки бе гирифтани розигии намояндагони қонунии худ аҳдро бо дигар шахс бастаанд, беэътибор ҳисобида мешавад, зеро намояндагони қонуни минбаъд ҳангоми бастани аҳд бояд розигии худро барои маъқул донистани аҳди басташаванда ба тарафи хаттӣ ироа намоянд. Ба сифати мисоли дигар корхонаи воҳиди давлатӣ танҳо бо ифодаи розигии хаттии муассиси ташкилот, ҳуқуқи таъсиси шахси ҳуқуқиро дар шакли корхонаи фаръӣ бо назардошти талаботи қонун ба даст меорад (м. 122 КМ ҶТ). Дар ин ҳолат шахси сеюм бо изҳори розигӣ, ҳамин тавр набудани ваколат ё қобилияти яке аз тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқии нисбӣ, ки қонун муқаррар кардааст, ҷуброн мекунад.

Ҳамин тавр, яке аз асосҳои иштироки субъектҳои нисбатан қобилиятнок дар муомилоти маданӣ амали падару модар ва шахсони парастори онҳо мебошад, ки мо аллакай мисоли онро зикр намудем. Падару модар ва ё шахсони парастор бо амали худ розигӣ медиҳанд ва бо ин, гӯё қобилияти ҳуқуқии ноболиғро пурра мекунанд. Мавҷуд набудани чунин механизми пур кардани қобилияти ҳуқуқӣ боиси имконнопазирии амал кардан дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ барои қисми зиёди субъектҳои ҳуқуқ мегардад [200, с. 37]. Шахсе, ки аз ҷониби ӯ розигии ӯ зарур аст, нисбат ба ҳамтои худ хатари камтар дорад. Гузашта аз ин, чунин субъект, чун қоида, дорои воситаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки имкони дархости розигии нопадидро фароҳам меорад ва ба ин васила мазмуни аҳдро пурра мегардонад. Аён аст, ки тарафи муқобил аз ҳама гуна имкони таъсиррасонӣ ба субъекти ваколатдори изҳори розигӣ маҳрум аст, бинобар ин, таваҷҷуҳи он ба дарки шахсии баёни иҷозати ирода ниҳоят баланд аст. Дар робита ба ин, бояд шахси ваколатдор ҳамеша уҳдадор мебошад, ки на танҳо розигии комили худро барои бастани шартнома ба тарафи дигар баён намояд, балки ба субъекте, ки онро ифода менамояд, ки дар муомилаи зерин робитаи ҳуқуқӣ надорад. Яъне ба шахсе розигии худро хабар медиҳад, ки тарафи муомилаи маданӣ-ҳуқуқӣ намебошад. Дигар ашхос

бояд дар бораи розигӣ танҳо дар сурате огоҳ карда шаванд, ки онҳо ба донистани ин амал манфиатнокии худро нишон диҳанд.

Инчунин бояд гуфт, ки розигӣ як амали иловагӣ мебошад. Ҳатто Мейер Д.И. қайд кардааст, ки «...барои он ки розигӣ ҳамчун амали ҳуқуқӣ эътироф карда шавад, зарур аст, ки он шарти қонунӣ будани ҳама гуна амали дигар бошад» [71]. Дар ҳақиқат ҳам, розигии иштирокчии муносибати муомилоти маданӣ ҳамчун амали мустақили ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, танҳо ҳангоми ба миён омадани амали ҷудогона ифода карда мешавад (барои ҳар як аҳди басташаванда ба таври алоҳида розигии худро баён менамояд). Дар алоҳидагӣ аз санади тасдиқшуда розигӣ маънои мустақили ҳуқуқӣ надорад. Дар ин хусус Рожкова М.А. дуруст қайд мекунад, ки «...бидуни боиси ҳаракати муносибатҳои ҳуқуқӣ, вале амали мобайнии ҳуқуқӣ буда, розигӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома шарти ҳатмии бастани шартнома буда, он ҳамчун унсури зарурии таркиби ҳуқуқӣ амал мекунад» [203, с. 140-141].

Хусусияти дигари розигӣ соддагии моҳиятии он аст. Ҳангоми изҳори иҷозати ирода субъект метавонад амали тарафи дигарро (тарафҳоро) танҳо дар шакле, ки онҳо дар нақша гирифтаанд ё аллакай содир карда шудаанд, тасдиқ намояд. Аз ин рӯ, мазмуни семантикии розигӣ як қарори оддӣ ва якхелаи қабул ва тасдиқи тартиби пешниҳодшудаи иҷрои амалҳо мебошад. Ба ибораи дигар, мундариҷаи розигӣ ба ҷавоби оддитарин коҳиш дода мешавад: «ҳа». Мисли қабул, розигие, ки имкон медиҳад, ки амал дар шароитҳои гуногун аз шартҳои дархостшуда ё аллакай иҷрошуда анҷом дода шавад, боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқии пешбининамудаи он намегардад.

Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифт, ки мувофиқи м. 509 КМ ҶТ, баёни розигӣ аксепт ҳисобида намешавад, агар шахс берун аз шартҳои офертаи нашргардида шартҳои худро дар посух дар он нишон диҳад. Дар чунин маврид амали шахсе, ки розигии худро бо шартҳои дигар баён намудаавст аксепт эътироф намегардад, зеро ба шартҳои оферта мутобиқат надорад ва барои ин нашри офертаи нав зарур мебошад. Субъекте, ки розигии худро

бо шартҳои дигар баён намудааст, ӯро барои бастани аҳд маҷбур намекунад, зеро ба талаботи оферта мутобиқат надорад, яъне ваҷҳи ӯ ба шартҳои қаблан пешбинигардида мувофиқ нест. Аз ин лиҳоз, чунин ифодаи ирода бе шак маъқул надонистани оферта ҳисобида мешавад, ки қаблан ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, мафҳуми розигӣ аз шумораи назарраси аломатҳои гуногунҷабҳа иборат аст. Баъзе хусусиятҳои муҳимтарини розигӣ, гарчанде ки барои танзими ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти калон доранд, аммо ба он вобаста нестанд, зеро онҳо пайдоиши сирф равонӣ доранд. Хусусиятҳои дигари розигӣ бошад, баръакс, танҳо бо шакли ҳуқуқии мафҳуми омӯхташаванда муайян карда мешаванд. Ҳамзамон маҷмуи хусусиятҳои таҳқиқшуда имкон медиҳанд, ки розигӣ ҳамчун навъи мустақили амали ҳуқуқӣ тавсиф карда шавад. Азбаски назарияи муосир ба мо имкон намедиҳад, ки мавқеи категорияи баррасишаванда дар низоми фактҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад, розигиро хамчун шакли махсуси ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст.

Дар ин  масъала, Красавчиков О.А. низ ибрози андеша намудааст, ки шаклҳои ҳуқуқӣ бояд ба худ он падидаҳои ҳуқуқиро дар бар гиранд, ки ба амалҳои ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи маданӣ, ба падидаи «шахси ҳуқуқӣ» ё намудҳои ҷудогонаи муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ марбутанд [57, с. 18; 58]. Агар ба категорияи баррасишаванда воқеан назар намуд, пас муайян мегардад, ки розигӣ ин тасдиқ намудани шахс барои анҷом додани амали мушаххас мебошад. Азбаски розигӣ ҳамчун тасдиқи амалӣ муайян ба зумраи амалҳои ҳуқуқӣ робита дорад, ҳуқуқи маданӣ ҳамеша онро ба раванди танзими муносибати муомилоти маданӣ ҷалб намуда, ба мазмуни ибтидоии иҷтимоию иқтисодии муносибатҳои субъектони ҳуқуқи маданӣ шакли васеи ҳуқуқӣ мебахшад.

Ҳамин тавр, меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳимми муносибат падидаи розигиро дар худ ҷой дода, дар ҳолатҳои мушаххас ифодаи ҳатмӣ ва зарурии онро муқаррар менамояд ва вобаста ба мақеъ ва ҳолатҳои мухталифи шакл ва тартиби баёни он талаботи муайянро пешниҳод

мекунад [204, с. 78]. Аммо, новобаста аз зиёд будани тарз ва усусли ифодаи иҷозатдиҳандаи ирода, категорияи розигӣ вобаста ба шакли ҳуқуқии худ ҳамеша бетағйир мемонад, зеро дар он шумораи зиёди аломатҳо ва хусусиятҳои тағйирнаёбанда мавҷуд мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло розигӣ бояд ҳамчун шакли ҳуқуқии якҷонибаи тасдиқи амали ҳуқуқии шахсони сеюм дар асоси қонун ё шартнома муайян карда мешавад. Чунин ба назар мерасид, ки дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тамоми амалиёти ҳуқуқӣ, бе истисно, шакли ҳуқуқӣ доранд. Аммо, хулосаи зикршуда нодуруст аст. Бисёр санадҳои фаъолият вуҷуд доранд, ки шакли ҳуқуқӣ надоранд, ки аҳаммияти онҳо барои ҳуқуқи маданӣ бешубҳа аст. Яке аз мисолҳои зиёди чунин амалҳои «бешакл» ин аст, ки субъекти манфиатдор аз шахси ваколатдори баёни он розигӣ талаб мекунад. Тартиби пешниҳоди чунин талаботро ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим намекунад.

Ба андешаи мо:

- қоидаҳои зикргардида, дар он ҳолат татбиқ карда мешавад, ки агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо, тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

- агар дар ҳолати мушаххас розигии шахси сеюм, муассиси шахси ҳуқуқӣ (ё мақомоти дахлдори он) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ё мақомоти давлатии он ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои бастани аҳди дахлдор зарур бошад, пас бояд шахсе, ки бо дархост муроҷиат кардааст аз ҷониби онҳо хабар дода шавад;

- дар розигии пешакӣ барои анҷом додани аҳд бояд мавзуи аҳд, ки ба он розигӣ дода мешавад, муайян карда шавад. Ҳангоми розигии минбаъда бояд аҳде, ки ба он розигӣ дода шудааст, нишон дода шавад.

Пеш аз ҳама, барои дуруст пешниҳод намудани мафҳуми муаллифии «розигӣ» бояд хусусиятҳои он дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад, аз ҷумла:

1. Розигӣ дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ факти ҳуқуқии худмухтор ба ҳисоб рафта, ба мисли дигар фактҳои ҳуқуқӣ ифодаи он метавонад боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ гардад, яъне муносибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд орад, тағийр диҳад ва қатъ намояд.

2. Розигиро дар муомилоти маданӣ шахсе ифода менамояд, ки субъекти соҳаи дигари ҳуқуқ буда, амали ӯ ҳамеша ба нақша гирифташуда ё анҷомдодашуда мебошад (ба сифати чунин шахсон иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ, мақомоти давлатӣ ё муассиси шахси ҳуқуқӣ, ки иштирокчии бевоситаи муносибати маданӣ ҳангоми бастани аҳд ҳисобида намешавад).

3. Розигӣ ба амалҳои ғайриқонунии содиршуда ва ё дар оянда анҷом ёфта, дода намешавад.

Ҳамин тавр, пешниҳод менамоем, ки розигӣ ҳамчун ҳолати ҳуқуқӣ дар шакли амал ё беамалии (сукут) аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (муассиси он), мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ифодаёфта, ки аз тасдиқи аҳд ё шартнома ё амали дигари ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ аз иродаи онҳо иборат аст, муайян карда шавад.

Розигӣ дар шакли амали қонунӣ ифодаи ирода буда, ҳам аз аҳд ва ҳам аз санади маъмурӣ (намуди махсуси санади ҳуқуқӣ) фарқ мекунад. Розигӣ дар шакли хомӯшӣ аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ беамалии қонунӣ мебошад.

Таҳти истилоҳи амалҳои қонунӣ он ҳолат дар назар дошта шудааст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ амалеро интихоб менамоянд, ки қонунгузории маданӣ онро пешбинӣ намудааст ё амалеро интихоб менамоянд, ки бо қонунгузорӣ манъ карда нашудааст ва чунин амали фаъол амали қонунӣ эътироф карда мешавад. Қонунӣ будани кирдорро танҳо бо роҳи ба ҳамдигар ва меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқаманд намудани аломатҳои алоҳидаи амали барои ҳуқуқи маданӣ аҳамият дошта ва меъёрҳои ҳуқуқ муаян кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, усули иҷрои амал, тарафи зоҳирии амали қонуниро тавсиф мекунад.

Ба андешаи мо, танҳо амале қонунӣ эътироф карда мешавад, ки усули иҷрои он на танҳо ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо ва мазмуни ҳуқуқи маданӣ, балки ба мақсадҳои иқтисодӣ мухолиф набошад, ки барои анҷом додани амали муайян муқаррар шудааст, мувофиқат кунад.

Барои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба сифати аҳд тасниф намудани амал, тарзи иҷрои он, пеш аз ҳама, бо ҳамон меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ки талаботро нисбати шакли аҳд муқаррар менамоянд, баҳо дода мешавад. Новобаст аз он, ки «ҳар як талаботи расмӣ маҳдудиятҳо, душвориҳои муайянеро пеш меорад, боиси таъхир, беҳуда гузаштани вақт мегардад ва бо хатари дуҷори мушкилӣ алоқаманд аст» [76, с. 176], шакл меъёри муҳимтарин мебошад, ки тибқи талаботи қонуни маданӣ амали субъектро ҳамчун аҳд эътироф мекунад.

Ҳолатҳои дар боло номбаршуда тафриқагузории талаботҳоеро муайян намудааст, ки қонуни маданӣ дар ҳолатҳои мухталиф амалҳои мушаххаси ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст. Дар воқеъ, меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ дар аксар вақт восита ва тарзи иҷрои амалро дар қонунгузорӣ ҷой додаанд, ки хусусияти муайяннамоӣ ва баҳодиҳиро доро мебошанд. Дар мавридҳои ғайр дигар амалҳои ҳуқуқӣ, ки дорои хусусиятҳои амали фаъол мебошанд, тахти баҳодиҳӣ қарор намегирад.

Барои исботи ҳолати мазкур ба сифати мисол талаботи м. 440 КМ ҶТ баромад намуда, метавонад, ки тибқи он огоҳии қарздор аз ҷониби кредитори ибтидоӣ дар бораи гузашти ҳуқуқи талабкунӣ бо мақсаде анҷом дода мешавад, ки хусусияти пешгирӣ дорад, ба монандӣ: пешгирии иҷрои уҳдадории қарзӣ, яъне бо воситаи огоҳ намудани шахси қарздор оид ба гузашти талабот ба кредитори нав, ки метавонад ҳолати ӯро вазнин намояд ва инчунин хабар додан дар хусуси оқибатҳои номатлуби молумулкие, ки минбаъ ба ӯ метавонад сарбориро ба миён орад, агар қарздор дар бораи гузаштани ҳуқуқи талаби ба амаломада маълумот надошта бошад. Аммо мақсади чунин огоҳӣ барои қонуни маданӣ аҳаммият надорад. Шарти ягонаи фарорасии оқибатҳои ҳуқуқии амали зикргардида, содир намудани он бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мебошад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор ба кредитор оид ба гузашт кардани ҳуқуқи худ ба талаби баргардонидани қарз ба дигар шахс, яъне кредитори минбаъда муқаррар намуда, оид ба шакл ва тартиби амалинамоии чунин ҳуқуқ муқарраротро муайян накардааст ва ҳамзамон вобаста ба тартиби огоҳкунии гузашти ҳуқуқ ишорае мавҷуд нест ва ҳолати мазкур дар он маврид ҳолати ҳуқуқиро ба миён меорад, ки агар қарздор интиқоли ҳуқуқ ва маълумот дар бораи гузаштро дарк намуда, онро таъмин менамояд (яъне ба оқибате оварда мерасонад, ки дар қонун дарҷ гардидааст).

Ҳамин тавр, дар ҷараёни ҷобаҷогузорӣ ва баҳодиҳии ҳуқуқии ҳолати мазкур тафриқагузории амалҳои субъектони ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Дар чунин маврид бояд он таснифоти амалҳое ба асос гирифта шаванд, ки дар қонуни маданӣ нисбат ба онҳо талаботҳо пешбинӣ шудааст. Аҳаммияти ин асос барои таснифкунӣ аз мавҷудияти тафовути объективии шакли ҳуқуқии амалҳои гуногуни ҳуқуқӣ вобаста аст.

Барои бандубасти амал ҳамчун амалӣ - ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ бояд усули иҷрошавӣ, мазмуни иродавӣ ва ихтиёрии он амал баҳо дода шавад, содиршавии амал ва мақсади иқтисодии пешбинишуда барои ин амал баҳо дода шавад. Ҳамзамон барои бандубасти кирдори ҳуқуқӣ қонуни маданӣ қоидаҳоеро дар бар мегирад, ки тибқи онҳо танҳо тарзи иҷрои амалро баҳо дода мешавад. Қобили қайд аст, ки дар иқтисодиёти бозоргонии ҷаҳонӣ баҳодиҳии муфассали ҳуқуқии амалҳои иштирокчиёни муносибати ҳуқуқӣ дар асоси талаботи муқарраргардида (яъне дар асоси талаботи қонун арзёбии аҳдҳои тарафҳо, санадҳои мақомоти давлатӣ, қарорҳои мақомҳои шахсони ҳуқуқӣ) барои фаъолият ва таҳавуллоти муносибатҳои молумулкӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Покровский И.А. дар ин хусус ибрози ақида намуда, «аҳдро муҳаррики асосии ҳуқуқи маданӣ мешуморад» [175, с. 85]. Дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ маданӣ санадҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабулшаванда, аҳаммияти истисноӣ доранд, зеро «мақомоти давлатӣ (мақомоти дорои хусусияти ҷумҳуриявӣ ва маъмурӣ) дар маҷмӯъ барои

назорати риояи талаботи қонунгузорӣ ва танзим намудани масъалаҳои ба аҳли омма ва ҷамъият муҳим таъсис дода мешаванд, ки барои иҷрои амалҳои мазкур тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо ваколатҳои муайян дода мешавад ва дар заминаи иҷрои ваколатҳои худ онҳо салоҳият доранд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё санадҳои маъмурии хусусияти ҳуқуқидошта қабул намоянд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ таъсири қавӣ доранд» [203, с. 136-137]. Яъне, дар аксар ҳолатҳо санадҳои қабулшавандаи мақомоти давлатӣ барои баёни розигии он асос мегузорад.

Қарорҳое, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳо ва муҳокимаҳои масъалаҳои гуногун дар маҷлисҳо қабул шудаанд, «ифодаи расмии иродаи ҳамаи иштирокчиёни овоздиҳии он (яъне баёни розигии иштирокчиёни ҷаласа ба ҳисоб меравад) ё аксарияти онҳо (овоздиҳи аз ҷониби ҳиссаи зиёди иштирокчиён) ё ҳатто як иштирокчии маҷлисҳо аз ҳуқуқи вето истифода карда, овоздиҳӣ намудааст. (шахсе, ки дар маҷлисҳои ҷамъиятӣ дорои ҳуқуқи бузург мебошад)» [162, с. 25] ифода мекунанд. Имрӯз қонунгузорӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ озодии зиёдро фароҳам овардааст ва онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар фаъолияти худ шумораи зиёди иттиҳодияҳои ҳуқуқии маданиро таъсис диҳанд ва тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои таъсиси қарорҳои қабулкардаи онҳо асос барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқ мебошад, зеро барои шахсоне, ки дар ҷаласа иштирок накардаанд, оқибатҳо ба вуҷуд оварда метавонанд, чунин қарорҳои ҷамъиятҳо барои аҳдҳои маданӣ аҳамиятнок мебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки паҳлуҳои гуногуни мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, шаклҳо ва таснифоти розигӣ ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ ё воситаи танзими маданӣ мавриди таҳқиқи қарор гирифтаанд [139, с. 113-122; 187, с. 14-19; 134, с. 66-72; 152, с. 29-32; 130, с. 13-17; 188, с. 2-6; 193]. Ҳамзамон аксарияти таҳқиқотҳои илмӣ ҳолатҳои истисноии мушаххаси зарурати изҳори розигиро (масалан, розигии кредитор барои ба дигар шахс гузаштани талабот, розигии гаравдеҳ, қарздор ва кредитор барои тағйир додани амволи гарав ва ғайра) баррасӣ мекунанд. Дар ин мавридҳо, дар

натиҷаи баррасии қисматҳои алоҳидаи категорияи баррасишаванда, махсусан таҳлил ва омӯзиши табиати ҳуқуқӣ, дар баъзе маврид мафҳум ва моҳият, инчунин аломатҳои розигӣ (баъзе аломатҳо ва дар умум ҳамаи он) анҷом дода нашудааст. Дар мавриди омӯзиши адабиёти мухталиф дар ин самт, муайян гардид, ки таваҷҷуҳи бештари олимони ҳуқуқи маданӣ ба масъалаҳои шакли ифодаи розигӣ, ҳолатҳои амалии баёни он ва тартиби ба амал баровардани он ҳаллу фасл карда шудааст. Ба ибораи дигар, дар аксари ҳолатҳо адабиёти илмӣ танҳо ҳолатҳои алоҳидаи зарурати розигиро баррасӣ мекунанд, ки дар он шахс барои анҷом додани ҳама гуна амалиёт, чун қоида иҷозат медиҳад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло таъкид намудан зарур аст, ки розигӣ дар танзими ҳуқуқии маданӣ дорои аҳаммияти муҳим ва калидӣ мебошад, зеро он барои пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ замина гузошта, тавассути он ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ мавриди ҳимоя қарор дода мешавад, яъне, падидаи розигӣ вазифаҳои танзимкунанда (дар баёни шартҳои шартнома) ва муҳофизатиро (воситаи ҳифзи ҳуқуқ) дар муноибатҳои бавуҷудомада иҷро мекунад.

Олимон розигиро ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои субъектони ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, масъалаҳои назариявию амалии истифодаи розигиро дар ҳолатҳое, ки ифодаи он зурур мебошад, ҳал накардаанд, яъне меъёрҳоеро пешниҳод накардаанд, ки дар қонун чунин ҳолатҳоро муқаррар намояд. Пешбинӣ намудани меъёрҳо дар бораи навъҳои розигӣ аз зарурати дарки мақоми қонунгузор дар ҳолатҳои мухталифи муносибати маданӣ вобаста буда, тафовути намудҳои розигӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Мафҳум чунин категорияи ҳуқуқи маданӣ, ба монанди «розигӣ» дар Тоҷикистон то ҳол мавзуи таҳқиқи мустақили илмӣ нагардидааст. Дар баробари ин, истилоҳи «розигӣ» дар КМ ҶТ хеле зиёд истифода мегардад. Ҳамзамон таърифи мафҳуми «розигӣ» мушаххасан дар ягон моддаи алоҳидаи КМ ҶТ нишон дода нашудааст. Дар таҳқиқотҳои илмии баъзе аз олимони соҳа мушоҳида карда мешавад, ки баёни розигии иштирокчии

муносибат дар ҳолати дахлдор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (масалан, розигии кредитор барои гузариши ҳуқуқи талаб ба шахси сеюм, розигии гаравгир барои тағйири амволи гарав).

Мавриди зикр аст, ки истилоҳи «розигӣ» бештар дар қонунҳои муосири мадани̣, маъмурӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзилӣ, замин, ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ истифода мешавад. Масалан, дар КМ ҶТ [4] ва КО ҶТ мафҳуми «розигӣ» дар ин ё он мазмун зиёда аз 65 маротиба истифода шудааст [4; 6]. истилоҳи «розигӣ» дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи Тоҷикистон низ истифода мешавад.

Такмили қонунгузории маданӣ вобаста ба ифодаи розигӣ барои танзим ва ҳифзи ҳуқуқҳо талаботи замон буда, моҳияти падидаи мазкур дар зоҳири манфиатҳои ҳифзшавандаи ҳуқуқҳои субъектҳо аён мешавад. Дар ин хусус, дар яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими такмили қонунгузории кишвар дарак дода, дар банди 38 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 [3] пешбинӣ карда шудааст, ки «дар муомилоти маданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад» [3]. Дар қонунгузории маданӣ масъалаҳои розигӣ дар меъёрҳои он ба таври пароканда пешбинӣ карда шудааст, аммо дар бораи он меъёри алоҳида мавҷуд нест [180, с. 227].

Дар қонуни маданӣ розигӣ барои аҳдҳо, инчунин барои дигар амалҳои ҳуқуқӣ, масалан, барои эмансипатсияи ноболиғи ба синни 16-солагӣ расида, зарур аст. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, «Розигӣ ҳолати махсуси ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ мебошад» [211]. Қисми 1 м. 27 КМ ҶТ ба ҳуқуқҳои ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бахшида шудааст, ки меъёри он ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқ аз ҷониби ноболиғони категорияи махсус розигии хаттии махсусро аз ҷониби намояндагони қонунии онҳо пешбинӣ намудааст (падару модар, шахсоне, ки чунин ноболиғонро фарзандхондӣ намудаанд, парастор ва гурӯҳи

алоҳидаи субъектоне, ки онҳоро ивазкунанда) ва инчунин дар қисмати дигари моддаи мазкур аҳдҳои истисношавандаро ҳаллу фасл намудааст. Дар асоси қ.2 м.31 КМ ҶТ гурӯҳи алоҳидаи шахсоне, ки қобилияти амалкунии онҳо аз ҷониби суд қисман маҳдудшуда эътироф карда шудааст, ҳуқуқ дорад мустақилона  вобаста ба молу мулки хурди маишӣ аҳдҳо бандад. Ҳамзамон дар як маврид дар меъёри мазкур зикр шудааст, ки чунин гурӯҳи алоҳидаи шахсон танҳо бо розигии парастор (дар баъзе мавридҳо ба тариқи ифодаи хаттӣ дар баъзе ҳолати ифодаи шифоҳӣ) метавонанд аҳди дигарро анҷом диҳад. Дар як маврид ба онҳо розигии парасторон барои харҷи музди меҳнат, нафақа ё даромади дигар талаб карда мешавад. Ҳамзамон, мутобиқи қ.1 м.38 КМ ҶТ даромади шахсоне, ки нисбат ба онҳо васоят ё парасторӣ таъин карда шудааст, аз ҷумла даромади аз ҳисоби идораи молу мулки ба ӯ тааллуқдошта ба даст омадааст, бо гирифтани розигии пешакии мақомоти васояту парасторӣ аз ҷониби васӣ ё парастор танҳо ба шахсони таҳти ғамхории онҳо қарор дошта истифода шуда метавонад.  Дар қ.3 м.58 КМ ҶТ КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки шахсони ҳуқуқ метавонанд азнавташкилдиҳӣ карда шаванд. Шахси ҳуқуқӣ дар шакли муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ ё табдилдиҳӣ танҳо бо розигии мақомоти дахлдори шахси ҳуқуқӣ ва мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад. Қисми 2 м.74 КМ ҶТ талаботеро муқаррар намудааст, ки ҳангоми пешбурди якҷояи корҳои ширкат аз ҷониби иштирокдорони он (яъне гурӯҳи шахсони воқеие, ки дар ширкат ҳисса доранд) барои анҷоми ҳар аҳд розигии тамоми яъзои ҳиссадори ширкат ҳатмӣ мебошад.  Қисми 7 м. 96 КМ ҶТ дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъиятҳои масъулияти маҳдуд метавонад, муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ки танҳо бо розигии иштирокчиёни ҷамъият ҳисса дар сармояи оинномавии зикршуда як нафар ҳиссагузор, ки вафот кардааст, ба меросгирони ӯ гузарад.

Ба ғайр аз ин, ақидае ҷой дорад, ки ҳатто «созишнома як тарзи баёни розигӣ аст, ҳамзамон чунин тарзҳо метавонанд гуногун бошанд, ки интихоби онҳо бо волоияти қонун ё салоҳияти тарафҳо маҳдуд карда

мешавад» [211, с. 29]. Бо ҳамин ин сабаб раванди бастани шартномаро баъзан чун «розигии тарафайн барои ин ё он намуди танзимнамоии муносибатҳо, ки баъдан ба дараҷаи шартнома расонида мешавад» тавсиф мекунад [120, с. 226]. Ҳамин тавр, «қонунгузор истилоҳи «розигиро» истифода намуда, на ҳамеша як падидаро дар назар дорад» [111, с. 105-106].

Дар ҳуқуқи маъмурӣ аксар вақт барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ розигии мақомоти давлатӣ ё ҳукуматҳои маҳаллӣ талаб карда мешавад. Ҳамин тавр, масалан, мувофиқи моддаи 25 Қонуни ҶТ аз 30 майи 2017 № 1417 «Дар бораи ҳимояи рақобат» «таъсис ва азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор, таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳангоми пардохти сармояи оинномавии (шариконаи) он бо саҳмияҳо ва ҳиссаҳо ё молу мулки дигар шахси ҳуқуқӣ бо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ анҷом дода мешаванд» [16].

Дар Кодекси тандурустии ҶТ аз 30 майи соли 2017 № 1413 розигии бемор аксар вақт шарти зарурӣ барои анҷом додани фаъолияти тиббӣ мебошад. Ҳамин тавр тибқи моддаи 149 ҳамин Кодекс амалиёти ҷарроҳӣ, гузаронидани хун ва ҷузъҳои он, усулҳои мураккаби ташхис бо розигии хаттии беморон истифода бурда мешавад. Ба бемории ғайриқобили амал ва ба балоғат нарасида, амалиёти ҷарроҳӣ, гузаронидани хун ва ҷузъҳои он, усулҳои мураккаби ташхис бо розигии намояндагони қонунии онҳо амалӣ карда мешавад [9].

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] розигӣ ҳамчун иҷозати роҳбари мақомоти тафтишотӣ ба муфаттиш барои анҷом додани тафтишот ё иҷозати прокурор ба муфаттиш барои анҷом додани амали дахлдори тафтишотӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ ва қабули қарорҳои мурофиавӣ муайян карда шудааст.

Дар қонунгузории ҶТ, инчунин кишварҳои хориҷӣ, амалан ягон муқарраротеро, ки мафҳуми розигӣ дар он муайян шуда бошад, пешбинӣ нагардидааст. Истисно Кодекси мадании Озарбойҷон аст, ки дар он м. 355 «Мафҳуми розигӣ дар аҳдҳо» унвон дорад. Мутобиқи банди 1 моддаи мазкур, агар эътибориноки аҳд ба розигӣ шахси сеюм вобаста бошад, дар

ин ҳолат ба ҳарду тараф ҳам розигӣ ва ҳам раддияи розигӣ баён карда мешавад. Банди 2 ин модда ба шакли розигӣ бахшида шуда, барои розигӣ риояи шакли муқарраршудаи аҳд зарур нест. Ҳамин тавр, сарфи назар аз номи модда Кодекси шаҳрвандии Озарбойҷон мафҳуми розигиро муаян намекунад намедиҳад ризо пешбинӣ нашудааст.

Дар муносибатҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногун низ котегорияи розигӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Вобаста ба ҳолати мазкур истилоҳи «розигӣ-ро бояд ба намудҳои зерин тасниф намуд:

- розигӣ тарафҳои муносибати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқ барои бастани шартнома (ҳангоми муайян будани оферата пешниҳод аксепт, яъне розигӣ ба пешниҳоди манзуршуда);

- розигӣ на танҳо ҳангоми бастани шартномаи маданию ҳуқуқӣ нақши ҳалкунандаро бозӣ мекунад, балки ҳангоми иҷрои он ҳамчун унсури муносибатҳои шартномавӣ баромад менамояд, яъне дар баъзе мавридҳо розигӣ барои иҷрои амали муайяни шартномавӣ талаб карда мешавад;

- розигие, ки бояд аз тарафи контрагент дар доираи шартномаи мавҷуда гирифта шавад, яъне розигӣ барои ҷалби дигар субъектон барои иҷрои талаботи шартномае, ки бо агент баста шудааст;

- розигии мақомоти давлатӣ (мақомотҳои аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавӣ ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) барои анҷом додани аҳдҳо ва содир намудани дигар амалҳои ҳуқуқӣ;

- розигии субъекти ҳуқуқ барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ;

- розигии шахсони сеюм ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ барои бастани аҳди муайян (масалан, ҳангоми бастани шартномаи гарав, шартномаи хариду фурӯш розигии шахси дар он молу мулк ҳиссадор ё розигии ҳамсар дар молу мулки муштарак, ҳангоми бастани аҳдҳои калон аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ розигии муассис талаб карда мешавад).

Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии розигӣ ё маъқул донистани аҳд барои муайян кардани мазмун, шакл, тартиби додани аҳд, оқибатҳои додани он, имконият ва оқибатҳои бекоркунӣ ва ғайра муҳим аст.

Дар илм вобаста ба муайян намудани моҳияти ҳуқуқии чунин розигӣ назари ягона ҷой надорад, зеро меъёри алоҳида вобаста ба розигӣ дар КМ ҶТ мавҷуд нест. Ба ақидаи олимони мадании ватанӣ Соҳибзода М.М. ва Шерзода Б.С., «розигӣ яке аз падидаҳои ҳуқуқи маданӣ буда, он барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони ҳуқуқи маданӣ муқаррар гардидааст» [101, с. 126]. Касаткин С.Н. розигиро ҳамчун категорияи ҳуқуқи маданӣ баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки розигӣ яке аз амалҳои иловагӣ мебошад [159, с. 69-73]. Ин хулоса дар асоси ақидаи Мейер Д.И.: «...розигӣ он гоҳ ҳамчун амали ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, ки он дар асоси талаботи қонунӣ барои иҷрои амали дигар замина медиҳад» [70, с. 161] ба вуҷуд омадааст. Инчунин, доир ба масъалаи баррасишаванда Касаткин С.Н. ақидаи худро чунин баён намудааст: «шахсон розигии худро ҳамчун далели мустақили ҳуқуқӣ, танҳо дар робита ба амали дигари ҷудогона зоҳир мекунад. Дар алоҳидагӣ аз санади тасдиқшуда розигӣ маънои мустақили ҳуқуқӣ надорад» [159, с. 69-73]. Ҳамзамон ӯ ба Рожкова М.А. муроҷиат намуда, иброз намудааст, ки «...амал муносибатҳои ҳуқуқӣ набуда, аммо факти марказии ҳуқуқӣ буда, розигӣ дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонун ё шартнома шарти ҳатмии бастани шартнома мебошад, яъне ҳамчун унсури зарурии таркиби ҳуқуқӣ баромад мекунад» [203, с. 140-141]. Илова бар ин, Рожкова М.А. таъкид мекунад, ки розигӣ бояд ҳамчун «як намуди умумии аҳди яктарафаи дорои хусусияти ёрирасон эътироф карда шавад» [203, с. 140-141].

Дар ҳуқуқи маданӣ асосан розигӣ нисбат ба баъзе намуд ё категорияҳои аҳд муайян карда мешавад. Масалан, дар робита ба аҳди дутарафа розигӣ аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ ҳамчун ифодаи якҷонибаи ирода ва аҳди ёрирасон муайян карда мешавад.

Дихтёр А.И. дар бораи бастани аҳдҳое андешаронӣ намудааст, ки ҳангоми нагирифтани он чунин шартномаҳо беэътибор ҳисобида мешаванд, яъне ба ҳолатҳое диққат додааст, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ муҳим мебошанд. Аз нуқтаи назари ӯ ҳолати мазкури гирифтани розигӣ аз иродаи тарафҳо вобаста набуда, балки тибқи талаботи қонун муқаррар карда

шудааст. Аммо дар баъзе ҳолатҳо қонунгузор гирифтани розигиро дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ низ пешбинӣ менамояд, яъне ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ розигиеро зикр кардан мумкин аст, ки дар қонун пешбинӣ карда нашудааст. Масалан роҳбари ягонаи шахси ҳуқуқӣ наметавонад бе розигии муассис ё саҳмдорони худ ҳуқуқи бастани намудҳои алоҳидаи аҳдро дошта бошад ё ҳуқуқ надорад ягон моликиятро ихтиёрдорӣ намояд [146].

Аксар олимони ҳуқуқшинос розигии дар муносибатҳои ҳуқуқӣ муайянгардида тафриқагузорӣ намуда, дар қонунгузории маданӣ ва оилавӣ ба унсурҳои алоҳидаи мушаххас ва хоси онҳоро ишора намудаанд. Штиков Д.В. розигиро аз нигоҳи ҳуқуқи оилавӣ мавриди таҳлил қарор дода, «ҳолати бо хусусиятҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии оила муайяншуда, ки муносибатҳои байни субъектҳои дахлдор аз нуқтаи назари ҳамдигарфаҳмии нисбатан устувор ва мутобиқати рафтори онҳо дар шакл ва зери шартҳои пешбиникардаи қонуни оилавӣ» [211, с. 8-9] тавсиф менамояд.

Воробёва Е.А. дар ин хусус мавқеи худро муайян намуда, ба мафҳуми розигӣ чунин таъриф пешниҳод намудааст: «амали аҳдмонанд аст, ки яке аз асосҳои ба вуҷуд омадан, қатъ ё тағйир додани ҳуқуқу уҳдадориҳои нафари дигар мебошад» [138, с. 132; 139, с. 113-122].

Проблемаҳои муайян кардани моҳияти ҳуқуқии розигиро Пятков Д.В. [176], Болдырев В.А. [135, с. 82-86], дигар муаллифон низ баррасӣ намудаанд. В.А.Болдырев дар таҳқиқоти худ розигиро ба ду намуд розигии шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо намуда, онҳоро иштирокчии аҳд ва мақомоти ташкилот номбар намудааст ва розигии шахсони мазкур тибқи талаботи меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ метавонад мавриди баҳс қарор гирад. [135, с. 82-86].

Барои муайян кардани мафҳуми розигии бастани аҳд намудҳои чунин розигиро муайян ва ба низом даровардан зарур аст. Ҳамин тавр, дар адабиёти ҳуқуқӣ намудҳои зерини розигиро ҳамчун аҳд муайян мекунанд:

- розигии волидайн ва шахсони дигаре, ки онҳоро иваз мекунанд;

-розигии намояндагон ҳангоми ҳолатҳои пешбининамудаи қонун;

-розигии кредитор барои гузариши талаби қарз ба дигар шахс;

- розигии гаравдеҳ ва кафил  ҷиҳати таъмини уҳдадории қарздор.

Ҳамин ҳолатҳо низ дар қонунгузории мадании ҶТ пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар муқаррароти пешбининамудаи қ. 1 м. 27, қ. 2 м. 31, м. 38, қ. 2 м. 75, қ. 2 м. 325 ва қ. 2 м. 400 КМ ҶТ, ки ҳолатҳои ҳатмии ифодаи розигиро муайян намудаанд.

Инчунин, розигӣ метавонад аз рӯи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ тасниф карда шавад:

- розигии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- розигии иттиҳодҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ.

Розигии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амале мебошад, ки он боиси ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ мегардад. Розигӣ бе аҳде, ки ба он розиги дода шудааст, ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба вуҷуд намеорад. Дар баробари ин, қоидаҳои розигии бастани аҳд метавонанд мавқеи конунгузорро нисбат ба розигӣ дигар намуда, аз яктарафа будани аҳд гувоҳӣ диҳад.

Розигии иттиҳодҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ яке аз намудҳои дигари санадҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, санади мақомоти давлатӣ ё ҳукумати маҳаллиро ифода мекунад. Тибқи м. 7 КМ ҶТ: «ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, ки дар қонун ба сифати асоси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ пешбинӣ шудаанд.» [4].

Инчунин, қонунгузор қарорҳои маҷлисҳои ташкилотҳоро ҳамчун аҳди амали шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқиро ифода мекунад, ки он ҳамчун ҳолати ҳуқуқӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ё қатъ менамояд. Дар илм бошад, қарорҳои мақомоти шахси ҳуқуқӣ чун категорияи мустақили санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ мегардад [135, с. 82-86].

Ҳамзамон қарорҳои маҷлисҳои зиргардида барои он санади ҳуқуқӣ эътироф мегарданд, ки онҳо на танҳо барои иштирокчиёни ҷаласа, инчунин барои шахсоне, ки дар ҷаласа иштирок накардаанд ё дар овоздиҳӣ муқобил овоз додаанд, ҳатмӣ мебошад [135, с. 82-86].

Ба маънои маҳдуд, иштирокчии муомилоти маданӣ дар тафовут аз истилоҳи маъқул донистани аҳд бо қарори мақомоти шахси ҳуқуқӣ мавҷуд буда, баён намудани эътироз ва ё норозигӣ ба ин гуна санадҳо тибқи талаботи қонуни моддӣ ва мурофиавӣ амалӣ карда мешавад.

Дар миёни олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар хусуси ҳамчун розигӣ эътироф намудани қарорҳои маҷлиси ташкилотҳо ихтилофҳо мавҷуд буда, баъзе аз онҳо онро ҳамчун розигӣ ва баъзе дигар онро баръакс чунин намеҳисобанд. Ҳамин тавр, Андреев В.К. далел меорад, ки маъқул донистани аҳди калон ифодаи розигӣ ҳисобида намешавад, зеро муассис ё саҳомон ҳангоми қабули чунин санад бо шартҳои асосии шартномаи басташаванда шинос намешаванд.

Дар амалияи пешниҳод намудани розигӣ аз ҷониби мақоми шахсони ҳуқуқӣ метавонад нисбат ба аҳдҳои гуногун манзур карда шавад. Баён намудани хусусияти розигӣ ба аҳдҳои мухталиф ба вазъи ҳуқуқии мақоми шахси ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

Дар амалия адабиёти ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқи корпоративӣ баррасии мақоми шахси ҳуқуқиро дар матн истино намекунад, яъне ба омӯзиши онҳо диққат зоҳир намудааст [92; 100, с. 140; 98, с. 153-154; 104; 161, с. 168; 119, с. 145-146; 74, с. 72-73]. Дар адабиётҳои муосири ҳуқуқшиносӣ ва амалияи судӣ ба мавқеи мақоми шахси ҳуқуқӣ аҳаммияти хоса дода намешавад, зеро онҳо шахси ҳуқуқиро намояндагӣ намекунанд ва ҳуқуқи мустақилона фаъолияти ҷамъиятро пеш бурдан надоранд ва танҳо иродаи шахси ҳуқуқиро дар бастани баъзе аз аҳдҳо муайян менамоянд. Мақоми шахси ҳуқуқи тавассути ифода ирода қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амаликунии шахси ҳуқуқиро муайян менамояд.

Изҳори розигӣ аз ҷониби аҳдкунандагон шарти ҳатмӣ дар бастани шартномаҳо ба ҳисоб рафта, минбаъд дар боэътибории аҳд нақши назаррас мебозад, агар чунин изҳори розигӣ талаб карда шавад. Дар ҳама ҳолат ифодаи розигӣ ба таври ихтиёрӣ изҳор карда мешавад, аммо дар мавриде, ки иродаи додани розигӣ аз ҷониби шахси ваколатдор баён мегардад, мустақил ҳисобида намешавад. Додани розигӣ аз ҷониби

мақомоти иҷроия, ки масалан мақомоти зиддиинҳисорӣ мебошад, ба доираи ҳуқуқи оммавӣ дохил мешавад.

Ҳамин тавр, қарори мақомоти давлатӣ дар бораи додани розигӣ барои амалӣ намумудани ҳуқуқи муайян дар муносибатҳои ҳуқуқии оммавӣ, ки дар заминаи талаботи қонун қабул карда мешавад, санади маъмурӣ шуморида мешавад.

Масъалаи татбиқи муқаррарот дар бораи розигӣ ба бастани аҳд на дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 189. КМ ҶМ, балки аз рӯйи шартнома баҳснок ба назар мерасад. Агар дар асоси талаботи қонун розигии шахси сеюм, мақомоти дахлдори давлатӣ, шахси ҳуқуқӣ (ва ё мақомҳои он), мақомоти маҳаллии давлатӣ дар бастани аҳдҳои мухталифи маданӣ-ҳуқуқӣ зарур бошад, пас он ба таври ҳатмӣ бояд талаб карда шавад ва татбиқи аҳд дар амал имконпазир мегардад.

Мо ақидаи он олимонеро дастгирӣ менамоем, ки ба андешаи онҳо фарқиятҳои назаррас дар ҳолатҳое, ки розигӣ ба аҳд тибқи қонун ва ё тибқи шартнома талаб карда мешавад ҷой доранд. Чунин фарқият, пеш аз ҳама дар гирифтани маълумот барои иштирокчиёни аҳди маданӣ мебошад. Барои онҳо фаҳмидани зарурати гирифтани розигӣ барои аҳд осонтар аст, агар чунин розигӣ тибқи қонун талаб карда шавад. Бинобар ин қайд мегардад, ки бо ҳамин сабабҳо чунин муносибатхо як навъ танзими умумиро талаб мекунанд ва аҳди бе розигии зарурӣ дар ин маврид, дар ҳолатхои муайян бояд беэътибор дониста шавад [43].

Бо вуҷуди ин, ба ақидае розӣ шудан душвор аст, ки тибқи он «Дар ҳолатҳои дигар, агар розигӣ ба анҷом додани аҳд на дар қонун, балки дар шартнома ё ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинӣ шуда бошад, барои шахсоне, ки дар бастани ин шартномаҳо иштирок намекунанд дарк намудани аҳамитяи зарурати гирифтани розигӣ аз ягон шахсон барои анҷом додани амалиёти муайян мушкил мегардад.. Аз ин рӯ, беэътибор донистани аҳде, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудааст на ҳамеша тавсия дода мешавад» [43].

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки агар розигӣ барои бастани аҳди муайян дар талаботи қонун муқаррар нагардида бошад, аммо дар

ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқи ба монанди қарори муассисон, оиннома ва ё шартномаи шарикӣ дар тиҷорат изҳори розигии мақоми дахлдори шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда бошад, пас чунин розигӣ ҳамчун қоида шуморида мешавад. Ҳангоми таҳлили ҳолатҳои мазкур ва ҳалли баҳс дар суд, бо асоси он ки тарафи дигар дар хусуси баёни розигӣ медонист ё мебоист медонист, беэътибор дониста мешавад. Дар ин гуна мавридҳо эҳтимолияти доштани маълумот дар бораи зарурати гирифтани розигӣ умуман татбиқ карда намешавад, агар ихтилоф ҳангоми гирифтани розигӣ тибқи қонун талаб гардад.

Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши гузаронидашудаи ақидаҳо ва ҳолатҳои амалии падидаи баррасишаварда муайян гардид, ки дар асоси мазмун ва моҳияти меъёрҳои қоидаҳо ва қонуне, ки ба намудҳои гуногуни розигӣ бахшида шудааст, ҳуқуқи розигӣ барои бастани аҳд аз хусусиятҳои зерин иборат мебошад. Розигӣ барои бастани аҳд факти махсуси ҳуқуқие мебошад, ки баёнгари ифодаи амали ихтиёрии шахсони воқею ҳуқуқӣ, шахси сеюме, ки дар аҳд манфиат дорад, шахси ҳуқуқӣ (ё мақомоти дахлдори он тибқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии ташкилот), мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки бевосита иштирокчии аҳди маданӣ-ҳуқуқӣ набуда, аммо ифодаи розигӣ аз ҷониби онҳо ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, дар қонун, шартнома (инчунин аҳдҳо), ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ дарҷ карда шудааст. Розигӣ як ҷузъи сохтори ҳуқуқии аҳд мебошад.

Розигии шахси сеюм барои бастани аҳд ҳолати махсуси ҳуқуқие мебошад, ки дар қонун, шартнома, ҳуҷҷати таъсисӣ пешбинӣ гардида, амали ихтиёрии субъекти муносибати ҳуқуқиро ифода менамояд, ки иштирокчии аҳд намебошад ва ба анҷом додани амали ҳуқуқи нигаронида шудааст.

Бо дарназардошти мақсади гузошташуда оид ба таҳияи мафҳуми муаллифии «розигӣ» аломатҳои он ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

1. Розигӣ дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ факти ҳуқуқии худмухтор ба ҳисоб рафта, ба мисли дигар фактҳои ҳуқуқӣ ифодаи он метавонад

боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ гардад, яъне муносибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд орад, тағийр диҳад ва қатъ намояд.

2. Розигиро дар муомилоти маданӣ шахсе ифода менамояд, ки субъекти соҳаи дигари ҳуқуқ буда, амали ӯ ҳамеша ба нақша гирифташуда ё анҷомдодашуда мебошад (ба сифати чунин шахсон иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ, мақомоти давлатӣ ё муассиси шахси ҳуқуқӣ, ки иштирокчии бевоситаи муносибати маданӣ ҳангоми бастани аҳд ҳисобида намешавад).

3. Розигӣ ба амалҳои ғайриқонунии содиршуда ва ё дар оянда анҷом ёфта, дода намешавад.

Пешниҳод менамоем, ки розигӣ ҳамчун амали ҳуқуқӣ дар шакли амали ихтиёрӣ ё беамалии (сукут) ҳисобида шуда, он бевосита аз ҷониби мақомоти давлатӣ (дар маҳалҳо), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо (аз ҷумла дар вилоятҳо), шахси воқеию ҳуқуқӣ (мақоми шахси ҳуқуқӣ) ҳангоми бастани шатномаҳо (аҳд) аз ҷониби худи онҳо ё дигар субъекти ҳуқуқи маданӣ ифода ёфтааст, муайян карда шавад.

Розигӣ дар шакли амали қонунӣ ифодаи ирода буда, ҳам аз аҳд ва ҳам аз санади маъмурӣ (намуди махсуси санади ҳуқуқӣ) тафовут дорад. Розигӣ дар шакли сукут аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ беамалии қонунӣ мебошад.

Азбаски қонун аксар вақт гирифтани розигиро барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ талаб мекунад, боби 2 КМ ҶТ бояд бо моддаи алоҳида илова карда шавад, моддаи 7(1) «Розигӣ ба иҷрои амали ҳуқуқӣ», ки дар он дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Розигӣ ҳамчун амал ё беамалии ихтиёрии қонунӣ эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби мақоми давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, мақоми шахси ҳуқуқӣ ифода ёфта, аз тасдиқи аҳд ё амали дигари ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ иборат мебошад».

Илова бар ин, қ. 1 м. 7 КМ ҶТ «Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои маданӣ» бо зербанд бо мазмуни зерин пурра карда шавад:

«аз розигӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, шартнома, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;».

## 1.2. Ирода ва ифодаи он ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ

Мувофиқи моддаи 167 КМ ҶТ таҳти «мафҳуми аҳд амали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмида мешаванд, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ равона гардидааст», [4] фаҳмида мешавад. Дар ин таърифи аҳд ишора ба иродаи иштирокчиёни он мавҷуд нест. Дар баробари ин, таҳлили меъёрҳои КМ ҶТ нишон медиҳад, ки ирода дар аҳд нақши асосиро мебозад. Ҳамин тавр, масалан, мувофиқи қ. 2. м. 3 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки: «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд. Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар асоси шартнома ва муайян намудани шартҳои шартнома, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, озоданд» [4] ва тибқи қ. 2. м. 7 КМ ҶТ, аҳд асоси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад, бастани аҳд бошад, ирода аст. Ирода ҳамчун унсури зарурии аҳд, инчунин дар дигар моддаҳои КМ ҶТ низ мавҷуд аст.

Муносибатҳои иродавӣ, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ тасдиқ шудаанд, муносибатҳои ҳуқуқӣ мегарданд. Пеш аз ҳама ин далели он аст, ки хусусияти иродаи ихтиёрии муносибатҳои ҳуқуқӣ аз ду омили муҳим вобастагӣ дорад: якум, муносибатҳои мазкур аз иродаи давлат вобаста мебошад, яъне давлат бо мақоми қонунгузор иҷозати амали муайянро дар меъёрҳои қонун инъикос менамояд; дуюм, муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамеша бо ирода ва шуури фардӣ ва қобилияти посух додан ба таъсири ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад [80, с. 93]. Дар робита ба ин масъалаи Алексеев С.С. ибрози ақида намудааст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ аз иродаи давлатӣ бештар вобастагӣ дорад, зеро давлат муносибатҳои ҳуқуқии шахсро пешакӣ муайян менамояд ва ҳамзамон ӯ мутлақан рабт додани

муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо иродаи шахсӣ  дуруст намешуморад [25, с. 255-256].

Бояд қайд намуд, ки ба андешаи баъзе аз олимон, бе иродаи давлат муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада наметавонад, зеро дар меъёрҳои қонун ифода ва муқаррар гаридидааст. Набояд фаромӯш кард, ки шахс танҳо бо хоҳиш ва салоҳдиди худ ба муносибатҳои маданӣ ворид мешавад, ки ин ҳолат аз иродаи ихтиёрии ӯ бештар шаҳодат медиҳад. [106, с. 27]. Ирода дар муносибатҳои ҳуқуқӣ иродаи инфиродии иштирокчиёни он мебошад.

Равишҳои асосии баррасии мафҳуми «ирода» инҳо мебошанд:

**1) Ирода чун рафъи монеаҳо, ҳамчун саъю кӯшиш.** Дар хусуси ирода Селиванов В.И. андешаронӣ намуда, онро ба ду маъно ифода намудааст. Якум, ирода, пеш аз ҳама барои бартараф намудани мушкилиҳои бамиёномада равона карда мешавад [97, с. 39]. Дуюм, ба тамоми зуҳуроти иродаи ҳар фард аз хусусияти умумӣ, ба монандӣ муқовимати бошууронаи шахс бо душвориҳо дар муайян намудани шартҳои танзим ва воситаю тарзҳои амалӣ ифода меёбад [97, с. 39].

Инчунин Ковалёв А. иродаро ҳамчун бартараф кардани душвориҳо шарҳ медиҳад. Ҳамзамон ӯ ин хусусиятро ба як амали мураккаби ирода нисбат дода, таъкид мекунад, ки ирода асоси худдорӣ, истодагарӣ ва ҷасорат аст [54, с. 7, 17]. Иродаи шахс дар ниҳоят ҳамчун як ҷанба мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор мегирад. Иродаи субъектони ҳуқуқӣ ҳамчун кӯшиш ба ҳисоб меравад, аммо набояд ба саъю кӯшиш маҳдуд карда шавад, гарчанде кӯшиш дар баёни ирода нақши муҳим дорад [97, с. 40-41].

**2) Ирода ҳамчун қобилият**. Вобаста ба ҳолати мазкур ирода қобилияти мақсадноки субъекти ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамеша амалҳои шахс бо шуури ӯ алоқаманд мебошад. «Ирода ин қобилияти интихобан ҷавоб додан ба таъсири беруна аст...» [122, с. 6].

**3) Ирода ҳамчун хоҳиш ва розигӣ.** Ҳуқуқшиносон иродаро бо маънои мазкур низ шарҳ дода, хоҳишро ҳамчун аломати ихтиёрии амали гунаҳкорӣ ва ҳангоми бастани шартномаҳо розигиро ҳамчун иродаи

тарафи аҳдкунанда меҳисобанд ва ин истилоҳҳо ба як маъно дарҷ карда шудааст. Мафҳуми мазкур дар байни олимон маъмули ҳисобида шуда, барои фаҳмиши ирода бештар истифода мегардад. Стучка П.И.дар ин хусус иродаро ҳамчун қобилияти махсуси иштирокёчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ шуморида, онро ба ҳолати равонии шахс бо ҳоҳиш майлдошта тавсиф мекунад [103, с. 113]. Намояндагони фалсафаи ирода, ба монандӣ Шопенгауэр, Ҳартман ва дигарон ба ирода нақши аввалиндараҷа бахшида, онро дар лаҳзаи ба миён омадани муносибат ҳамчун хоҳиш тавсиф мекунанд. Роҷеъ ба гуфтаҳои мазкур онҳо қайд менамояд, ки «принсипи умумии ҳар амал хоҳиш ё ирода аст» [121, с. 15].

**4) Ирода – ҳадафнок будан** [93, с. 458-460]. Бояд қайд намуд, ки вазифаи асосии ирода ин ноил гардидан ба ҳадафи дар назди худ вогузошта мебошад, ки ба ҳолати равонии шахс рабт дошта, дар бошуурона амал ва рафтор намудани инсон инъикос меёбад. [148, с. 12]. Агар ба мазмуни таърифи мазкур назар афканем, пас муайян мегардад, ки он бештар ба амали ихтиёрии шахс пайвастагӣ дошта, иродаро дарбар намегирад, зеро ҳамеша дорои ҳадафи дахлдор мебошад.

Дар баъзе ҳолатҳо таҳти мафҳуми ирода якчанд аломатҳои он зоҳир мешавад. Масалан, шахс тавассути ирода ва шуури худ дар назди худ мақсад мегузорад ва барои ноил гардидан ба онҳо душвориҳоро аз сари роҳи худ барканор менамояд. [61, с. 153].

Тавре Ойгензихт В.А., қайд менамояд, ирода ин маҷмуи оддии марҳилаҳои равонӣ нест, балки як равандест, ки онро ба таври мухтасар ҳамчун «танзими равонии рафтор» муайян кардан мумкин аст [80, с. 17].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мафҳумҳои дигари иродаро низ вохӯрдан мумкин аст. Академик Венедиктов А.В. иродаро ҳамчун унсури асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ баҳо дода, онро чунин васф намудааст: «Ирода ин қудрати аз ҷониби қонун эътирофгардидаи шахс мебошад» [39, с. 36]. Албатта, дар ин ҷода дар хусуси ирода ҳамчун падидаи аз ҳокимият вобастабуда мулоҳиза рондан дуруст мебошад. Олими мазкур тавассути мафҳуми манзурнамудааш меҳоҳад, ки шахс бо қудрат ва салоҳдиди худ ва

дар заминаи бо қонун муайянгардида дорои қобилияти тасмимгирӣ дошта бошад, аммо дар ҳолати мазкур ин аз озодии амали шахс дарак медиҳад.

Аз таҳлил ва омӯзиши шаклҳои гуногуни баёни таърифи ирода пешниҳод намудани мафҳуми мураккаби он ғайриимкон мегардад.

Дар адабиёти илмӣ-ҳуқуқӣ баъзе аз ҳуқуқшиносони соҳаи сивилистӣ тавассути ирода танзими ақидаро имконпазир мешуморанд. Аммо андешаи мазкур то андозае асоснок карда нашудааст, зеро аз нигоҳи илми равоншиносӣ ирода дорои хусусиятҳои ихтилофдошта мебошад ва чун аз як навъ «қувваи пурасрор» асосёфта, ба ҳисоб меравад [68, с. 130]. Баъзе аз ҳуқуқшиносон баръакси гуфтаҳои мазкур иродаро дуруст ҳаллу фасл намудаанд. Масалан, Красавчиков О.А. дуруст қайд менамояд, ки: «... ҳангоми ба рафтори шахс баҳои ҳуқуқӣ додан, на танхо ба чизе, ки рафтор ифода шудааст - амал, балки инчунин, чигунагии алоқамандӣ байни амал ва раванди ихтиёрии бошуурона, ки боиси ин амал шудааст, бояд ба инобат гирифта шавад» [58, с. 97].

Яъне, ирода аз рӯйи табиати худ наметавонад бо тафаккур муқобилият дошта бошад. Аммо дар баробари эътироз инчунин монанд донистани тафаккур бо ирода ҷой доранд. Албатта, ирода худ ба худ бе вуҷуди тафаккур аз шуур берун мемонд, яъне он аз амали шахс вобастагӣ намедошт. Ба назар дуруст мерасад, ки ирода ва шуур ҳамчун ҷанбаҳои ба ҳам мухолиф набуда, онҳоро чун паҳлӯҳои муайяннашавандаи як раванди равоншиносӣ баррасӣ кунем [68, с. 151]. Ба андешаи Спиркин А.Г., аз нигоҳи мулоҳизаи болозикр, ки ирода дар ихтилоф бо тафаккур вуҷуд дошта наметавонад, дастгирӣ намуда, тазаккур дод, ки ирода бе тафаккур азри ҳастӣ надорад, зеро инсон барои ифодаи иродаи худ аввалан бояд андеша намояд ва дар ин замина хулосабарорӣ намудааст, ки танҳо тавассути баёни ирода тафаккур инъикос меёбад [102, с. 124].

Ҳамин тавр, субъекти ҳуқуқ тавассути ифодаи ирода раванди ягонаи мураккаби танзими равонии рафтори (амал, кирдор) худро нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар фалсафаи ҳуқуқ миёни ҳуқуқ ва ирода дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар баъзе ҳолатҳо тафовут доштанаш мумкин

аст. Масалан, муносибатҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи фактҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир ва қатъ мегардад. Ирода бошад, он гоҳ ифода карда мешавад, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ муқаррар гардида, ҳангоми ба вуҷуд омадани муносибатҳои иҷтимоӣ ба он мақеи ҳуқуқӣ мебахшад [75, с. 11].

Амали ихтиёрии шахс дар ибтидо баёнгари талаботи (ё эҳтиёҷот) субъекти ҳуқуқ мебошад, ки дар амалия бо он вохӯрдааст [67, с. 245; 84, с. 50]. Инсон, пеш аз ҳама, ба он чизе майл мекунад, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти ӯ зарур аст. Яъне аз ин бармеояд, ки шахс аз ҳолати равонии худ барои ноил гардидан ба ҳадафи муайян амал менамояд. Тавре Леонтев А.Н. қайд мекунад эҳтиёҷот маънои «эҳтиёҷ ба чизеро дорад, ки берун аз ҷисми инсон ҷойгир аст» [62, с. 1]. Нақши эҳтиёҷот ҳамчун омили муайянкунандаи рафтор ниҳоят калон аст, аммо худи эҳтиёҷот ҳанӯз сабаби рафтор нест ва бе шахс амал карда наметавонад. Ва агар эҳтиёҷот фаъолиятро шарҳ дода тавонад, бо он кирдорро шарҳ додан ғайриимкон аст. Эҳтиёҷот ин танҳо муҳаррик ва сарчашма мебошад.

Ҳавасмандгардонии фаъолияти шахс бояд аз ҷониби ӯ амалӣ гардад, то ба ангезаҳои иродаи ӯ табдил ёбад. Шахс барои қабул намудани қарор дар бораи анҷом додан ин ё он амал, пеш аз ҳама, дар хусуси зарурати худ ба он фикр карда, барои қонеъ намудани талаботи худ андешаронӣ менамояд ва барои ноил гардидан ба он яке аз роҳҳои ҳалли онро интихоб менамояд. Ҳамин тавр, иродаи шахс дар ҷараёни бастани аҳд якчанд марҳилаҳои ташакулёбиро мегузарад, ки онҳо аз марҳилаҳои зерин иборад мебошад: пеш аз ҳама шахс қабл аз хоҳиши бастани аҳд ниёз пайдо менамояд, баъдан барои қонеъ гардонидани ниёзи худ роҳҳои ҳалли онро андеша менамояд ва баъдан барои ҳадафи дар назди худ гузошта дарк намудани роҳҳои қонеъгардонии он (интихоби амали муайян), ниҳоят баъди интихоби амал қарор қабул мекунад [208, с. 3].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки иродаи шахсро ба якчанд амалҳои ҷузъӣ ҷудо намудан дуруст мебошад. Дар навбати аввал, шахс барои расидан ба ҳадафи худ амалҳои худро дарк менамояд ва барои ноил

гардидан ба он усулу воситаҳоеро интихоб менамояд, ки имконпазирии муваффақияти ӯро дар ин самт бештар мегардонад. Баъд аз муайян намудани ҳолати даркнамоӣ ва андешароӣ шахс барои худ қарори зарурӣ қабул менамояд, сипас дар иродаи ӯ ифода карда мешавад. Дар ин замина иҷрои амалҳои мазкур метавонад аз якчанд марҳила иборат бошад. Аммо бояд дар назар дошт, ки иродаи тарафҳои аҳд аз иродаи давлат ҷудо ба амал бароварда намешавад, зеро давлат бо муқаррар намудани ҳуқуқ ба шахс замина фароҳам меорад. Бояд тазаккур дод, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва дилхоҳ дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ, ба мисли бастани аҳд аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ дар иродаи давлат зоҳир мегардад, яъне муносибатҳои ҳуқуқӣ воқеан муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта бо иродаи давлат тавассути қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода ёфтааст. Бастани намуди мухталифи аҳд пеш аз ҳама он гоҳ имконпазир аст, ки онро давлат эътироф намудааст ва баъдан, ҳангоми мавҷудияти он аз иродаи тарафҳо, яъне розигии онҳо вобастагии ногусастанӣ дорад. Бинобар асосҳои мазкур маҳдуд намудани ба миён омдани амали ҳуқуқӣ боирода ва ё розигии субъекти ҳуқуқ нодуруст мебошад. Алоқаманд намудани оқибатҳои ҳуқуқӣ танҳо ба раванди ботинии ирода нодуруст мебошад, зеро он ягон амали ҳуқуқиро ба вуҷуд наовардааст ва аз натиҷаи он ягон амали мусбӣ ё манфӣ сар назадааст. Аз нигоҳи ҷараёнҳои ҳуқуқӣ, ҳамеша ба ҳолате аҳаммият дода мешавад, ки дар ифодаи зоҳирӣ амали муайян мушоҳида шудааст [75, с. 42].

Ҳангоми бастани аҳд зарур аст, ки розигии шахс тавассути иродаи он бояд озодона баён карда шавад, зеро минбаъд он ба эътибornокии аҳд таъсир мерасонад. Дар ҳолати ба миён омадани ҳолати дигар, яъне маҷбур намудани шахс барои бастани аҳд, ба беэътибории он оварда мерасонад.

Муносибатҳои иродавӣ дар муносибатҳои молумулкӣ на танҳо танзими амали фаъол мебошад, балки иродаи мувофиқи субъекти ҳуқуқи маданӣ мебошад [81, с. 118]. Қобили қабул мебошад, ки дар чунин ҳолатҳо ирода ҳамчун хоҳиш фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, ҳатто дар ҳуқуқи мадании Рим муқарарроте мавҷуд буданд, ки танҳо аҳдҳоеро эътироф

мекарданд, ки он матлуб бошад. Танҳо иродаи ифодагардида баёнгари аҳди ҳуқуқӣ мебошад. Иродаи мувофиқашударо қайд намуда, олимон тамоми раванди танзимро дар назар доранд, зеро тавре маълум аст, танҳо хоҳиш аз мувофиқашавӣ гувоҳӣ намедиҳад, барои ин қабул кардани қарор, онро ба таври зоҳирӣ изҳор намудан ва амали субъектро барои дар шакли мувофиқ мустаҳкам намудани ин ифодашавӣ зарур аст [81, с. 118].

Аҳд ифодаи озоди иродаи иштирокчиёни он - субъектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробар мебошад. Аммо, албатта, иродаи иштирокчиён бояд бо иродаи давлат тасдиқ карда шавад - муносибатҳои ҳуқуқӣ на танҳо аз рӯи иродаи иштирокчиёни аҳд ба вуҷуд меояд. Дар созишномаи тарафҳо раванди ихтиёрии дохилӣ ва ифодаи берунии он пешбинӣ шудааст, ки мумкин аст ба он аҳаммияти ҳуқуқӣ дода шавад. Барои қонун танҳо раванди равонӣ аҳамият надорад, ифодаи ирода зарур аст [81, с. 121]. Бинобар ин, дар аҳд байни ирода ва ифодаи берунии он, ки ифодаи ирода номида мешавад, тафовут кардан лозим аст.

Дар ҳар маврид, ирода ба таври яктарафа баён мешавад, вале зарур аст, ки он ба тарафи дигар бевосита ё бавосита муроҷиат карда шавад. Ҳамин аст, ки дар масъалаи шаклҳои ифодаи ирода баҳсҳо ба вуҷуд меоянд. Бояд қайд намуд, ки ягон шакли ҳатмӣ вуҷуд надорад. Иродаро дар офертаи оммавӣ низ ифода кардан мумкин аст. Ҳамзамон масъалаи таъсири ҳуқуқии пешниҳод ва қабули он баҳснок ба назар мерасад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, чунин изҳорот ба лаҳзаи қабули қарор мувофиқат мекунад, зеро дар ин лаҳза мувофиқати иродаҳо ба вуҷуд меояд. Ифодаи иродаи контрагент тавассути пешниҳоди амал барои бастани аҳд ва қабули он аз ҷониби дигарон ифода меёбад. Аҳд ин амали ихтиёрии бошууронаи тарафҳои муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, аз ифодаи розигии шахс вобастагӣ дошта, ҳамеша мақсади ноил шудан ба ҳадафи дахлдор мебошад [85, с. 5]. Ҳамзамон дар аҳдҳо ҳамчун амалҳои иродавии иштирокчиён, ифодаи иродаи умумии онҳо зоҳир мешаванд [67, с. 373].

Иродаро лаҳзаи субъективӣ ва ифодаи иродаро лаҳзаи объективӣ меноманд. Тафовут байни ин нуқтаҳо дар мавридҳои зиддият байни мазмуни ҳақиқии ирода ва ифодаи зоҳирии он - ифодаи ирода ахамияти махсус пайдо мекунад [40, с. 712-713]. Ба ақидаи Гамбаров Ю.С., ирода ҳамчун падидаи равонии ҳаёти ботинии инсон барои ҳуқуқ аҳаммияте надорад. Он ҳамчун амале баромад мекунад, ки берунӣ зоҳир мегардад ва дар шакли ифодаи ирода эътироф мешавад. Аз ин рӯ, ирода ва ифодаи ирода ба маънои ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудонашавандаанд. Дар он ҷое, ки ирода аст, ифодаи ирода низ ҷой дорад, дар он ҷое, ки ирода нест, ифодаи ирода низ нест.

Барои ифодаи ирода восита ва усулҳое гуногун истифода мешаванд, ки аз нигоҳи ҳуқуқ дорои аҳаммият ва муҳиммият мебошад. Бояд қайд намуд, ки чунин воситаҳо ба се гурӯҳи асосӣ тафриқабандӣ шудааст:

1) ифодаи бевоситаи ирода, ки дар ботини шахс ташаккул ёфта, тавассути шифоҳӣ ё хаттӣ ба тарафи дигар аҳдкунанда ирсол шудааст. Масалан, тибқи моддаи 471 КМ ҶТ кредитор ва қарздор ба хулосае омадаанд, ки бар ивази иҷрои уҳдадорӣ ягон молу мулке ҳаққи дасткашӣ карда мешавад, ки табқи он шартҳо, муҳлат, арзиш ва ғайраҳо бояд пешакӣ муайян карда шавад [199, с. 145];

2) ифодаи ғайримустақим (конклютивӣ), ки ба амали зоҳирии шахс рабт дошта, ҳангоми бастани аҳди маданӣ-ҳуқуқии шахс мушоҳида намудани он имконпазир аст. Масалан, барои ба фурӯш баровардани мол дар бештари мағозаҳои муосир нархи мол ҳамчун маълумот дар поёни пештоқӣ мол нишон дода мешавад, ки гувоҳи он аст, ки моли фурӯшист;

3) баёни ирода бо сукут, яъне ҳолати мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ вақте муҳим мебошад, ки агар он бевосита дар қонун пешбинӣ шуда бошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар ин хусус таҳқиқотҳои зиёде мавҷуд мебошанд ва дар баъзе аз онҳо зикр шудааст, ки «ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун, сукутро метавон розигӣ ба бастани аҳд ё изҳори иродаи ба анҷом расонидани он ҳисоб кард, ба шарте ки чунин имкон дар созишномаи тарафҳо бевосита пешбинӣ шуда бошад» [136, с. 13].

Тавассути ифодаи бевоситаи ирода, ҳама гуна аҳдҳоро метавон анҷом дод. Иродаи бавосита (конклютивӣ) дар қонун пешбинӣ нашудааст ва дар амал барои бастани аҳдҳое истифода мешавад, ки дар қонун муқаррар нашудааст, вале ба қонун мухолифат надорад. Таҷрибаи бастани аҳдҳо ва муқаррароти қонунгузорӣ шаҳодати он аст, ки дар амалия ду намуда шартномаҳо маҷуд мебошад, аз ҷумла, аҳдҳое, ки ба тариқи оддии хаттӣ ё ба тариқи нотариалии тасдиқшуда ҷудо мешавад, ки аз иродаи тарафҳо вобаста мебошад. Бояд қайд намуд, ки агар барои бастани аҳд шакли муайян муқаррар нашуда бошад, пас ифодаи усулҳои ҳам бавосита ва ҳам бевосита дар он имконпазир аст [199, с. 176].

Таҳқиқотҳои илмии болозикр дуруст қайд намудаанд, ки ифодаи ирода ҳамеша бо иродаи ботинии шахс ягона мебошад, агар номутобиқати байни иродаи ботинӣ ва зоҳирӣ дида шавад, пас байни тарафҳои аҳд баҳсро ба миён оварда, дар натиҷа боиси беэътибор дониста аҳд шуда метавонад, агар исбот шавад, ки номутобиқатии мазкур дар натиҷаи монеъшавии тарафи дигари аҳд ё шахсони сеюм амалӣ шудааст. Изҳор намудани розигии шахс барои бастани аҳд дар шакли зоҳирӣ нақши ҳалкунанда дорад. Аммо аз амалияи муносибатҳои ҳуқуқӣ бармеояд, ки шаҳодат додани ҳамшабеҳ будани ифодаи зоҳирии розигӣ барои бастани аҳд ё амали ҳуқуқии дахлдор бо рафтори озоди шахс, нодуруст мебошад. Ҳолати мазкур бо он асоснок мегардад, ки шахс бо дарки амалӣ намудани имкониятҳои худ барои ноил гардидан ба ҳадафи худ ва маҳдуд будан дар интихоби воситаҳои роҳи ҳал ҳамеша бо он алоқаманд аст. Дар ин маврид, интихоби усули рафтори зарурии шахсро метавон ҳамчун изҳори озодии ирода эътироф намуд, зеро ба иродаи ботинии шахс мувофиқ аст [53, с. 466-467].

Баъзан шаҳрвандон ба муносибатҳои шартномавӣ бевосита дохил намешаванд ва ба воситаи намояндагон иродаи худро баён мекунанд. Масъалаи ирода дар намояндагӣ баҳсбарангез аст. Аксари муаллифон дуруст эътироф мекунанд, ки ҳангоми бастани аҳд намоянда иродаи худро баён мекунад ва маҳз иродаи ӯ нақши муҳим мебозад. Дар баробари ин

қайд карда мешавад, ки ҳангоми намояндагӣ (албатта, шахсони кобили амал) ахаммияти databases иродаи шахси вакилкунанда муҳим аст. Иродаи шахси вакилкунанда дар тасдиқи  минбаъда, балки дар интихоби намоянда, дар муқаррар намудани доираи муайяни ваколатҳои вай ифода меёбад. Иродаи намоянда ба амалӣ гардондани иродаи вакилкунанда нигаронида шудааст [112, с. 68-69; 74, с. 66; 63, с. 207]. Аз ваколат даст кашидани намоянда дар баъзе мавридҳо ба шахси вакилкунанда ҳуқуқ ба товони зарар медиҳад. Дар ин маврид розигии вакилкунанда аҳаммияти асосӣ дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки интихоб бо дарки муайян анҷом дода шуда, баёнгарӣ озодона анҷом додани он мебошад. Мавқеи мазкур дар байни ду зуҳурот тафриқа гузошта, озодии иродаро аз озодии интихоб фарқ менамояд, зеро яке аз онҳо дар тасаввуроти шахс мавҷуд буда, дигаре дар амали воқеии шахс падидор мегардад ва аз ин нигоҳ, онҳо баробар дониста намешаванд [42, с. 31]. Имконияти интихоби ин ё он амал худ ба озодӣ ниёз дорад ва озодии ирода танҳо бо он маҳдуд карда намешавад, зеро аввалӣ аз охирӣ вобаста мебошад [141, с. 3]. Субъектони ҳуқуқи маданӣ дар ин гуна маврид бояд дар интихоби рафтори зарурӣ бояд озод бошанд ва ба манфаитҳои онҳо мутобиқ бошанд. Озодии амал ҳамеша бе эҷодкунии монеа ва маҷбурӣ ҷой дошта метавонад ва ифодаи озодонаи ирода дар иҷрои қарор ва ё «қарори иродавӣ» зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, дар мавриди ирода бояд қайд намуд, ки ирода хоҳиши қатъӣ ва асосноки шахс барои расидан ба ҳадаф мебошад. Ирода – раванди танзими равонии рафтори субъектҳо мебошад [80, с. 24]. Миқдори зиёди меъёрҳои КМ ҶТ талаботро нисбати аломати ихтиёрии амалҳое, ки қонуни маданӣ ҳамчун аҳд эътироф кардааст, дар бар мегирад. Ҳамин тавр, мутобиқи моддаи 496 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки: «агар тафсири аслии шартнома барои муайян кардани мазмуни шартнома имконият надиҳанд, бояд иродаи ҳақиқии умумии тарафҳо бо назардошти мақсади шартнома дақиқ карда шавад» [4]. Муқарраротҳои КМ ҶТ (беэътибор донистани аҳдҳо) чунин амалҳоеро, ки бо нуқси ирода, ки дар натиҷаи гумроҳи тахти

таъсири фиреб содир шудаанд, беэътибор эътироф мекунанд, (м. 195 КМ ҶТ, бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, (м. 196 КМ ҶТ) ва ғайра.

Дар баробари ин вазифаи асосии бандубасти иродавии амал муайян намудани мақсади воқеии иқтисодии он мебошад. Зеро, ба вуҷуд овардани ҳуқуқу ухдадориҳо мақсад набуда, балки воситаи қонеъ гардондани эхтиёҷоти тарафҳои аҳд мебошад [116, с. 96]. Амалҳое, ки дар шакли ҳуқуқӣ содир карда мешаванд, тибқи КМ ҶТ барои ноил шудан ба ҳадафи иқтисодии пешбинишуда равона нашудаанд. Ҳангоми муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқии чунин амалҳо иродаи субъектҳо ба инобат гирифта намешавад, зеро ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо дар қонун ҳатмӣ муқаррар карда шудааст. Ҳангоми муайян кардани оқибатҳои ҳуқуқии чунин амалҳо иродаи субъектҳо ба инобат гирифта намешавад, зеро ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо дар қонун ба таври императивӣ муқаррар карда шудааст.

Дар замони муосир муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ ба он ҷараёне рушд намуда истодааст, ки арзёбии ҳар як амал аз нигоҳи иродавӣ ва мақсаднокӣ мувофиқи мақсад намебошад, зеро аз рӯи аҳаммиятнокии ҳуқуқӣ ба дигар амалҳои ҳуқуқӣ монанд мебошанд [198, с. 45]. Зеро, агар фарорасии оқибатҳои ҳуқуқӣ куллан тамоми амалҳои ҳуқуқӣ ба мувофиқати самти иродавии онҳо ба аломатҳои зоҳирӣ вобаста мешуд, он гоҳ аҳди маданӣ ниҳоят ноустувор мешуд.

# БОБИ 2. НАМУДҲО ВА ШАКЛҲОИ ҲУҚУҚИИ РОЗИГӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

## 2.1. Намудҳо ва аломатҳои розигӣ ҳамчун тарзи батанзимдарорӣ дар ҳуқуқи маданӣ

Розигӣ ҳамчун воситаи танзимкунанда ба раванди ба даст овардани созиш ё аҳд байни иштирокчиён дар вазъияти мушаххас тааллуқ дорад. Ин як ҷанбаи муҳими ҳамкории байнишахсӣ, идоракунии ташкилӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳо мебошад. Ҳуқуқи маданӣ аз сабабе, ки падидаи розигӣ ба яке аз намудҳои амалҳои ҳуқуқӣ тааллуқ дорад ва дар муносибатҳои ҳуқуқ дар муайян намудани ҳолатҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад ва бо ин роҳ ба ӯ нақши иҷтимоию иқтисодӣ дода мешавад, яъне доираи танзими ӯ дар муносибатҳои маданӣ васеъ мегардад.

Дар ин ҷода Красавчиков О.А. ибрози ақида менамояд, ки шаклҳои ҳуқуқӣ бояд ҳам амали субъектҳои ҳуқуқӣ ва ҳам зуҳуроти ҳаёти ҳуқуқиро дарбар гирад [163, с. 18]. Новобаста аз он ҳолат, ки шакли ҳуқуқии розигӣ ба намудҳои гуногун зоҳир мешавад, ҳамеша якрангии худро нигоҳ медорад ва дорои хусусиятҳо ва аломатҳои устувор иборат мебошад.

Дар оғоз бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои асосии розигӣ ин амали яктарафаи иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, зеро дар муносибатҳои мазкур ифодаи иродаи ҳар ҷониб дар алоҳидагӣ баён карда мешавад. Дар ин гуна мавридҳо розигии тарафи муқобил тараб карда намешавад, зеро таъсири ҳуқуқӣ он гоҳ имконпазир аст, ки агар розигӣ бо он робитаи ногусастанӣ дошта бошад. Тавре дар боло аз адабиёти ҳуқуқӣ иқтибос оварда шуд, тавассути розигӣ шахс дар муносибатҳои маданӣ факти ҳуқуқиро ба миён оварда, ҳуқуқи хусусии ӯро нишон медиҳад, яъне ифодаи зоҳирии иродаи худро васф менамояд. Шахс тавассути изҳори розигӣ амали муайянеро иҷро менамояд, ки бо ин тарз ӯ ба иродаи худ таъсир расонида онро рушд медиҳад, аммо набояд фаромӯш кард, ки амалҳои иродавӣ, пеш аз ҳама, дар шуури шахс мукаммал гардида, ҷараёнҳои равонии ихтиёриро паси сар менамояд, ки дар натиҷа амал

ҳамчун шакли зоҳирии он ҳисобида мешавад [138, с. 132]. Дар баробари ин, «...сарфи назар аз ин шакли адабётии ифодаи андешаи қонунгузор, розигӣ бар хилофи ҳама гуна шартномҳо, ҳамеша мутақобила (созишномаи дуҷониба ё бисёрҷониба) мебошанд, амали якҷониба мемонад» [164, с. 274].

Бояд қайд намуд, ки шахсе, ки дар содир кардани амали дахлдор розигии худро ба таври дастрас ифода менамояд, аз нигоҳи ҳуқуқӣ аҳаммияти калон дорад. Аммо набояд ба гумроҳи рафт, ки розигӣ нисбат ба амал дар ҳамагуна мавридҳо нақши ҳалкунанда мебозад, яъне дар ҳолат мавҷуд будан амал, розигӣ хислати дуюминдараҷаро ба худ касб менамояд. Дар ин бора олими рус Агарков М. мисоле овардааст, ки розигии кредитор барои ба дигар шахс вобаста шудани қарз нақши ҳалкунанда дорад. Ӯ зикр менамояд, ки набояд фаромӯш кард, ки розигӣ ин имконияте мебошад, ки қарздор кредитори худро тавассути он тағйир медиҳад, аммо он минбаъд таъсири ҳуқуқиро ба шартномаи басташаванда расонида наметавонад, зеро барои бастани шартнома бо кредитори нав розигии ӯ ҳатмӣ нест [125, с. 233]. Дар робати ба гуфтаҳои мазкур қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи талаботи қонун розигӣ он гоҳ амали ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад, ки агар он барои бастани аҳди муайян ҳатмӣ бошад [69, с. 194]. Агар аз нигоҳи амалияи истифода ва татбиқи он дар танзими муносибатҳои маданӣ назар афканем, розигӣ танҳо ҳангоми ба амал баровардани кирдори ҷудогона ҳамчун факти мустақили ҳуқуқӣ эътироф мегардад, яъне на дар ҳама ҳолат нақши ҳалкунанда мебозад. Агар мо падидаи розигиро дар тафриқа ба амали маъқул донисташаванда баҳои ҳуқуқӣ диҳем, пас розигӣ аз ин мадор ночик мегардад. Барои дарки ҳолати мазкур аз мазмуни муқаррароти баъзе аз моддаҳои қонунгузории маданӣ мушоҳида намудан имконпазир аст, ки шартнома ва ё аҳди тарафҳо далели мустақил ба ҳисоб рафта, розигӣ, аз ин нигоҳ, ба исбот ниёз дорад, яъне ба ғайр аз ҷузъи таркибии ҳуқуқ дар худ чизе надорад ва ҳамчун далел эътироф карда намешавад [154, с. 15]. Ҳамин тавр, розигӣ, бар хилофи созишнома (шартнома) ҳамеша амали яктарафа бо тамоми оқибатҳои ба миёномада ба ҳисоб меравад [35, с. 120-121]. Бинобар ин, қонунгузор ба падидаи розигӣ аҳаммияти хоса ҷудо намуда,

ҳатто барои тасдиқи эътиборнокии шартнома ва ё аҳд нақши калидиро дорост. Ба андешаи мо, эътибори аҳд санги асосиест, ки устувории тамоми муомилоти маданиро таъмин мекунад ва додани розигӣ барои анчом додани аҳд воситаи муассири тасдиқи эътибори он мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузор талаботи гирифтани розигиро ҳангоми анҷом додани аҳдҳо бо мақсади асосии тасдиқи эътибори аҳд (риояи қонун, қобилияти иштироки шахсон дар аҳд, риояи ирода ва ифодаи ирода) муқаррар кардааст. Ба андешаи мо, эътибо рнокии устувории тамоми аҳдҳои маданиро таъмин мекунад ва додани розигӣ барои анҷом додани аҳд воситаи муассири тасдиқи эътибори он мебошад.

Мо пайгири он ақидае намебошем, ки розигиро ҳамчун факти ҳуқуқӣ ба ҳисоб намегирад, яъне мустақилияти онро аз мавқеи ҳуқуқӣ зери шубҳа қарор медиҳад. Вобаста ба масъалаи матраҳшавада Рожков М.А. низ пешбинӣ намудааст, ки «Сабаби ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ нагардида, аммо далели мобайнии ҳуқуқӣ буда, розигӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома шарти ҳатмии бастани шартнома мебошад, яъне ҳамчун унсури зарурии таркиби ҳуқуқӣ баромад мекунад» [203, с. 140-141].

Бояд ба назар гирифт, ки баъзе аз фактҳои ҳуқуқӣ ифодакунандаи асосии вазъиятӣ ҷамъиятӣ мебошанд, аммо баъзе аз онҳо танҳо дорои хусусиятҳои мурофиавӣ ва расмиётӣ мебошанд. Аммо дар натиҷаи таҳлили сохтори онҳо ба назар мерасад, ки унсурҳои онҳо дорои як тартиби мушаххас нест. [50, с. 56]. Аз руйи моҳият розигӣ як навъ пайванди пайвасткунандаи минбаъдаи муносибатҳои ҳуқуқиро ифода мекунад, яъне унсури сохтори таркиби ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин росто бояд ба инобат гирифт, ки розигии иштирокчии муносибатҳои хусусӣ муносибатҳоро ба вуҷуд меорад, дар ҳолатҳои зарурӣ онро тағйир медиҳад ва ҳангоми иҷрои амали дахлдор ё қисман иҷрои он муносибатро қатъ менамояд [191, с. 8-9].

Новобаста аз он ки барои бастани баъзе аз аҳдҳо ирода аз иҷозати шахси сеюм вобаста мебошад, розигӣ ҳамеша дар чунин мавридҳо ҷой дошта, амали мустақили як тарафи аҳдкунанда ба ҳисоб меравад. Зеро

«шахсе, ки барои эътибори аҳд розигии ӯ зарур аст, тарафи аҳд нест, пас... ифодаи иродаи ин гуна шахс ба таркиби аҳд дохил намешавад. Розигии шахси дигар (сеюм) ҷузъи таркибии аҳди ҳуқуқӣ нест. Он танҳо як унсури зарурӣ барои қонунӣ будани он аст» [145, с. 18-22; 146, с. 18-22; 147, с. 146-152].

Хусусияти дигари муҳими ҳуқуқии розигӣ гуногунрангии заминаи ҳуқуқии он мебошад. Тавре Черепахин Б.Б. дуруст қайд кардааст: «барои он ки касе бо иродаи яктарафаи худ тағйироти ҳуқуқиро ба амал оварад, ки шахси дигарро водор месозад..., бояд ваколати махсусдошта бошад, ки дар асоси меъёри ҳуқуқӣ ё муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар он субъекти ифодакунанди иродаи яктарафа алакай бо шахсе қарор дорад, ки нисбат ба он ӯ ҳуқуқиро ба амал баровардани иродаи яктарафаи худро дорад [117, с. 29-30]». Асоси меъёрии ваколати субъективии изҳори розигӣ, чун қоида, муқарраароти мушаххаси қонун ё санади дигари ҳуқуқӣ мебошад.

Дар муносибатҳои хусусӣ қонунгузор озодии бештареро ба тарафҳо фароҳам оварда, ба онҳо ҳуқуқ додааст, ки мустақилона амалиётҳои худро муайян намуда, бо роҳи барасмиятдарории шартномаҳо ва қобилияти яктарафа тартиб додани васиятнома бо тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ муносибатҳои худро бо дигарон ба танзим дарорад. Ба ибораи дигар, дар доираи муқарраркардаи қонунгузорӣ ба субъектҳои ҳуқуқи маданӣ имконият дода мешавад, ки қонуни худро «эҷод кунанд». Дар баробари ин, «ҳамеша дар бораи озодии шартномавӣ сухан рондан нодуруст мебуд, зеро қонунгузор инчунин ҳангоми содир намудани ҷиноят кафолати озодиро таъмин менамояд.

Дар баробари ин, «ҳамеша дар бораи озодии шартнома сухан гуфтан нодуруст мебуд, зеро қонунгузор ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ яктарафа кафолати озодиро низ таъмин менамояд» [205, с. 94]. Бояд ҳамеша дар хотир дошт, ки меъёри муқарраршуда ҳам барои ифодаи иродаи иҷозатро талабшаванда ва ҳам барои аҳдҳои яктарафа паҳн мегардад. Дар робита ба ин, дуруст аст, ки волояти қонун дар ифодаи розигӣ таъсиргузор набуда, балки бо созиши тарафҳо эътибори ҳуқуқиро ба худ касб менамояд.

Қобили қайд аст, ки дар ҳолатҳои мухталиф иштирокчиёни хусусӣ иҷозати иродаро ҳамчун асос ба роҳбарӣ мегиранд. Бойгонии парвандаҳои судӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки дар бештари мавридҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ розигии худи тарафҳои муносибат ва ё шахсони сеюм талаб карда мешавад. Ҳамин тавр, эътибори ҳуқуқии чунин масъала ҳамчун шарти шартномавӣ ҳисоб карда мешавад, ки тибқи он тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки маълумоти дар шартнома мавҷудбударо бе розигии тарафи дигар ифшо накунанд ё ба шахсони сеюм надиҳанд. Дар баробари ин, дар муқаррароти шартномаи тарафайн пешбинӣ намудани ҳолати бо розигии иҷорадеҳ тағйир додани навъи истифодаи мавзуи иҷора дуруст шуморида мешавад.

Ҳамеша бо роҳи бастани шартнома аз ҷониби субъектон ба миён омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ метавонад ба розигии тарафҳо вобаста бошад, ба шарте ки талаботи меъёрҳои зарурии қонуни маданӣ мадди назар нашавад.

Розигӣ метавонад амали ҳуқуқӣ эътироф карда шавад, агар он ба қонун ё созишномаи тарафҳои ба қонун мувофиқ асосёфта бошад. Дар робита ба ин, қайд мегардад, ки «тарафи субъективии амали ҳуқуқӣ инҳоро метавонад дар бар гирад: розигии (иҷозати) субъекти дигар, дар ҳолатҳое, ки тибқи қонун гирифтани чунин розигӣ зарур аст, ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ, шартномҳодаҳо ва ғайра); аз ҷониби як шахс маъқул донистани амали ҳуқуқии аз ҷониби шахси дигар содиргардида, агар тибқи қонун чунин маъқул донистани ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқи ё шартнома зарур бошад» [162, с. 26-27].

Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «ҳуқуқи розигӣ ин як намуд ҳуқуқи лаҳзавӣ буда, ҳолати «пайвастагӣ»-и субъектҳои ҳуқукро ба вуҷуд меорад, ки дар он ба як нафар ҳуқуқ дода мешавад, ки / иҷозат диҳад ё надиҳад ва дигаре маҷбур аст, ки чунин иҷозатро бо мақсади ба миён омадани оқибатҳои пешбининамудаи қонун ба даст орад [184, с. 51]. Олимоне, ки ин мавқеъро ишғол менамоянд, қайд мекунанд, ки бар хилофи тамоми дигар намудҳои ҳуқуқ ҳуқуқҳои яклаҳзаина нақши хидматиро иҷро мекунанд ва

боиси ба даст овардани фоида намебошанд, балки барои ташаккули ҳуқуқи субъективии гирифтани манфиат нигаронида шудаанд [207, с. 92].

Масъалаи мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии ваколатҳои яклаҳзаина баҳсталаб аст. Агарков М.М. «ҳуқуқи тағйир додани мақоми ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун гурӯҳи махсуси ваколатҳо муайян намуда, қайд кардааст: «...ҳар як ҳуқуқи субъективӣ вобастагии муайяни ҳуқуқии як шахс ба шахси дигар мебошад. Аз ин рӯ, вақте соҳаи ҳуқуқии касе бо имконияти изҳори иродаи шахси дигар вобаста аст, мо метавонем қайд кунем, ки ҳуқуқи субъективӣ вуҷуд дорад. Хусусияти хоси ҳуқуқ ба тағйир додани вазъияти ҳуқуқӣ дар он аст, ки чунин ҳуқуқ бо уҳдадории субъекти ғайрифаъол оид ба иҷро ё худдорӣ аз ягон амал, балки танҳо бо алоқа ба он мебошад [24, с. 527].

Братус С.Н. чунин меҳисобад, ки ҳуқуқи субъективӣ ин «ченаки муайяни рафтори бо қонун таъминшуда ё аниктараш, ҳамчун имконият ва таъминоти рафтори муаянгардидаи шахсе мебошад, ки ба шахс тааллуқ дорад ва дар муқоиса бо уҳдадорӣ, ки он ҳам ченаки рафтор мебошад, маънои зарурати ин рафторро бо шахси уҳдадор дорад. Олим дар асоси равиши қайдгардида барои дарки ҳуқуқи субъективӣ чунин қайд кардааст: «Мо аз фаҳмиши васеътари ҳуқуқи субъективи мебароем ва бинобар ин... мо чунин мешуморем, ки ҳуқуқхои ба истилох яклаҳзаина ҳуқуқҳои субъективӣ мебошанд» [37, с. 34]. Ба ақидаи Серебровский В.И., «ягон асос ҷой надорад, ки ба сифати ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ваколатҳои дар асоси қонун ба шахс тааллуқдоштаро эътироф накунем, аз имкони - тавассути ифодаи яктарафаи ирода - ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё катъ намудани он иборатанд, дар ҳоле, ки чунин ваколатҳо ба уҳдадории мушаххаси касе мухолифат намекунад» [181, с. 74-75].

Дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ розигии шахс метавонад тавассути шахси ваколатдор баён карда шавад, яъне субъекте, ки дорои ваколати иҷрои амалҳои муайян мебошад, метавонад бо роҳи пешниҳод намудани ваколатнома ба шахси дигар розигии худро ба бастани аҳд ифода намояд ва дар ин гуна маврид розигии шахси ваколатро базиммагирифта низ ҳатмӣ мебошад. Танҳо он ҳолат аз қоидаи умумӣ истисно мебошад, ки

мақомоти давлатӣ бо қабули санади маъмурӣ иҷозати амали муайянро пешбинӣ менамояд, ки розигии мақомоти дахлдор ба ҳисоб меравад. Зеро, ҳолати мазкур бо муносибати тарафҳои аҳд алоқаманд набуда, чунин розигӣ танҳо аз ҷониби шахси салоҳиятдори мақомоти давлатӣ имконпазир аст, яъне асоси он бо қабули санад тасдиқ карда мешавад.

Чун қоидаи умумӣ, дар ҳолати қабули санади маъмурӣ ба тарафи аҳдкунанда иҷозат дода мешавад, ки ҳуқуқи субъективии худро бемамониат амалӣ намуда, дар ташаккули он равнақ бахшад, яъне ваколати додани розигӣ ҳуқуқи субсидиарии мақомоти давлатӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, дар асоси м. 450 КМ ҶТ кредитор дар мавриди гузариши уҳдадориҳои пулӣ ба дигар шахс дорои ҳуқуқи махсуси розигӣ мебошад, яъне ҳуқуқи субъективии истисноии ӯ ба ҳисоб меравад.

Тибқи талаботи меъёри мазкур ба кредитор имконият фароҳам оварда шудааст, ки танҳо бо розигии ӯ қарздоре, ки дар назди ӯ уҳдаддориҳо дорад ба кредитори нав робита пайдо намояд, зеро чунин гузариш нисбат ба кредитори ибтидоӣ метавонад тафовут дошта бошад, яъне сабукиҳоро дар муносибат ба миён орад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки шахсе, ки дар баён намудани розигӣ дорои ваколати махсус мебошад, ҳангоми изҳори он ҳуқуқи асосии субъективӣ мавриди амал қарор мегирад, яъне монеагии баамалбарории онро бартараф менамояд. Ҳамзамон ба сифати мисоли дигар метавонем ҳуқуқи идоракунии оперативии молу мулкро ироа намоем, ки дар робита ба соҳибмулки таҳти тобеияти маъмурӣ қарор дорад, яъне тибқи моддаи 338 Кодекси маданӣ корхонаи давлатиро маҷбур месозад, ки вобаста ба бегона гардидани молу мулки корхона ё бо тарзи дигар онро ихтиёрдорӣ намудан он аз молики ин молу мулк розигӣ гирад.

Дар байни муҳаққиқон бояд ба ақидае таваҷҷӯҳ зоҳир намуд, ки дар натиҷаи таҳлили салоҳияти шахси розигиро ифодакунанда хулосабарориро анҷом додаанд. Инчунин, дар қисмати адабиётҳои ба муносибатҳои байни зану шавҳар нигаронидашуда ақидаеро мушоҳида

намудан мумкин аст, ки барои бастани аҳд оид ба бегонакунии молумулки умумии онҳо танҳо бо ифодаи розигии шахсӣ имконпазир аст [207, с. 85].

Гутников О.В. дар ин бобат ибрози андеша намудааст, ки «...дар қонунгузорӣ ҳолатҳое ба миён омадаанд, ки барои эътибори ҳуқуқи пайдо намудани аҳд на хохиши тарафҳои аҳд, балки иродаи шахси сеюм зарур буд, ки аз рӯйи қонун ваколатдор гардида буд, то барои содир намудани аҳд розигӣ диҳад. Ин шахси сеюм дар аҳди дахлдор манфиати моддӣ надошт, аммо ҳуқуқи додани розигӣ як ҳуқуқи комилан шахсӣ аст» [45, с. 456].

Он ҳолатро бояд ба инобат гирифт, ки ҳуқуқи субъективии шахс дарбаргирандаи ифодаи розигии ӯ мебошад, яъне дар тафриқа баррасӣ намудани он аз ақл берун мебошад. Аммо, ақидаи мазкур шаҳодати онро намедиҳад, ки ифодаи розигӣ танҳо аз ҳуқуқи шахсии он вобаста нест. Хотирнишон бояд намуд, ки мафҳуми ҳуқуқҳои шахсӣ ба таври табиӣ ва одатан зикр шуда, «...ҳуқуқи субъективӣ, ки вобаста ба неъматҳо, ки мазмуни иқтисодӣ надоранд, ба вуҷуд омада, бо шахсияти шахси ваколатдор зич алоқаманд буда, дорои асосҳои махсуси пайдоиш ва қатъ мебошанд» [64, с. 9]. Ба ақидаи Синенко В.С., «ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ – ҳуқуқи субъективие мебошад, ки хусусияти истисноӣ дошта, барои ба вуҷуд омадан ва катъ гардидан асосҳои мушаххас дорад ва имкони қонеъ гардонидани манфиати ғайримолумулкиро фароҳам меоварад, ки эквивалент надорад ва шахсро фард мекунад» [206, с. 7]. Рожкова М.А. дар ин бобат андешаеро ҷонибдорӣ менамояд, ки ба мазмуни ақидаҳои боло монанд набуда, таъкид мекунад, ки ҳуқуқ ба неъматҳои ғайримоддӣ – «ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонашавандаи инсон – наметавонанд ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ҳисоб карда шаванд» [179, с. 4].

Розигӣ як зуҳуроте мебошад, ки дар муносибатҳои ҳуқуқӣ дорои нақши калидӣ буда, дар ҳолатҳои мухталиф метавонад ҳуқуқҳои шахсони дорандаи онро мавриди ҳифз қарор диҳад. Шахси воқеӣ дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқ метавонад тавассути насаб, ном ва номи падар, ки дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият зикр шудааст, ба дилхоҳ фаъолият, аз ҷумла

соҳибкорӣ пардозад. Дар як маврид қонунгузор бо пешбинӣ намудани чунин муқаррарот зикр намудааст, ки шахс аз ҳуқуқ бо номи дигар субъектон наметавонад ҳуқуқу уҳдадориҳоро ба зимма гирад. Аммо ҳамзамон зикр менамояд, ки дар муносибатҳои моликияти зеҳнӣ метавонад аз тахаллус истифода намояд, яъне бидуни ишораи ному насаб, номи падар ҳуқуқу уҳдадориҳоро пайдо намояд. Тафсири ҳуқуқ ба ном аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи шахсӣ, ки дар ҳуқуқшиносӣ муқаррар шудааст, хусустияи мутлақи онро муайян намуда, соҳиби ҳуқуқро аз ҳама чиз ва ҳар кас ҳифз мекунад [174, с. 19].

Аммо дар аксари мавридҳо салоҳияти розигӣ додан ба ҳеҷ ваҷҳ бо шахсияти соҳиби он алоқаманд нест. Он дар баробари ҳуқуқи субъективӣ, ки қисми ҷудонашавандаи он мебошад ва татбиқи онро таъмин менамояд, озодона мегузарад. Илова бар ин, қобилияти маъқул донистани амали дигарон ба ҳеҷ ваҷҳ молики онро тавсиф намекунад ва барои ба вуҷуд омадан ё қатъ шудани он асосҳои мушаххас надорад.

Ҳамин тавр бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи баёни розигиро ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустакил ҳисоб кардан мумкин нест. Гузашта аз ин, барои эътирофи чунин имконияти ҳуқуқӣ ҳамчун ҳуқуқи шахсӣ ягон асос ҷой надорад.

Аз нигоҳи амалӣ ва назариявӣ танҳо он масъала аҳаммияти ҳуқуқи дорад, ки манфиатҳои гуногуни субъектони ҳуқуқи маданӣ тавассути изҳороти иҷозатшуда ҳимоя шудаанд. «Бояд дар хотир дошт, қонунгузории маданӣ ба субъектони муносибатҳои маданӣ ҳуқуқ додааст, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, манфиатҳои қонунии худро ҳифз намоянд. Новобаста аз ин, қонунгузор баъзе аз манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти маданиро мавриди ҳимоя қарор намедиҳад, агар он талаботҳои умумии қонунро риоя накарда бошанд, гарчанде дар он ифодаи розигии тарафҳо мавҷуд бошад ва ҳамзамон бештари манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳо эътироф ва ҳифз карда шудаанд. Дар натиҷаи инъикос намудани манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ дар қонун, яъне эътироф гардидани он аз ҷониби давлат, ба худ сифати нави

иҷтимоиро касб намуда, ҳамчун манфиати ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад» [165, с. 72]. Ҳамзамон, фактҳои барои ҳуқуқи маданӣ аҳамияти калондошта, ки бо иродаи озоди субъект ба вуҷуд омадаанд, ҳадаф ва манфиатҳои бевоситаи ӯро амалӣ менамоянд [132. с. 123].

Дар адабиёти илмӣ қайд карда шудааст, ки «розигии шахси сеюм... метавонад ба манфиати шахси аҳдсодиркунанда ва ба манфиати худи шахси сеюм дода шавад» [142, с. 20]. Розигиро инчунин ба манфиати ашхоси дигар, аз ҷумла, ба манфиати доираи номуайяни онҳо ва ҳатто ба манфиати омма низ талаб кардан мумкин аст [45, с. 454]. Эннекзерус Л. розигии барои бастани аҳдро баррасӣ намуда, ба хулосае омадааст, ки шахс онро дар ҳолатҳои зерин розигӣ талаб карда метавонад: ба манфиати субъектҳои аҳд (ё шахсоне, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд) бо мақсади хифзи онҳо аз зарар; ба манфиати шахсе, ки розиги байн менамояд, зеро аҳд аз номи у баста мешавад; бинобар сабаби дар аҳд мавҷуд будани муқаррарот оид ба ҳуқуқҳои шахсе, ки розигии ӯ зарур аст; дар ҳолате ки муносибати бавуҷудомада ё бавуҷудоянда (аҳдҳои басташуда ё басташаванда) ба таври мустақим таъсири худро ба ҳуқуқ ё манфиатҳои шахсе, ки розигии ӯ зарур аст, мерасонад [123, с. 321].

Аз таҳлил ва баррасии амиқи маҷмуи ақидаҳои илмӣ дар ин масъала хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки розигии шахс ҳимояи манфиатҳои ӯро дар доираи лозима таъмин менамояд, агар ба талаботи қонун мухолифат надошта бошад. Дар муқаррароти қонунгузорӣ баъзе ҳолатҳои изҳори розигӣ пешбинӣ шудаанд, ки тариқи он манфиатҳои субъекти ваколатдори баёни розигӣ ҳифз карда мешаванд ва дар як маврид қонунгузор бо ҳатмӣ намудани изҳори зоҳирии розигии шахсони сеюм ҳамгоми бастани аҳдҳои муайян манфиатҳои шахсони сеюмро низ таҳти ҳимоя қарор додааст.

Барои тасдиқи гуфтаҳои боло мисолеро аз талаботи қонун меорем. Масалан, тибқи қ. 1 м. 27 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки «ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бо розигии хаттии намояндагони қонунии худ (падару модар, фарзандхондагон, парастор ва шахсони онҳоро

ивазкунанда) аҳдро, анҷом медиҳанд. Аҳди анҷомдодаи чунин ноболиғон, ки бе розигии намояндагони қонунии онҳо анҷом дода шудаанд, ҳангоми минбаъд онро хаттӣ маъқул донистани намояндагони қонунии онҳо боэътибор мебошанд» [4].

Дар қисми зиёди таҳқиқоти илмӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки барои бастани баъзе аз шартномаҳо гирифтани розигии шахсони сеюмро ҳамтӣ шуморидаанд ё бо сабабҳои гуногун талаб намудани он зарур мебошад, яъне дар ин гуна мавридҳо розигии шахсони сеюм танҳо ба аҳдҳое гирифта мешавад, ки ба манфиатҳои ҳуқуқии онҳо метавонад таъсир расонад. Ба зумраи чунин таъсиррасонӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ, тағйир ёфтани вазъи молу мулкии онҳо шомил шуда метавонад [139, с. 113]. Масалан, «розигии кредитор ифодаи иродаи яктарафа мебошад, дар ин ҷо зарур он аст, ки шартномаи байни ӯ ва қарздорон дахолат ба доираи ҳуқуқии байни онҳо набошад» [125, с. 233].

Аз талаботи мазкур бармеояд, ки кредитор дар муносибати зикргардида дорои манфиатдории олӣ буда, бешубҳа қобилияти тасдиқ ва боздошти аҳд аз ӯ вобастагӣ дорад. Агар аз нигоҳи ҳақиқат ба ҳолати дахлдор нигарем, пас бармеояд, ки кредитор ҳамчун иштирокчии бевоситаи аҳд ба ҳисоб рафта, дар ҳолати маъқул донистани аҳди басташаванда аз ҷониби ӯ, ҳолатҳоеро ба миён меорад, ки таркиби шахсони муносибатҳои ҳуқуқӣ тағйир гардида, оқибатҳои ҳуқуқиеро барои кредитор ба вуҷуд меорад, яъне ӯро ҳамчун кредитори ибтидоӣ хориҷ менамояд. Дар ин хусус Красавчиков О.А. низ ибрози андеша намуда, зикр намудааст, ки дар муносибатҳои ҳуқуқӣ аз ҳама ҳолати мураккаб ин ворид гардидани тағйирот ба он мебошад. Бо роҳи ворид гардидани тағйирот дар ҳаракат амалҳои қаблии иштирокчии муносибат имкони инкор шудан дорад. Аммо дар ҳама мавридҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо аз рӯйи мазмун ва субъекти он тағйир меёбад [58, с. 77].

Инчунин дар таҷриба ҳолатҳоеро вохурдан мумкин аст, ки ифодаи розигӣ аз ҷониби шахси ба он ваколатдор таҳти ҳимоя қарор мегирад, новобаста аз он ки ӯ розигӣ баён намудааст, яъне оқибатҳои ҳуқуқиро ба

бор намеорад. Дар баробари ин, дуруст қайд мегардад, ки гирифтани розигии шахси сеюм танҳо дар он маврид ҳатмӣ мебошад, ки бевосита ба манфиатҳои ӯ дар мавзуи аҳд, ки бе иштироки ӯ амалӣ мегардад, ягон ҳуқуқ дошта бошад (масалан, иҷорадеҳ ба амволи ба иҷорагир додашуда, ки ба зериҷора дода мешавад, ҳуқуқи моликият дорад [45, с. 461]. Мисоли дигар, муқаррароти м. 667 КМ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки: «пардохткунандаи рента ҳуқуқ дорад молу мулки ғайриманқулеро, ки ба ӯ барои таъминоти якумра супорида шудааст, танҳо дар сурати мавҷуд будани розигии гирандаи рента бегона кунад, ба гарав гузорад ё ба тарзи дигар истифода барад»[4].

Дар ин ҳолатҳо амалҳои маъқул дониста шуда ҳуқуқ ё уҳдадориҳои субъекти тибқи қонун барои изҳори розигӣ ваколатдоршударо ба миён намеоранд ё тағйир намедиҳад. Дар чунин мавридҳо он ҳолат шубҳаовар намебошад, ки манфаитҳои шахсони сеюм дар қобилияти маъқул донистан ё манъ кардани амалҳои қонунӣ низ ҷой доранд. Дар мисолҳои қайдгардида ҳолате ба назар аён мегардад, ки барои субъекти амали дигарон аз ӯ вобаста мебошад, яъне розигии ӯ дар амалинамоии муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши калидӣ дорад ва ҳолати мазкур аз шахсият ва ҳуқуқи молумулкии соҳиби он ё қабули молумулкии дар оянда пайдошаванда муҳим шуморида мешавад, зеро танҳо бо розигии ӯ хориҷ ва ворид гардидани молу мулк ба моликият имконпазир аст. Ҳолати мазкур шаҳодати он аст, ки падидаи розигӣ метавонад ҳамчун воситаи иловагии ҳимояи ҳуқуқ ба инобат гирифта шавад.

Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ розигӣ дорои хусусиятҳои мураккаб набуда, моҳияти он ба таври оддӣ инъикос мегардад. Изҳори розигии субъекти манфиатдор танҳо дар ду ҳолат метавонад баён карда шавад: якум, вобаста ба амале, ки ба нақша гирифта шудааст; дуюм, баъд аз амали шудани ҳаракатҳои ҳуқуқӣ. Мазмун ва моҳияти розигӣ ба ҳама маъмулӣ буда, қарори оддӣ ва ҳамеша ягона ба ҳисоб меравад, яъне бо он тартиби иҷрои амалҳои дахлдор қабул ва маъқул ҳисобида мешавад. Дар баъзе мавридҳо

посух додан ба пешниҳод бо ибораи оддии «Бале» ҳамчун маҳдудсозии розигӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳуқуқи маданӣ дигар амалҳо ва ҳолатҳои ҳуқуқие ҷой доранд, ки то ба андозае содда мебошад. Масалан, дар м. 23 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» пешбинӣ карда шудааст, ки иштирокчии ҷамъият аз истифодаи ҳуқуқи афзалиятнок барои харидани ҳисса дар сармояи оинномавии ташкилот метавонад худдорӣ намояд. Амалҳои мазкур ба розигӣ дар ихтилоф қарор дошта, аммо ҳамчун амали оддӣ шуморида мешавад.

Розигӣ дар ҳама ҳолатҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷой дошта метавонад ва аз рӯи мазмуни худ гуногунҷабҳа мебошад ва чунин нуқтаи назар қобили қабул намебошад: «Дар рафти розигӣ барои аҳди оянда, ки ба он розигӣ дода мешавад, баъзе шартҳоро муқаррар кардан мумкин аст: шарт оид ба бегона кардани моликияти умумии зану шавҳар ба шахси мушаххас ё ба маблағи муайян дар муҳлати муқарраршуда фурухтани амвол» [207, с. 75]. Дуруст аст, ки розигӣ наметавонад ба шахси ӯро баённамуда уҳдадориро ба вуҷуд орад. Ақидаи мазкур аз он бармеояд, ки субъекти ваколатдор дар ҳолати мавҷуд набудани розигӣ метавонад аз иҷро амали дахлдор худдорӣ намояд. Бинобар ин, бояд қайд намуд, ки аломатҳои амали маъқул донисташаванда ё талаботи нисбат ба он, ки дар баробари амалҳои дагар ба монандӣ розигӣ зоҳир мешаванд, ин таваҷҷуҳ намудани шахси дигар дар мушаххаскунии амалҳои банақшагирифташуда мебошад.

Ҳамин тавр, табиати ҳуқуқии розигӣ бо хусусиятҳои хоси он пешакӣ муайян карда мешавад. Розигиро аз рӯи аломатҳои зерин тасниф намудан дуруст аст: розигӣ амали танҳо як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки хусусияти иловагӣ дошта, мазмуни он содда буда, дар таъмин намудани манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Маҷмуи аломатҳои номбаргардида розигиро ташаккул медиҳанд. Бояд ба назар гирифт, ки заминаи ҳуқуқии розигӣ дар қонун ё шартнома инъикос гардида, аз ҷониби як тарафи муносибат тасдиқ намудани амалҳои худ ба тарафи

дигар мебошад ва он бояд ҳамчун як навъи махсуси амали ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад.

Таснифот яке аз муҳимтарин усулҳои умумиилмии дарки вокеият мебошад. Таснифот на танҳо барои ба низом даровардани падидаи баррасишаванда муҳим арзиёбӣ карда мешавад, балки он як қадами муҳим дар роҳи омӯзиши мазмуни падидаҳо буда, барои дуруст дарк намудани вазифа ва табиати ин падидаҳо мусоидат мекунад [126, с. 60].

Қонунгузории мадании ҶТ миқдори зиёди меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки фаророрасии оқибатҳои ҳуқуқиро бо розигии субъекти муайян алоқаманд мекунад. Гуногунии изҳороти иҷозатдодашудаи ирода, ки мутобиқи КМ ҶТ ва дигар қонунҳо таҳия шудаанд, зарурати ба низом даровардани муқарраротро дар бораи розигӣ тақозо мекунад. Истифодаи усули тасниф дар ин маврид имкон медиҳад, ки на танхо навъҳои алоҳидаи ифодаи иҷозатдиҳии ирода ба гурӯҳҳои алоҳида муттаҳид карда шавад, балки баъзе хусусиятҳо ва хосиятҳои асосии онҳо муайян карда шавад.

Баъзе аз олимони ҳуқуқшинос кӯшиш ба харҷ додаанд, ки фарқияти розигиро нисбат ба иҷозатдиҳии ирода мумйян намуда, ақидаҳои худро нисбати ба низом даровардани ҳолатҳои алоҳидаи розигӣ зикр намудаанд. Бидуни муайян намудани заминаҳои тақсимот ва гурӯҳбандии он ҳамчун таснифот эътироф карда намешавад, зеро олимон ба он ҳолатҳои ифодаи розигӣ аҳаммият зоҳир намудаанд, ки намудҳои онро шарҳ медиҳад.

Олим Крашенинников Е.А. дар пажӯҳиши худ розигиро тақсим намуда, онро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст:

1. Розигие, ки аз талаботи қонунгузорӣ бармеояд (масалан, тибқи талаботи қонунгузории маданӣ барои бастани аҳдҳо аз ҷониби шахсони дорои қобилияти нопурра ифодаи розигии намоядагони қонунии онҳо ҳатмӣ мебошад);

2. Розигие, ки тибқи ваколатнома аз ҷониби намоянда ифода карда шудааст (ҳангоми бастани аҳд ба манфиати шахси дигар розигии шахси ваколатдор зарур мебошад);

3. Розигие, ки аз ҷониби шахси ваколатдор дода шудааст (розигии дорандаи ҳуқуқ дар ҳолате, ки ихтиёрдории молумулкро дар бар гирад);

4. Розигие, ки ҳангоми бастани аҳд ҳамчун тарафи аҳд эътироф намешавад, бале дар мавриди бастани он манфиатҳои ӯро дарбар мегирад (мутобиқи талаботи қонунгузории оилавӣ ҳангоми бегона намудани молу мулки умумии ҳамсарон розигии ҳамсари дигар талаб карда мешавад) [166, с. 5-7].

Эннектсерус Л. навъҳои зерини ифодаи иродаро муайян намудааст:

1. Розигии тибқи ҳуқуқи назорат (намояндагони қонунӣ, парасторон ва ғ.);

2. Розигии намоянда (агар он пеш аз бастани муомила бошад, ваколатдор номида мешавад);

3. Розигӣ додан ба ихтиёрдории ҳуқуқи каси дигар аз ҷониби шахси изҳоркунандаи розигӣ;

4. Розигӣ ба таври ғайримустақим ба ҳуқуқ ё манфиатҳои шахси сеюм дахл дорад (ифодаи розигӣ зан ё мард ба аҳдҳои ҳамсари худ дар хусуси ба гарав гузоштани молу мулки ғайриманқул) [123, с. 321-324].

Дар баробари олимони мазкур Штиков Д.В. дар ин маврид низ ибрози ақида намуда, қайд намудааст, ки розигиро аз рӯйи аломатҳои зерин дар асоси ивазшавандагӣ тасниф намудан мумкин аст:

1. Розигие, ки бояд ба таври мушаххас аз ҷониби шахси дигар баён карда шавад. Ӯ барои шарҳи гурӯҳбандии худ мисолеро овардааст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври дақиқ муайян намудааст, ки дар содир намудани амалҳои муайян розигии кадом субъектон ҳатмӣ мебошад. Дар баробари ин, қонунгузор розигиро ҳамчун воситаи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо муайян намуда, тартиби гирифтани розигии шахси дигарро муайян намудааст [211, с. 80].

2. Розигие, ки онро на танҳо шахси зикршуда, балки шахси дигар низ баён карда метавонад. Ба андешае ӯ, намунаи чунин розигӣ дар моддаи 28 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки дар он қоидаи умумии тартиби ғайрисудӣ

эълон кардани ноболиғро комилан қобили амал (эмансипатсия) муқаррар мекунад» [211. с. 81].

Ба андешаи мо, нуқтаи назари баъзе аз олимон дар хусуси содда ва оддӣ будани розигӣ дар ҳамаи ҳолатҳо дуруст намебошад, зеро пеш аз ҳама он амали ҳуқуқӣ ба хисоб рафта, дар баъзе мавридҳо мураккаб мебошад, яъне метавонад ба оқибати муносибат таъсир расонад. Таснифи дурусти падидаи розигӣ аз рӯи ягон аломати фарқкунанда он гоҳ имконпазир мегардад, агар таснифот нисбат ба навъҳои гуногуни розигӣ баррасӣ карда шавад. Таснифот ба мо имкон медиҳад, ки ҷустуҷӯи розигиро содда намуда, гурӯҳбандии онро амалӣ намоем. Агар таснифоти падидаи баррасишаванда дуруст ба роҳ монда шавад, пас тавсифи муфассали хосиятҳо ва хусусиятҳои навъҳои розигӣ имконпазир мегардад.

Аммо танзими навъҳои розигӣ метавонанд дар асоси талаботи як қонунгузорӣ амалӣ карда шавад ва зоҳири он дар муносибатҳое инъикос карда мешавад, ки гирифтани розигӣ дар он ҳатмӣ бошад ва хосиятҳои асосии худро дар муносибатҳои гуногун зоҳир кунад.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ақидаи олимони гуногун, таҷрибаи ҳуқуқии мавҷуда ва талаботи қонунгузории давлатҳои мухталиф имконият ба вуҷуд омад, ки аз нуқтаи назари худ таснифоти зерини падидаи розигиро пешниҳод намоем.

1. Розигӣ аз рӯйи заминаи ҳуқуқӣ метавонад ба намудҳои зерин ҷудо шавад:

- **розигӣ, ки тибқи талаботи КМ ҶТ дар ҳолатҳои дахлдор талаб карда мешавад.** Санади ҳуқуқии мушаххас дар аксарияти мутлақи ҳолатҳо ба субъекти муносибат асос ва иҷозат медиҳад, ки дорои ваколати амалӣ муайян гардад. Санадҳои ғайримеъёрии қабулнамудаи мақомоти давлатӣ дар муносибатҳои марбут ба КМ ҶТ, ҷои махсусро ишғол мекунад. Қоидаҳои розигӣ дар меъёрҳои зиёди КМ ҶТ ҷой доранд. Масалан, дар қ. 2 м. 1068 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки «шахси суғурташуда, ки дар шартномаи суғуртаи шахсӣ зикр шудааст, аз ҷониби суғурташаванда танҳо

бо розигии худи шахси суғурташуда ва суғуртакунанда ба шахси дигар иваз карда шуданаш мумкин аст» [4].

- **розигӣ, ки тибқи муқаррароти қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки намуди муайяни муносибатҳои ҳуқуқии маданиро танзим мекунад, дода шудааст.** Аксар вақт меъёрҳои розигӣ дар қонунҳои алоҳида мавҷуданд, ки қонунгузории мадании соҳавиро ташкил медиҳанд. Намунаи маъмули чунин муқаррароти қонунгузорӣ дар қ. 2 м. 44 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ (муфлисшавӣ)» аз 08.12.с.2003 №46 гурӯҳи амалҳои муайянро муқаррар намудааст, ки танҳо бо розигии мудири муваққатӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии қарздор амалӣ карда мешавад, аммо танҳо дар ҳолате, ки розигии мақомоти дахлдори он гирифта шуда бошад.

Дар қ. 2 ва 3 м. 44 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ки: «мақомоти идоракунии қарздор аҳдҳои зеринро танҳо бо розигии мудири муваққатӣ анҷом медиҳад: аҳдҳои вобаста ба иҷора ва гарав додани амволи ғайриманқул, додани амволи номбаршуда ба сифати ҳисса ба сармояи оинномавии ҷамъиятҳо ва ширкатҳои хоҷагидорӣ ё ихтиёрдории тарзи дигари чунин моликият; аҳдҳои вобаста ба ихтиёрдории амволи дигари қарздор, ки арзиши тавозунашон зиёда аз даҳ фоизи арзиши тавозуни дороии қарздорро ташкил медиҳанд; аҳдҳои вобаста ба қабул ва додани қарзҳо (кредитҳо), додани кафолат, гузашт намудани ҳуқуқи талабкунӣ, гузаронидани қарз, инчунин аҳдҳои вобаста ба таъсиси идоракунии боэътимоди амволи қарздор.

Мақомоти идоракунии қарздор ҳуқуқ надорад қарорҳои зерин қабул намояд: дар бораи азнавташкилкунӣ (муттаҳид кардан, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдил додан) ва барҳамдиҳии қарздор; дар бораи таъсиси шахсони ҳуқуқӣ ё дар бораи иштирок намудан дар барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқии дигар; дар бораи таъсиси филиалҳо ва намояндагиҳо; дар бораи пардохти дивидендҳо; дар бораи аз тарафи қарздор паҳн намудани вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қимматнок; дар бораи баромадан аз ҳайати иштирокчиёни қарздор - шахси ҳуқуқӣ ва аз саҳҳомон харидани саҳмияҳои

қаблан баровардашуда. Мақомоти идоракунии қарздор метавонад бо розигии мудири муваққатӣ дар бораи иштироки қарздор дар иттиҳодияҳои дигари шахсони ҳуқуқӣ қарор қабул намояд» [11].

- **розигӣ, ки дар асоси муқаррароти санади зерқонунӣ муқаррар гардидааст.** Тибқи м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармони Президенти ҶТ ва қарорҳои Ҳукумати ҶТ ҳамчун санадҳои ҳуқуқӣ эътироф гардида, сарчашмаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Санадҳои зерқонунӣ танҳо дар он ҳолат қабул карда мешаванд, ки агар бевосита дар қонун ба қабули он ишорае мавҷуд бошад ва муносибатҳои ҷамъиятии хусусияти маданидоштаро ба танзим даровarда метавонад. Розигие, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ муайян шудааст, ҳамчун расмиёти мураккаби ҳуқуқӣ шуморида мешавад, зеро амали иҷозатшуда, ду зинаи ҳуқуқиро паси сар намудааст. Бештари санадҳои зерқонунии қабулшаванда дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ба тартиби бастани шартномаҳои муайян нигаронида шудааст.

- **розигӣ, ки зарурати он дар шартномаи мушаххас пешбинӣ шудааст.** Дар байни муқаррароти қонуни маданӣ, ки тартиби изҳори розигиро ба танзим медарорад, ягон меъёри ҳуқуқие вуҷуд надорад ва аз рӯйи қоидаи умум чизе манъ нашудааст, иҷозат аст, ба тарафҳои шартнома имкон додааст, ки бо созиши худ ҳолатҳои гирифтани розигиро барои амалӣ намудани муқаррароти муайян ё гирифтанги розигии шахсони сеюмро зикр намоянд. Набояд он ҳолатро сарфи назар намуд, ки чунин шартномаҳо бояд тибқи талаботи меъёрҳои диспозитивии қонунгузории маданӣ ҳуқуқӣ эътироф карда шаванд.

2. Тавре аз мулоҳизаҳо ва талаботи қонунгузорӣ бармеояд, розигӣ дорои шакли ифода худ мебошад. Аз рӯйи шакли изҳори розигӣ онро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан қобили қабул мебошад:

- **розигие, ки тавассути амалҳои ғайришифоҳӣ анҷом дода мешавад.** Масалан, тибқи м. 923 КМ ҶТ «агар дар шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба пасандоз маблағҳое, ки ба

бонк ба номи пасандозгузор аз шахси сеюм бо зикри иттилои зарурӣ дар мавриди суратҳисоби он вобаста ба пасандоз ворид гардидаанд, гузаронда мешаванд. Ҳамзамон чунин эҳтимол меравад, ки пасандозгузор барои аз шахси сеюм гирифтани маблағи пулӣ розигӣ изҳор кардааст ва ба он оид ба пасандози худ дар суратҳисоб иттилои зарурӣ додааст» [4].

- **розигӣ дар шакли хаттӣ баён карда мешавад.** Мувофиқи қ. 2 м. 204 КМ ҶТ шахси ваколатдор он гоҳ ваколаташро ба шахси сеюм дода метавонад, ки агар дар ваколатнома ҳуқуқи ба шахси сеюм додани он муқаррарот мавҷуд бошад. Тибқи қ. 1 м. 1283 КМ ҶТ «меросгире, ки муҳлати қабули меросро гузаронидааст, меросро қабул карда метавонад, агар розигии хаттии ба тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи ҳамаи дигар меросгирон, ки меросро қабул намудаанд, мавҷуд бошад» [4]. Чуноне ки мебинем, моддаи 1283 хусусияти императивӣ дорад ва меросгире ки муҳлати қабули меросро гузаронидааст, дар ҳолати набудани розигии дигари меросгирон ҳуқуқи қабули меросро гум мекунад. Чунин ҳолатро аз мисоли парвандаи суди зерин мушоҳида кардан мумкин аст.

Муҳсинов Р.М. ба суд дар масъалаи бекор кардани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мероси қонунӣ ва тақсими мероси марҳум Муҳсинов С. ва Муҳсинова Р. муроҷиат намудааст. Муҳсинов Р.М. аризаи худро бо он асоснок кардааст, ки ӯ набераи Муҳсиновҳо мебошад ва аз ин лиҳоз, ӯ ба ҳиссаи мероси кушодашудаи Муҳсиновҳо ҳуқуқ дорад.

Бо ҳалномаи суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе аризаи даъвогии Муҳсинов Р. қонеъ карда шуда, молу мулки Муҳсиновҳо байни ҷавобгарон Муҳсинов Ф. ва Муҳсинова Қ. аз як тараф ва даъвогар Муҳсинов Р.М. аз тарафи дигар ба ҳиссаи баробар тақсим карда шудааст.

Ҷавобгар бо чунин хулосаи суд розӣ нашуда, дар шикояти кассатсионии худ қайд намудааст, ки мерос моҳи июли соли 2021 кушода шудааст, аризаи даъвогар Муҳсинов Р. ба суд моҳи июни соли 2024, баъди се сол ворид гардидааст. Аз ин лиҳоз, суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии ариза оиди қабули меросро пас аз гузаштани муҳлати муқарраршуда бояд ба моддаи 1283 Кодекси мадании нав такя менамуд.

Дар маводи парванда ҳалномаи судӣ дар хусуси барқарор намудани муҳлати қабули мерос ё розигии ҳамаи мересқабулнамудагон, ки ба тариқи нотариалӣ барасмият дароварда мешавад, мавҷуд нест.

Ҳолати мазкур, яъне тибқи талаботи моддаи 1283 КМ ҶТ беасос ва ғайриқонунӣ ба суд пешниҳод гардидани даъворо аз тарафи даъвогар ва аз тарафи суди марҳилаи якум татбиқ нанамудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии лозимиро нисбати батанзимдарории гузаштан ва қабули мерос бараъло нишон медиҳад. Чунин ҳолат аз вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи моддӣ шаҳодат медиҳад [217].

- **розигии нотариалӣ.** Ин намуди ифодаи иҷозатдиҳандаи иродаро паҳншуда ҳисоб кардан мумкин нест. Тасдиқи розигии нотариалӣ танҳо дар мавридҳое зарур аст, ки онро шаҳрванд ҳангоми татбиқи ҳуқуқҳои муҳимтарини молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкӣ анҷом дода бошад. Ҳамин тавр, бояд дар хотир дошт, ки барои тамоми намуди аҳд вобаста ба молу мулки ғайриманқул бояд ба тариқи нотариалӣ барасмият дароварда шавад ва пеш аз бастани чунин аҳдҳо розигии ҳамсарон пешакӣ талаб карда мешавад.

Масалан, Муродов Б. ва ҳамсараш Муродова С. вобаста ба созишномаи ҳаққи дасткашӣ, ки аз ҷониби Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳрасти ДШ-№1610619 аз 24 январи соли 2024 тасдиқ карда шудааст ва тибқи он ҶДММ “ВМ 2014» аз рӯи шартномаи қарзӣ байни Амонатбонк ва ҶДММ “ВМ 2014» аз 23.06.соли 2015, тахти № 230615/0151-01 баста шудааст, мувофиқи моддаи 471 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тарафҳо созиш бастаанд, ки Қарзгиранда ҶДММ “ВМ 2014» ҳуқуқҳои талаб аз рӯи шартномаи ҳамкорӣ, ки аз тарафи идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 24.05.2021 сол таҳти феҳрасти ЗДШ-283 тасдиқ карда шудааст ва ҳалномаи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 09.02.2022 сол, парвандаи № 1-194/21;1-9/22, ки ба қувваи қонуни 30.03.соли 2022 даромадааст, ба моликияти Амонатбонк месупорад ва ҳуқуқҳои талабот иборат аз ҳуқуқҳо оид ба моликият қабул намудани бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ дар

ошёнаи якум бо масоҳати 587, 3 (панҷсаду ҳаштоду ҳафту аз даҳ се) м.м, ва таҳхона бо масоҳати 315, 4 (сесаду понздаҳу аз даҳ чор) м.м, аз тарафи ҶДММ "ВМ 2014» сохташуда, воқеъ дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 1-ум, иборат мебошад, РОЗИГИИ ХУДАМОНРО ОИД БА ГУЗАШТАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ БА МОЛУ МУЛКИ биноӣ бисёрошёнаи истиқоматӣ дар ошёнаи якум бо масоҳати 587, 3 (панҷсаду ҳаштоду ҳафту аз даҳ се) м.м, ва таҳхона бо масоҳати 315, 4 (сесаду понздаҳу аз даҳ чор) м.м, аз тарафи ҶДММ "ВМ 2014» сохташуда, воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 1-ум медиҳем.

3. Вобаста ба манфиати бо розигӣ таъминшаванда:

– **розигие, ки қонеъ гардонидани манфиати субъекте, ки барои ифодаи он ваколатдор аст, таъмин менамояд.** Изҳороти иҷозаи ирода, ки ба ин навъи розигӣ алоқамананд, дар навбати худ метавонад ба ду намуди мустақил тасниф карда шаванд:

А) Розигӣ ба содир намудани амале, ки барои шахси ваколатдор оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Мутобиқи м. 638 КМ ҶТ «ҳадя намудани молу мулке, ки таҳти моликияти муштараки умумӣ қарор дорад, танҳо бо розигии ҳамаи иштирокдорони моликияти муштарак бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи м. 325 КМ ҶТ иҷозат дода мешавад» [4]. Дар ин ҳолат, манфиати шахс ба имконияти додани розигӣ ё баръакс, рад кардани он раднопазир аст. Воқеан, дар натиҷаи содир намудани амале, ки розигиро тақозо мекунад, барои субъекте, ки тибқи қонун барои баёни иҷозати ирода ваколатдор шудааст, оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин мисол, молик ҳуқуқ пайдо мекунад, ки аз дигар иштирокчиёни моликияти ҳиссавӣ ҷуброни пулӣ талаб кунад.

В) Розигӣ ба шахсе, ки барои ифодаи ирода ваколатдор аст, оқибати ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Масалан, ҳангоми бастани шартномаи иҷораи истиқоматӣ иҷорадеҳ ва иҷорагир дар шартнома муқарраротеро пешбинӣ намудаанд, ки иҷрорагир танҳо бо гирифтани розигии иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад, ки молу мулки ба иҷора гирифтаашро ба шахсони сеюм ба

зериҷора диҳад. Сарфи назар аз он ки дар натиҷаи содир намудани кирдоре, ки розигиро талаб мекунад, барои субъекти ваколатдор оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеояд, вале маълум аст, ки имконияти изҳори иҷозати ирода маҳз ба шахси мушаххас ва ба манфиати субъекти ваколатдор муқаррар карда мешавад.

– **розигии шахсе, ки ба манфиати шахси дигари зикршуда ваколати додани розигиро дорад.** Намунаи чунин ифодаи иҷозаи ирода дар м. 34 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст. Мутобиқи қ. 2 м. 34 КМ ҶТ шахсони ваколатдор барои анҷом додани он амалиётҳое, ки шаҳрвандони таҳти сарпарастӣ қарордошта ҳуқуқ надоранд мустақилона анҷом диҳанд, розигӣ медиҳанд. Маълум аст, ки дар натиҷаи аҳде, ки розигӣ талаб мекунад, ба манфиати парастор таъсир расонида намешавад. Аммо қонунгузор дар назар дорад, ки амали парасторон манфиатҳои шаҳрванди таҳти парасторӣ қарордоштаро вайрон намекунад. Ин тахмин, аз ҷумла, ба он асосёфтааст, ки м. 37 КМ ҶТ нисбат ба шахсияти парастор як қатор талаботи махсусро муқаррар намудааст.

– **розигие, ки қонеъ гардонидани манфиатҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд.** Изҳори иродаи иҷозатдиҳӣ ин навъӣ санадҳои маъмурӣ мебошанд, зеро онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти барои онҳо муқарраршуда амалӣ карда мешаванд. Масалан, дархости пешниҳоди патент бояд аз ҷониби мақомоти иҷроия тасдиқ карда шавад.

4. Вобаста ба табиати ҳуқуқи кирдоре, ки барои иҷрои он розигӣ зарур аст, инҳоро ҷудо менамоянд:

- **розигӣ барои анҷом додани аҳд.** Ин навъи розигӣ барои механизми танзими маданӣ аҳамияти калон дорад. Зеро аҳд унсури асосии таркибии динамикии муомилоти маданӣ мебошад. Аз сабаби он ки розигӣ аксар вақт барои эътибори аҳди инфиродӣ зарур аст, ифодаҳои иҷозаи ин навъи онҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад. Намунаи ин намуди розигӣ дар қ. 2 м. 336 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки тибқи он: «корхонаи воҳиди давлатӣ, ки фаъолияти худро дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ амалӣ месозад, ҳуқуқ надорад бе розигии молик ё мақомоти давлатии аз ҷониби он

ваколатдоршуда амалҳои зеринро анҷом диҳад: - биною иншоот, таҷҳизот ва фондҳои асосии дигари корхонаро, ки ба он тааллуқ доранд, фурӯшад ё ба шахсони дигар диҳад, аз ҷумла, ҳамчун саҳм дар сармояи оинномавии ҷамъиятҳои хоҷагӣ ё сармояи шариконаи ширкатҳои хоҷагӣ гузорад, иваз намояд, ба иҷора ё ба истифодаи муваққатии ройгон диҳад ва ё дар шакли дигар ихтиёрдорӣ намояд; филиалҳо ва корхонаҳои фаръӣ ташкил намояд; аз рӯйи уҳдадориҳои шахсони сеюм замонат ё кафолат диҳад»[4].

Мисол, тибқи банди 50 Оинномаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2023, №44 барои расидан ба мақсадҳои худ Бонк метавонад молу мулки манқул ва ғайриманқулеро, ки дар натиҷаи фаъолияти тиҷоратиаш ба даст овардааст, бо фармоиши Раиси Раёсати Бонк ва розигии Раёсати Бонк аз ҳисоб барорад ё бо роҳҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ бегона намояд. Бонк метавонад молу мулкеро, ки бар ивази қарз қабул намудааст, бо розигии Раёсати Бонк, то ба фурӯш рафтан, ба иҷора диҳад.

**- розигие, ки барои иҷрои амали ҳуқуқӣ зарур мебошанд.** Дар муқоиса бо розигӣ барои бастани аҳд, чунин изҳороти иҷозатдиҳандаи ирода барои аҳди маданӣ чандон аҳаммиятнок набошад ҳам, аммо кам нестанд. Масалан, тибқи муқаррароти м. 849 КМ ҶТ «тибқи шартномаи паймонкорӣ дар иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ паймонкор ҳуқуқ надорад ҳуҷҷатҳои техникиро бе розигии фармоишгар ба шахси сеюм супорад»[4].

5. Розигӣ ҷузъи таркибии ҳуқуқ буда, танҳо дар якҷоягӣ бо дигар амалҳои барои қонун аҳаммиятнок оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин, таркибҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқсозӣ, тағйирдиҳанда ва қатъкунандаи ҳуқуқ ҷудо мешаванд [50, с. 31]. Аз ин рӯ, вобаста ба намуди таркиби ҳуқуқӣ намудҳои зерини розигиро ҷудо кардан инксонпазир аст:

**– розигие, ки ҳуқуқро ба вуҷуд меорад, яъне унсури таркибии онро ташкил медиҳад.**

**– розигие, ки бо воситаи он ҳуқуқ тағйир меёбад ва унсури таркибии онро иваз менамояд.** Дар ин маврид ҳамчун мисол тибқи қ. 2 м. 495 КМ ҶТ

пешбинӣ шудааст, ки: «тарафҳо аз лаҳзаи ба қарздор аз ҷониби шахси сеюм баён шудани нияти истифодаи ҳуқуқи худ оид ба шартнома бе розигии шахси сеюм шартномаи басташударо бекор ё тағйир дода наметавонанд, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад»[4].

- **розигие, ки унсури таркибии таркиби ҳуқуқии ба қатъкунанда мебошад.** Масалан, тибқи қ. 2. м. 891 КМ ҶТ маблағи қарзи фоиздори дар мавридҳои дигар додашуда бо розигии қарздеҳ, аз ҷумла розигие, ки дар шартномаи қарз ифода ёфтааст, мумкин аст пеш аз муҳлат баргардонда шавад.

6. Аз рӯйи муносибатҳои вақти бо амали ҳуқуқӣ, ки розигӣ талаб мекунанд, инҳо ҷудо мешаванд:

- **розигии пешакӣ.** Дар ин ҳолат, розигӣ иродаи баённашуда барои иҷрои амали ҳуқуқии ба нақша гирифташуда, маъқул дониста мешавад. Розигии пешакӣ кафолат медиҳад, ки амал дар ҳама ҳолатҳо бе истисно эътибори зарурии ҳуқуқӣ дорад. Зеро амале, ки бо ин тарз амали мегардад, дар лаҳзаи анҷом додани он иродаеро дар бар мегирад, ки шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, онро маъқул донистааст. Ҳамзамон баъзан розигӣ барои иҷрои амали ҳуқуқӣ метавонад танҳо пешакӣ изҳор карда шавад ва имкони тасдиқи минбаъда истисно карда мешавад. Масалан, мутобиқи қ. 1 м. 38 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки: «даромади шахси воқеии таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта, аз ҷумла даромади аз ҳисоби идораи молу мулки ба ӯ тааллуқдоштаро, васӣ ё парастор бо розигии пешакии мақомоти васояту парасторӣ танҳо ба манфиати шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта сарф менамояд, ба истисноии молу мулке, ки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта мустақилона ихтиёрдорӣ карда метавонад. Васӣ ё парастор ҳуқуқ дорад бе розигии пешакии мақомоти васояту парасторӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки ба шахси таҳти васоят ё парасторӣ ҳамчун даромад тааллуқ дорад, хароҷоти зарурирo ҷиҳати таъминоти шахси таҳти васоят ё парасторӣ анҷом диҳад» [4]. Тибқи қ. 1. м. 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти

бонки азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) ташкилоти қарзӣ танҳо бо розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад [10].

- **розигии минбаъда.** Чунин розигӣ дар амали анҷомёфта ифодашударо маъқул медонад. Имконияти баъдан баён кардани розигӣ метавонад бевосита дар қонун пешбинӣ шуда бошад ё аз он бармеояд (аз принсипҳои умумӣ ва муқаррароти қонун дар натиҷаи истифодаи қоидаҳои мантиқи шаклӣ).

Имконияти розигии минбаъда аз қонун дар ҳолатҳое бармеояд, ки окибати амали маъқул донисташаванда бояд бартарафшаванда бошад ё аҳд, ки бе розигӣ анҷом дода шудааст, баҳснок бошад. Аз ҷумла, оқибатҳои бе розигии молгузор ба шахси сеюм додани ашёи нигоҳдоришаванда, ки зарурати гирифтани он дар м. 999 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, метавонад бартараф карда шавад: «агар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ накарда бошад, нигаҳдоранда ҳуқуқ надорад бе розигии молсупор ашёро барои нигаҳдорӣ ба шахси сеюм супорад, ба шарте ки инро зарурати ҳифзи манфиати молсупор тақозо мекунад ва нигаҳдоранда имкон надорад розигии онро ба даст орад. Дар мавриди барои нигаҳдорӣ ба шахси сеюм супоридани ашё, нигаҳдоранда уҳдадор аст фавран молсупорро огоҳ созад»[4]. Мисоли маъмули аҳди баҳснок, ки дар сурати набудани розигӣ анҷом дода мешавад, гузаронидани талабот аз рӯйи уҳдадорӣ мебошад, ки дар он шахсияти кредитор барои қарздор бе розигии қарздор аҳамият дорад (қ. 2 м. 447 КМ ҶТ).

7. Аз рӯи табиати ҳуқуқӣ розигиро ҷудо мекунанд:

- **розигӣ, ки санади маъмурӣ мебошад.** Фактҳои ҳуқуқии ин намуд аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани салоҳиятҳо ба амал бароварда мешаванд. Субъектҳои дигари ҳуқуқҳои маданӣ дар ҳеҷ ҳолат наметавонад баёноти иҷозатдиҳии иродаро, ки ба ин намуди розигӣ марбутанд, пешниҳод кунанд. Намунаи чунин розигӣ - санади маъмурӣ ифодаи иҷозатдиҳии ирода мебошад, ки мувофиқи м. 8 Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» бояд аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ анҷом дода шавад, то нишонҳо ва парчамҳои давлатӣ ба тамғаи молӣ ҳамчун унсурҳои муҳофизатнашаванда дохил карда шаванд [18].

- **розигӣ, ки санади ҳуқуқии маданӣ мебошад.** Аксарияти ифодаи ирода маҳз санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Одатан розигӣ ба фаъолияти мақомоти хокимияти давлатӣ алоқаманд нест ва онро ҳар як субъекти ҳуқуқи маданӣ, ки асоси дахлдори ҳуқуқӣ дорад, анҷом дода метавонад.

Қоидаҳои ҳуқуқи маданӣ барои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эътироф намудани амал ҳамчун розигӣ усули иҷозатдиҳии баёни ирода, мазмуни ихтиёрии он, инчунин мақсади иқтисодиро баҳо медиҳанд. Бо ин сабабҳо, дар аксари ҳолатҳо, розигӣ метавонад ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф карда шавад. Яке аз мисолҳои зиёди чунин розигӣ дар қ. 2 м. 838 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки: «паймонкор ухдадор аст талаботи дар супориш ва иттилои заминавии барои лоиҳакашӣ ва корҳои иҷрошудаи ҷустуҷӯйӣ мавҷударо риоя намуда, танҳо бо розигии фармоишгар талаботи онро сарфи назар кунад»[4].

Барои бандубасти ҳуқуқии амал ҳамчун розигӣ усул, мазмун ва мақсади иқтисодии чунин розигӣ баҳо дода мешавад. Бо ин сабабҳо, дар аксари ҳолатҳо, розигӣ метавонад ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф карда шавад. Мисоли чунин розигӣ қ. 2 м. 838 КМ ҶТ мебошад.

Ҳамин тариқ, намудҳои розигӣ, ки дар қонунгузории маданӣ пешбинӣ шудаанд, хеле гуногунанд. Онҳоро вобаста ба асосҳои ҳуқуқии розигӣ, манфиатҳои бо он ҳифзшаванда, тасниф намудани падидаи розигӣ аз рӯи табиати ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии мавҷуда дуруст шуморида мешавад. Ҳамзамон, таснифи розигӣ аз рӯйи хусусиятҳои ба ҳам хос аз рӯйи хусусияти ҳуқуқии амале, ки розигӣ талаб мегардад, муносибати муваққатӣ бо амали ҳуқуқии тасдиқшуда, шаклҳои ифодаи он ва намудҳои таркиби ҳуқуқӣ саривақтӣ мебошад. Тавассути тасниф намудани як навъи

мушаххаси розигӣ аз рӯи ҳама асосҳои пешниҳодшуда, мумкин аст, ки хусусиятҳои ҳуқуқии пурра ва ҳамаҷонибаи он муайян карда шавад.

## 2.2. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ

Ҳуқуқи маданӣ дар танзими муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ нақши муассир дошта, яке аз вазифаҳои он муқаррар намудани доираи амалҳо барои ноил гардидан ба мақсадҳои иқтисодӣ мебошад. Яъне, ҳуқуқи маданӣ ба нақши муносибатҳои иқтисодӣ зуҳуроти ҳуқуқӣ бахшида, ҳуқуқу манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандонро то андозае аз нигоҳи ҳуқуқ танзим ва ҳимоя намудааст. Падидаи баррасишаванда ба монандӣ изҳори розигӣ дар муносибатҳои иқтисодии бо ҳуқуқ ҳимоягардида яке аз заминаҳои асосӣ ба шумор меравад, зеро бе розигии тарафайн ва ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ, ки бештар ба иқтисодиёт нигаронида шудааст, ғайриимкон аст. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеа бе розигии тарафи дигари муносибат ё шахсони сеюм наметавонанд ба мақсадҳои иқтисодии худ ноил гарданд ва агар розигӣ набошад худ муносибатҳои тарафайн ба вуҷуд намеояд. Баҳри ҳимояи манфиатҳои инсон ва шаҳрванд меъёри ҳуқуқ заминаи махсусро ба худ касб намуда, яке аз воситаҳои авввалин ва муҳимтарини танзими муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад, ки ба таври ягона рафтор намудани субъектони муносибатҳои маданиро водор менамояд. «Меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамон санадҳои ҳуқуқиро ифода мекунанд, ки барои ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёти вобаста ба қонеъ гардонидани намудҳои гуногуни манфиатҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ - ба даст овардани молу мулк, фармоиш додани кор, хизматрасонӣ ва ғайра имконият медиҳанд» [190, с. 33].

Бояд қайд намуд, ки воситаҳои мазкур низоми ягонаеро ташкил дода, дар ҳамбастагӣ ва таъсиррасонӣ воқеияти иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд, ки онро механизми танзими ҳуқуқи маданӣ меноманд, ки аз рӯйи моҳият ва табиати худ онро ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: якум, онҳо сохтори равандро бо воситаи маҷмуи аломатҳо созмон медиҳанд; дуюм,

онҳо барои тавсиф намудани механизми болозикр аз низоми унсурҳои амалии сохтори ягона истифода менамоянд. Яъне, «Аз як тараф воситаҳои ҳуқуқӣ (масалан, меъёри ҳуқуқӣ, шартнома, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқӣ ва ғайра ) воситаҳои танзими давлатӣ дар баробари воситаҳои иқтисодӣ, аз тарафи дигар воситаҳои ҳуқуқӣ, ки гӯё, пеш аз ҳама, воситаҳои мустақим, ғайримустақим, ташкилӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва дигар, зеро бидуни онҳо воситаҳои охиринро самаранок истифода бурдан мумкин нест» [195, с. 204]. «Худи воситаҳои ҳуқуқӣ, ки дар шакли низом ифода ёфтаанд, дар механизми танзими ҳуқуқӣ таҷассум ёфта, унсурҳои онро ташкил медиҳанд» [127, с. 14].

Қобили қайд аст, ки то ҳол аз ҷониби олимони соҳавӣ воситаи ягонаи танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ барои дарки равиши он таҳия нашудааст ё пурра таҳқиқ карда баромада нашудааст. Воситаҳои ҳуқуқӣ дар илми назарияи ҳуқуқ ҳамчун унсурҳои муҳими сохтори ҳуқуқӣ фаҳмида мешаванд, ки онҳо қудрати танзимкунандаи ҳуқуқро инъикос мекунанд ва нерӯи амалии онро нишон медиҳанд. Ин воситаҳо дар татбиқи ҳуқуқ нақши асосӣ мебозанд. Дар ҳамин замина, таъкид карда мешавад, ки воситаҳои ҳуқуқӣ унсурҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки дар шакли муассисаҳо ва амалҳои махсус (технологияҳо) таҷассум меёбанд. Бо ёрии ин воситаҳо манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқӣ қонеъ карда мешаванд ва расидан ба мақсадҳои муҳим ва манфиатноки иҷтимоӣ таъмин мегардад. [170, с. 67].

Новобаста аз мавҷудияти таҳқиқотҳои гуногун, то ҳол дар байни олимон доир ба воситаҳои танзими ҳуқуқи маданӣ баҳсҳо ҷой доранд. Родионова О.М. дар ин масъала чунин ибрози андешаи намудааст: «Аз тарафи ҷомеа дарк намудани муносибатҳои хусусии моликият ва шахсии ғайримолумулкӣ, ҳамчун ихтиёрӣ ва дӯстона, ки таъсирасонӣ ба онҳо тавассути мустақилияти хусусӣ иҷозат дода мешавад, талаб менамояд, ки ҳамчун воситаи таъсири ҳуқуқӣ на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки дигар танзимкунандагони ба онҳо асосёфта низ эътироф гарданд» [178, с. 30].

Шундиков К.В. унсурҳои гуногуни ҳуқуқиро таҳлил намуда, қайд намудааст, ки он аз ҳуқуқ, аз меъёрҳо, принсипҳо, низомҳои ҳуқуқӣ,

санадҳои ҳифзи ҳуқуқ, падидаҳо, аҳдҳои гуногуни соҳавӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои манъкунанда, имтиёздиҳанда, ҳасмандгардонӣ (масъалан пешбинӣ намудани кэшбэк) ва санксияҳо ҳама унсурҳое шуморида мешаванд, ки ба воситаҳои ҳуқуқӣ шомил буда, метавонанд барои таҳлили рафтори инсон ва шаҳрванд ва муносибатҳои ҳуқуқии онҳо истифода шаванд. [192, с. 16].

Унсур ва воситаҳои ҳуқуқиро Пугинский Б.И. дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ баҳо дода, зикр намудааст, ки ба зумраи воситаҳои ҳуқуқии маданӣ ҳама намуди амалҳои ҳуқуқӣ шомил мебошад, сар карда аз пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ, пешбинӣ намудани чораҳои зарурӣ барои ҷавобгар намудани тарафи гунаҳгор аз нигоҳи нигарониши молумулк, усулҳои мухталифи ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ барои пешбигӣ намудани вайронкунии муносибатҳои ҳуқуқӣ ва андешидани тадбирҳои таъсири фаврӣ, инчунин муқаррар намудани тадбирҳои таъмини молумулкӣ барои иҷрои уҳдадориҳо, фарзияҳои ҳуқуқӣ, фиксияҳо ва дигар падидаҳои воқеияти ҳуқуқии маданӣ, аз ҷумлаи воситаҳои ҳуқуқи маданианд [202, с. 173-174].

Гуногун будани нуқтаи назарҳо дар рӯйхати воситаҳои ҳуқуқӣ водор месозад, ки ба меъёрҳое таваҷҷуҳ зоҳир намоем, ки имкон медиҳад, то ҳар як падидаи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи мустақили танзими ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шавад.

Вақте мо дар бораи «воситаҳои ҳуқуқӣ» сухан меронем, пеш аз ҳама, ба ҷанбаи амалии функсионалии низоми ҳуқуқӣ ишора мекунем, зеро ин воситаҳо, ки техника ва технологияи воқеии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, бо ёрии онҳо натиҷаҳои мушаххас ба даст оварда мешаванд. Бо ин роҳ, рушди назарияҳои вобаста ба воситаҳои ҳуқуқӣ кӯмак мекунад, ки як ҷанбаи муҳимтарини низоми ҳуқуқии функсионалӣ ба таври гуногунҷабҳа шарҳ дода шавад. [192, с. 17].

Дар робита ба ин, меъёрҳое, ки ҳамчун падида дорои вазифаи махсуси танзимкунӣ мебошанд, аз нигоҳи илмӣ муҳимтар шуморида мешаванд, зеро онҳо имкон фароҳам меоранд, ки воситаи мустақили ҳуқуқиро ҳамчун падидаи ҳуқуқ ба ҳисоб гирем. Мавқеи воситаҳои

ҳуқуқии мухталиф дар механизми танзими муносибатҳои маданӣ, яъне аз равиши таъсирнокии он, ба муносибатҳои дахлдори маданӣ ва ишғоли нақш дар он вобаста мебошад. Аз ҷониби мутахассисон ва олимон дар бештари ҳолатҳои меъёри ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, факти ҳуқуқӣ, шартномаҳои байни субъектон басташуда ва ғайраҳо ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии муносибат мавриди таҳлил, баҳсу мунозираҳо ва омӯзиш қарор дода шудаанд ва онҳо ҳар яке ақидаи худро аз он нигоҳ ҷонибдорӣ намудаанд, ки падидаҳои ҳуқуқии номбаршуда дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ҷойгузин буда, вазифаҳои асосии танзимиро иҷро мекунанд.

Дар муносибатҳои болозикр созишномаро на ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқӣ, балки ҳамчун тарзу усули бавуҷудоӣ, тағйирдиҳӣ ва қатъи муносибатҳои маданӣ шарҳ додан дуруст аст. Дар робита ба ин, ҳангоми бавуҷудоӣ, тағйирдиҳӣ ва қатъи муносибатҳои маданӣ аз нигоҳи таҳқиқи амиқ ҳамеша падидаи розигӣ нақши танзимкунандаи муносибатҳоро иҷро менамояд ва аз рӯи аломатҳои ба ӯ хос онро аз дигар падидаҳои ҳуқуқӣ фарқ намудан ё шабеҳ намудан имконпазир аст.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки розигӣ дар иҷрои амалҳои ҳуқуқӣ нақши муайянкунанда дошта, дар якчанд намудҳо зоҳир мегардад.

Якум, розигӣ дар ҷараёни такмили ирода ҷой дошта, ҳангоми иҷрои амалҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Дар ҳама мавридҳо, пеш аз оне ки иродаи дахлдор аз нигоҳи тарафайн маъқул дониста шавад, бояд розигии худро баён намояд, ки ҳоло амали дахлдор иҷро нашудааст. Дар робита ба ин, розигӣ ҳамеша дорои қудрате мебошад, ки, новобаста аз он ки амал дар ҳолати ҳозир иҷро нашуда бошад ҳам, ба иродаи шахси амалкунанда таъсир мерасонад. Дар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ гирифтани розигиро шарти муҳим арзёбӣ намудааст, субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданиро водор менамояд, ки андешаи субъекти ваколадорро, ки иҷозатро баён менамояд, гирифта шавад. Пеш аз ҳама, дар чунин мавридҳо нақши таъсиррасонии меъёрҳое, ки ба гирифтани розигӣ дар ҳолатҳои мушаххас бахшида шудааст, дар ташаккули иродаи содир намудани амали ҳуқуқӣ бавосита мебошад. Дар ин гуна мавридҳо мо

наметавонем андешаеро пешбарӣ намоем, ки манфиати субъекти ваколатдорро дар хусуси баёни розигӣ истисно намояд, зеро дар оянда ӯ метавонад нисбат ба чунин амал эътироз изҳор намояд. Агар ӯ аз чунин ҳуқуқи худ даст кашад, пас амали дахлдор маъқул эътироф карда мешавад ва дар аксар ҳолатҳо қувваи ҳуқуқии амали дахлдор аз байн намеравад.

Дуюм, бояд иброз намуд, ки ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданиро (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар умум ва дар алоҳидагӣ), ки ба муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулки пардохтаанд, розигӣ онро таъмин карда метавонад. Бояд қайд намуд, ки дар қонун ҳамаи ҳолатҳои талаб намудани розигӣ пешбинӣ карда нашудааст, зеро дар қонун асосҳои ҷиддии гирифтани розигӣ муайян шудааст, ки бо мантиқи дохилии механизми танзими ҳуқуқи маданӣ рост меояд. Пеш аз ҳама, қонунгузор барои ҳар як ифодаи розигӣ ё самти асосии онро ба ҳифзи қонун ва тартиботи оммавӣ муқаррар намудааст ва ба ҳолатҳое ишора менамояд, ки ҳифзи ҳуқуқи шасхро тавассути ифодаи розигӣ таъмин менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки розигӣ дар худ ҳам вазифаи ташаккули ирода ва ҳифзи манфиатҳоро дар бар мегирад ва ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назарияи инструменталӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки розиги ҳамчун воситаи мустақили танзими муносибатҳои маданӣ шуморида мешавад.

Дар ин ҷода набояд фаромӯш кард, ки таҳлилу омӯзиши мақеи инструменталии падидаи розигӣ бо ин муқаррароти дар боло дарҷкардашуда маҳдуд карда намешавад. Дар баробари вазифаҳое, ки барои тамоми шаклҳои розигӣ хос мебошанд, навъҳои алоҳидаи розигӣ самтҳои мустақили таъсиррасониро ба воқеияти ҳуқуқии маданӣ доранд. Аз ин рӯ, мо якчанд намуди розигиро таъкид менамоем, ки ҳар яки онҳо роҳи хоси мавҷудияти розигӣ дар механизми танзими ҳуқуқии маданӣ мебошад. Азбаски розигӣ ҳамчун воситаи мустақили ҳуқуқӣ маҳз тавассути иҷрои вазифаҳои танзимкунанда зоҳир мегардад, он наметавонад берун аз яке аз навъҳои он, ки аз рӯи меъёри функсионалӣ

муайян шудааст, зоҳир шавад. Ба ин муносибат ба мақсад мувофиқ аст, ки навъҳои алоҳидаи ифодаи розигиро, ки дар асоси нишондоди таснифӣ ташаккул ёфтаанд, ҳамчун шаклҳои розигӣ номгузорӣ намоем. Розигӣ дар яке аз шаклҳои худ таҷассум ёфта, ба падидаҳои дигари воқеияти ҳуқуқӣ таъсир мерасонад ва ба ин васила вазифаҳои танзимкунандаи худро амалӣ менамояд.

Баррасии масъалаи таркиб ва мазмуни шаклҳои розигро аз омӯзиши мисолҳои алоҳидаи он шуруъ намудан мувофиқи мақсад аст. Мутобиқи м. 27 КМ ҶТ ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бо розигии хаттии намояндагони қонунии худ аҳд мебанданд. Инчунин муассисае, ки ба он молумулк бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вогузор шудааст, ҳуқуқ дорад ин молу мулкро танҳо бо розигии соҳиби он ихтиёрдорӣ намояд.

Дар ҳама мисолҳои овардашуда, сухан дар бораи розигӣ ба аҳд меравад. Чунин ҳолатҳое, ки дар онҳо ба муносибатҳои дутарафа «даҳолат»-и шахси сеюм ба амал меояд, дар назари аввал барои ҳуқуқи маданӣ, ки мавқеи принсипиалиеро, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар асоси иродаи худмухтори худ амал мекунанд, муқаррар менамояд, гайриоддӣ менамояд.

Дар баробари ин, ба ҳуқуқи маданӣ институти шахсони сеюм маълум мебошад, ки иштироки шахси сеюмро дар инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба таври ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

Дар мисолҳои номбаршуда сухан дар бораи уҳдадориҳое меравад, ки дар онҳо иштироки шахси сеюм бо «алоқаи муайяни ҳуқуқии ин шахс бо яке аз тарафҳои ин уҳдадорӣ» асоснок мегардад ва ин робита дар марҳилаи ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии ҳатмӣ ба вуҷуд меояд [99, с. 371]. Дар баробари ин, шахси сеюм метавонад дар уҳдадорӣ на танҳо дар марҳилаи ба вуҷуд омадани он, балки дар давраи мавҷудият, аз ҷумла бо мақсади иҷро ҳамроҳ шавад. Дар ин ҳолат, бо ақидаи олимоне розӣ шудан душвор аст, ки ба назари онҳо, шахси сеюм, ки бо яке аз тарафҳои уҳдадорӣ робитаи нисбӣ дошта, ба он мустақиман таъсир мерасонад, аммо ҳамзамон берун аз таркиби субъективии он боқӣ мемонад.

Таърихан, уҳдадорӣ ҳамчун шакли ҳамоҳангии шахсии як субъекти ҳуқуқ бо субъекти дигар баромад мекунад. Ҳамзамон мақсади ин муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ибтидо ба вуҷуд овардани ҳокимият, ҳукмронии як шахс аз болои шахси дигар буд, то шахси уҳдадор, қарздор ба манфиати шахси якум кредитор чизе бидиҳад ва амалеро иҷро кунад ё таъмин намояд [200, с. 19].

Дар робита ба ақидаи болозикр, андешаи олимоне дуруст мебошад, ки иштироки шахси сеюмро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар раванди ташаккул ва инкишофи уҳдадорӣ, бо ду хусусияти асосии зерин ҷудо намудаанд: якум, шахси сеюм дар як маврид бо ҳарду тарафи аҳдкунанда ё дар алоҳидагӣ бо яке аз онҳо робитаи ҳуқуқӣ дошта бошад; дуюм, шахси сеюм метавонад ба динамикаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба тарафҳои аҳдкунанда таъсир расонад [35, с. 361; 36].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳолатҳои овардашуда, гирифтани розигии шахси сеюм барои анҷом додани аҳд ба таври ҳатмӣ гирифта мешавад ва ба ҳолати ҳуқуқии тарафҳо мувофиқ мебошад. Аммо набояд дар он хусус муҷодала намуд, ки ҳолати ифодаи розигии шахсони сеюм аз ҳолати бавуҷудомада ё бавуҷудоянда вобаста мебошад. Падару модар бо ноболиғ аз рӯйи аломатҳои хунӣ, хешовандӣ доранд.

Дар мисоли овардашуда бо баёни розигии шахси сеюм надоштани қобилияти ҳуқуқӣ ё ваколати яке аз тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқиро, ки қонун муқаррар кардааст, ҷуброн мекунад. Ҳамин тавр, яке аз асосҳои иштироки субъектҳои нисбатан қобилиятнок дар аҳдҳои маданӣ амали падару модар ва шахсони парастори онҳо мебошад. Онҳо ба аҳдҳои худ розигӣ медиҳанд ва бо ин, гӯё қобилияти ҳуқуқии ноболиғро пурра мекунанд.

Набудани чунин механизми пурра намудани қобилияти ҳуқуқӣ боиси имконнопазирии иштироки қисми зиёди субъектҳои ҳуқуқ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мегардад [200, с. 37]. Аз ин бармеояд, ки бе гирифтани розигии тарафи манфиатдор имконияти ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ашёӣ ё ҳатмӣ маҳдуд мебошад. Мувозинати нобаробарии тарафҳои

аҳдкунандаро танҳо бо роҳи гирифтани розигии субъекти ваколатдор барқарор намудан имконпазир аст.

Аз нигоҳи дигар, дар муносибатҳои маданӣ ифодаи иродаи тарафи муносибат, бебаҳс зарур шуморида мешавад ва ба динамикаи он таъсир мерасонад. Дар лаҳзаи бастани аҳд байни тарафҳо розигии шахси сеюм, ки дар ҳолати мушаххас гирифтани он ҳатмӣ мебошад ва онҳо онро ҳангоми бастан нагирифтаанд, чун қоида амали ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеорад.

Дар баробари ин, таъсири шахси сеюм ба раванди ташаккул ва рушди муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ на танҳо дар шакли розигӣ ба аҳд сурат мегирад. Аксар вақт изҳороти ирода аз ҷониби субъекти «бегона» барои тасдиқи амалҳои ҳуқуқӣ, ки аҳд нестанд, равона карда мешавад. Баъзе аз изҳороти розигии шахсони сеюм ба аҳдҳо алоқаманд нестанд, ба монанди тартиби муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқии мустақил, ки бо итминони зиёд метавонем гуфт, ки ин муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки бо фактҳои ҳуқуқӣ робита дорад.

Аз таҳлилҳои зикргардида хулоса намудан мумкин аст, ки розигии шахсони сеюм дар раванди ташаккул ва рушди муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ нақши назаррасро сазовор гарштаанд. Розигии дар ин шакл сурат гирифта, ваколатҳо ё қобилияти норасидаи як субъектро бо амали субъекти дигар ҷуброн мекунад.

Бо вуҷуди ин, розигӣ метавонад иҷрои на танҳо вазифаҳои муқарраршудаи танзимро таъмин намояд. Якчанд мисол овардан мумкин аст, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки дорои чунин муқаррарот оид ба розигӣ мебошанд, дар муқоиса ба иштироки шахси сеюм дар ҷараёни ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мазмуни дигар доранд.

Мутобиқи қ. 1 м. 516 КМ ҶТ тағйир додани уҳдадории шартномавӣ бо мувофиқаи тарафҳо имконпазир аст. Вобаста ба ин, бо боварии зиёд қайд кардан зарур аст, ки масъалаи мазкур дар адабиёти илмӣ низ мавриди мулоҳизарониҳо қарор гирифтааст, ки тибқи он барои пеш аз мӯҳлат тағйир додани иҷрои амали муайян ё қатъ намудани муносибатҳои шартномавӣ шакли маъмулии розигии тарафҳо мебошад, ки дар бештари

ҳолатҳо аз ҷониби тарафҳо ба таври матлуб қабул мегардад. Ҳолати мазкур ягон ҳолати ғайримуқаррарӣ намебошад, зеро мувофиқатии иродаи тарафҳои аҳд ба онҳо имконият медиҳад, ки муносибати худро ба ҷонибе ё самте равона намоянд, ки ба қонеъгардонии манфиатҳои онҳо зарур мебошад.

Дар баъзе мавридҳо чунин ҳолатҳо ба манфиати яке аз тарафҳои иҷрокунандаи аҳд мутобиқ буда, дар натиҷаи ворид гардидани тағйирот ба аҳди басташуда, баръакси ҳол ба тарафи дигар танҳо мушкилиҳо ва маҳдудиятҳоро ба миён меорад ва онро ба ҳолати ногувор оварда мерасонад. Аз ин рӯ, дар ин мавридҳо тарафи ташаббускори муносибатҳои ҳуқуқӣ барои қонеъ намудани талаботи худ аз роҳу воситаҳои болозикр истифода менамояд.

Барои ҳолатҳои зарурӣ қонун ҳолатҳои маъмултарини воридшавии тағйиротро пешбинӣ менамояд, ки дар он танҳо манфиати як тараф зоҳир мешавад. Барои ҳимояи манфиати тарафи муқобил қонунгузор танҳо меъёреро пеш меорад, ки шакли махсуси «соддашуда», яъне ифодаи розигии ӯро чун шарти ҳатмӣ муқаррар намудааст.

Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши таъсиррасонии падидаи розигӣ бо роҳҳои гуногун мушоҳида карда мешавад, ки дар аксар ҳолатҳо он ба тарафи манфиатдор имконият медиҳад, ки мазмуни муносибатҳои ҳуқуқиро тағйир диҳад. «Таркиби унсури мақсадноки шарти мавзуи шартнома асоси имконияти тағйир додан ё қатъ намудани онро бо роҳи тағйир додани ин қисми шарти мавзуъ муайян мекунад. Масалан, тағйир додани объекти бевоситаи фаъолият аз рӯйи шартномаи асосӣ (иваз кардани мол, иваз намудани ашёи нигоҳдошташаванда ва ғайра) боиси қатъи шартномаи асосӣ набуда, балки боиси тағйирёбии он мегардад» [153, с 64].

Мисоли ташаккули уҳдадории шартномавӣ ба ҳамин тарз дар м. 399 КМ ҶТ оварда шудааст, ки тибқи он: «қоидаҳои умумиро дар бораи иваз кардани предмети гарав танҳо бо розигии гаравгир муқаррар мекунад. Тарзи дигари тағйир додани шартнома бо созиши тарафҳо ин васеъ намудани унсури ҳатмии шарт оид ба мавзуъ мебошад. Ин, пеш аз ҳама, вобаста ба масъалаи ба

шартномаи асосӣ дохил намудани уҳдадориҳои иловагӣ барои қарздор таалуқ дорад. Дар уҳдадории асосӣ барои кредитор уҳдадориҳои иловагӣ низ муқаррар кардан мумкин аст» [4].

Масалан, дар қ. 1 м. 787 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки: «паймонкор уҳдадор аст, маводи фароҳамовардаи фармоишгарро боэҳтиёт истифода бурда, баъди ба итмом расондани кор оид ба масрафи мавод ҳисобот дода, бақияи онҳоро баргардонад. Аммо ин моддаи қонун ба тарафҳо имконият медиҳад, ки муносибатҳои ҳуқуқиро ба таври оқилона тағйир диҳанд. Масалан, пудратчӣ метавонад арзиши корро бо назардошти арзиши масолеҳи истифоданашуда, ки дар ихтиёраш мемонад, кам кунад. Шарти зарурии эътибор пайдо кардани ин тағйирот розигии фармоишгар мебошад» [4].

Розигӣ на танҳо тағйирот, балки ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқиро, ки иштирокчии он субъекти ваколатдори розигӣ мебошад, таъмин карда метавонад. Навъи маъмултарини розигӣ, ки дар раванди ташаккули муносибатҳои нави ҳуқуқӣ иштирок мекунад, ин аксепт мебошад.

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «шартнома танҳо дар сурати комилан мувофиқ омадани иродаи тарафҳо, яъне дар вақти ба даст овардани созиши комил оид ба ҳамаи шартҳои шартнома метавонад баста шавад» [60, с. 160].

Дар ин хусус Черепахин Б.Б. таъкид намуааст: «Оферта ва актсепт дар алоҳидагӣ, аҳди яктарафа намебошанд, гарчанде ки онҳо ифодаи ирода мебошанд ва ба оқибатҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Ҳар яке аз тарафҳои шартномаи басташуда, на бо ифодаи якҷонибаи иродаи худ, балки дар якҷоягӣ ва ягонагӣ бо ифодаи мувофиқашудаи иродаи тарафи дигар мехоҳад оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд орад» [117, с. 31-32; 118].

«Ба сифати яке аз роҳҳои изҳори розигӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аксептро ҳисоб кардан мумкин аст... Аксепт созишномаест, ки бо сухан, амал ё амали конклютивӣ розигии бастани шартнома бо шартҳои дар оферта зикршуда ифода ёфтааст» [211, с. 36].

Ақидаҳои зикргардидаро ҷамъбаст намуда, ба натиҷа расидан мумкин аст, ки розигӣ метавонад шакли соддашудаи ифодаи иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии ба вуҷудомада ё тағйирёбанда бошад. Ин намуди розигӣ рушди босуръати муносибатҳои ҳуқуқии маданиро дар самтҳои он таъмин намуда, ба сатҳи муомилоти маданӣ таъсири судманд мерасонад. Инчунин қобили таваҷҷуҳ аст, ки ворид намудани тағйирот ба муносибатҳои ҳуқуқии мавҷуда ба тарафи дигар ва шахсони сеюм имконият медиҳад, ки изҳори розигии худро такроран ифода намоянд.

Инчунин розигие низ маъмуласт, ки ба инкишофи муносибатҳои нисбии ҳуқуқии маданӣ тамоман алоқаманд нест. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи розигӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ меравад.

Дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, ки неъматҳои ғайримолумулкӣ яке аз намудҳои муносибатҳои маданӣ ба ҳисоб рафта, он ба муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ робита дошта, тавассути он фардикунонии шахс аз нигоҳи сифати иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад [47, с. 117]. «Ин неъматҳо аз лаҳзаи таваллуд ё бо қувваи қонун ба шаҳрванд тааллуқ дошта, бо ягон роҳи дигар ҷудонашаванда ва интиқолнопазир буда, ба муҳлати номуайян, яъне дар давоми ҳаёти соҳиби онҳо ва баъд аз марги ӯ аз ҷониби шахсони сеюм, аз ҷумла ворисон, ҳифз карда мешаванд.» [56, с. 12].

Дар адабиёти ҳуқуқи маданӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки муносибатҳои ғайримолумулкии шахсӣ ҳамеша ба муаллифи он алоқаманд буда, дар ҳолати истифода шудани он аз ҷониби дигарон ба худ хусусияти объективиро касб намуда, ҳамчун падидаи мустақили аслӣ баромад карда метавонад, аммо дар ҳама ҳолатҳои алоқаи худро бо шахсияти аввала гум намекунад (ному насаб, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои ба он вобаста, ҳуқуқ ба ихтироъ, тамғаи молӣ ва ғайраҳо). Аз рӯи табиати худ муносибатҳои мазкур дар баъзе ҳолатҳо аз муомилот берун вуҷуд дошта, аз соҳиби онҳо ҷудонашаванда мебошанд. Объекти муносибатҳои мазкур бепоён буда, аксар вақт арзише надоранд (номи шахс, обрӯи корӣ) [128, с. 34]. Ҳангоми

танзими муносибатҳои шахсии гайримолумулкӣ дар ҳуқуқи маданӣ усулҳои гуногуни ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Албатта, розигиро ҳамчун воситаи ҳуқуқии хифзи ҳуқуқҳои шахсӣ низ тасниф кардан мумкин аст. Мисол, ворид намудани тағйирот ба асари муаллифи муайян танҳо бо гирифтани розигии ӯ имконпазир аст.

Дар робита ба мисолҳои болозикр ҳуқуқи маданӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ пешбинӣ намудааст, ки он бояд аз ҷониби дорандаи ҳуқуқ ба таври махсус тасдиқ карда шавад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ бар хилофи талаботи принсипи салоҳият ба субъектҳои амалкунанда имконияти интихоби тарзи рафторро намедиҳад, балки онро ба таври ҳатмӣ муқаррар мекунад. Қонун ба шахсе, ки ба манфиати ӯ таҳдид карда мешавад, имконият медиҳад, ки дар бораи роҳи пешниҳодшуда розигӣ диҳад ва ё баръакс, розигии заруриро рад кунад.

Ҳамин тариқ, розигӣ воситаи мустақили танзими ҳуқуқи маданӣ буда, дар ин сифат вазифаҳои махсуси танзимкунандаро иҷро мекунад: якум, розигӣ вазифаи ташаккулдиҳандаи иродаро иҷро мекунад; дуюм, розигӣ вазифаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои (шахсони мушаххаси ҷамъият), ки дар содир намудани амали ҳуқуқӣ иштирок намекунанд, иҷро мекунад.

Ҳамин тавр, се шакли розигӣ вуҷуд дорад:

-розигӣ ҳамчун шакли иштироки шахсони сеюм дар ташаккул ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ;

- розигӣ ҳамчун шакли соддакардашудаи ифодаи ирода аз ҷониби иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии ба вуҷуд омада ё тағйирёбанда;

- розигӣ, ки ҳифзи ҳуқуқҳои мутлақи маданиро таъмин менамояд.

# БОБИ 3. ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ РИОЯ НАКАРДАНИ ИФОДАИ РОЗИГӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

## 3.1. Тартиби ифодаи розигӣ дар амали субъектони ҳуқуқи маданӣ

Ба монанди ҳама гуна амалҳои ҳуқуқӣ розигӣ як амали фаъол аст. Дар баробари ин, аҳаммияти ҳуқуқии он дар риояи талаботи муайян нисбати тартиби баёни розигӣ мебошад. Дар қонун муқаррар гардидани қоидаҳои изҳори розигӣ ба муътадил гардидани муомилоти маданӣ мусоидат намуда, самаранокии тамоми механизми танзими маданиро баланд мебардорад.

Танзими ҳуқуқии мадании шакли изҳори розигӣ ба аҳд, ки дар моддаҳои алоҳидаи КМ ҶТ мавҷуд аст, танҳо дар он ифода меёбад, ки шахси ваколатдор (мақом), ки розигии ӯ барои аҳд зарур аст, дар бораи розигии ӯ ё дар бораи шахсе, ки розигиро дархост кардааст ё дигар шахсони манфиатдор, агар рад карда шавад, хабар медиҳад.

Набудани тавзеҳот, ки бо кадом роҳ ва дар кадом шакл фиристода шудани ин розигиро мушаххас мекунанд, дар оянда метавонад дар байни иштирокчиёни аҳди маданӣ нофаҳмиҳоро ба вуҷуд орад. Масалан, дар санади судии суди И. Сомонии ш. Душанбе судя ба хулосае омадааст, ки соҳибмулк бо барқия ба бастани аҳд розигии пешакӣ додааст [224]. Дар дигар ҳолат бошад, нисбат ба эътиборнокии розигӣ ба аҳд баҳс ба миён омадааст. Аз ҷумла, даъвогар барои тасдиқи даъвоҳои худ дар бораи беэътибор донистани аҳд далелҳои зеринро асос кардааст, яъне, розигӣ соҳибмулк ба бонк ба таври хаттии нотариалии барасмиятдаровардашуда, тасдиқ карда мешуд, на ба таври хаттии оддӣ. Бинбар ин, суд дуруст хулосабарорӣ намудааст, ки барои бастани аҳд бо молу мулки ғайриманқул, бояд ба таври хаттии нотариалӣ тасдиқшуда барасмият дароварда мешуд.

Тартиби баёни баъзе намудҳои розигӣ дар қонун ба таври кофӣ танзим гардидааст. Масалан, мутобиқи қ. 2 моддаи 581 КМ ҶТ: «Нисбат ба теъдоди пешбининамудаи шартнома супоридани теъдоди зиёди як номгӯйи мол

барои пурра намудани номгӯйи моли дигари кам супоридашуда, ки ба ҳамон як гурӯҳи навъҳои мол дохил мешаванд, ба ҳисоб гирифта намешавад ва он бояд пурра карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин маҳсулотсупорӣ бо розигии хаттии пешакии харидор анҷом дода шудааст». Дар ин маврид муқаррароти қонунгузорӣ на танҳо шакли розигиро муайян мекунад, балки зарурати пеш аз амали тасдиқшуда анҷом додани онро низ муқаррар мекунад.

Муқаррароти бевоситаи омода кардани розигӣ ба аҳд дар шакли хаттӣ, дар баъзе ҳолатҳо, дар КМ ҶТ мавҷуд аст. Агар мо ба қ. 2 м. 27 КМ ҶТ назар афканем мебинем, ки: «Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд бе розигии намояндагони қонунӣ:

- музди меҳнат, стипендия ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд;

- ҳуқуқҳои муаллиф ба асари илмӣ, адабӣ, санъат, ихтироот ё натиҷаи дигари фаъолияти зеҳнии бо қонун ҳифзшавандаи худро амалӣ намоянд;

- мутобиқи қонунгузорӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пасандоз ё амонат гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд;

- аҳди хурди маишии дар қисми 3 моддаи 29 ҳамин Кодекс пешбинигардидаро анҷом диҳанд».

Ҳамин тариқ, ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бо розигии хаттии намояндагони қонунии худ аҳдро, ба истиснои аҳди дар қ. 2 м. 27 КМ ҶТ пешбинишуда, анҷом медиҳанд. Тибқи қ. 3 м. 52 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»: «Иҷрочии суд бо розигии хаттии тарафҳо ҳақ дорад молу мулкро бе гузаронидани музоядаи оммавӣ, бо роҳи савдои он ба шахси муайян анҷом диҳад» [17].

Дар баробари ин, барои бештари навъҳои розигӣ, шакли ҳуқуқӣ амалан вуҷуд надорад. Дар бисёр ҳолатҳо қонунгузор бо ифодаи иродаи амали ҳуқуқии мақоми ваколатдор маҳдуд мешавад. Аз ҷумла, дар меъёри қонун тартиби тасдиқи лизинггирро ба қатъи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ба лизинг додашуда ба пуррагӣ танзим накардааст (қ. 1 м. 759 КМ ҶТ). Ҳамаи ин, амалҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки новобаста шаклҳои розигӣ дар

амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ дар ҳолатҳои мушаххас таҳлили муқаррароти қонунгузории маданиро пешбинӣ менамояд.

Вобаста ба шаклҳо ва намудҳои ифодаи розигӣ Мейер Д.И. қайд менамояд, ки: «дар бораи розигии баъзан хомӯшӣ, набудани норозигӣ гувоҳӣ медиҳад ... ва дар ҷомеа ҳатто иборае маъмул аст, ки хомӯшӣ аломати розигӣ аст» [69; 70, с. 195]. Дар илмӣ ҳуқуқшиносӣ ҳатто ақидае мавҷуд аст, ки: «... набудани эътирози намояндаи қонунӣ ё дигар шахсон ва ташкилотхое, ки ҳуқуқи эътирози аҳдро доранд,... метавон асоси кофии тахмин оид ба розигии онҳо ҳисоб карда шавад» [85, с. 100]. Татаркина К.П. чунин қайд менамояд, ки: «Озодии шакли аҳд яке аз зуҳуроти мустақилияти иродаи тарафҳои аҳд мебошад. Субъектҳои аҳд ҳуқуқ доранд бо назардошти манфиатҳои худ самти рафтори худро интихоб намоянд, аз ҷумла, вобаста ба муайян намудани шакли аҳд, агар дар қонун барои ин намуди аҳд шакли мушаххас муқаррар нагардида бошад» [105].

Масалан, тибқи қ. 3 м. 689 КМ ҶТ агар иҷорагир истифодаи молу мулкро баъди хотимаи муҳлати шартнома ҳангоми мавҷуд набудани эътироз аз тарафи иҷорадеҳ идома диҳад, шартнома бо ҳамон шартҳо ба муҳлати номуайян навшуда ба ҳисоб меравад. Ба ҳамин монанд, тибқи қ. 2 м. 1003 КМ ҶТ ҳангоми ба миён омадани зарурати анҷом додани хароҷоти фавқулода нигаҳдоранда уҳдадор аст аз молсупор розигии онро дархост намояд. Агар молсупор норозигии худро дар муҳлати зикрнамудаи нигаҳдоранда ё дар давоми муҳлати оқилона изҳор накарда бошад, чунин ҳисобида мешавад, ки он ба хароҷоти фавқулода розӣ мебошад.

Аммо, чун қоидаи умумӣ, розигӣ ба монандӣ ҳар як амали ихтиёрии иродавии фаъол шакли ифодаро ҳамчун амалҳои фаъол баррасӣ менамояд. Масалан, «Барои таъсир расонидан ба муқаррар, тағйир ё қатъи муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ирода, зуҳуроти он зарур аст, ки танҳо ба воситаи он оид ба мазмуни ирода хулоса кардан мумкин аст» [209, с. 85].

Дар баъзе мавридҳо, қонун бевосита муайян мекунад, ки шахс бояд дар кадом шакл иродаи розигии худро баён кунад. Ҳамин тавр, барои бастани шартномаи суғуртаи шахсӣ, ки ба манфиати шахси суғурташуда

нест, ӯ вазифадор аст розигии худро ба бастани чунин шартнома танҳо дар шакли хаттӣ баён кунад (қ. 3 м. 1040 КМ ҶТ). Мутобиқи қ. 3 м. 35 КО ҶТ бошад, барои бастани аҳд ба молу мулки ғайримақули муштараки зану шавҳар, бояд розигии пешакии ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи онҳо гирифта шавад, дар акси ҳол яке аз онҳо метавонанд дар бораи қисман беэътибор донистани чунин аҳд даъво пешниҳод намоянд. Аммо, «чун қоидаи умумӣ, қонун розигиро ба шакли мушаххас маҷбур намекунад» [166, с. 11]. Агар дар қонун шакли розигӣ пешбинӣ нагардида бошад, он метавонад дар ҳама гуна шакли озод дода шавад, ки имкон медиҳад аз ҷониби шахси дахлдор тасдиқ шудани аҳд муқаррар карда шавад [142, с. 21].

Воқеан, дар аксари ҳолатҳо, қобилияти дарк кардани розигӣ аз ҷониби шахсони сеюм шарти кофӣ барои ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқии марбут ба он мебошад. Бинобар ин, агар дар қонун нисбати шакли розигӣ муқаррарот пешбинӣ гардида бошад, он бояд ба таври ҳатмӣ риоя карда шавад.

Инчунин, аз додани розигӣ ба аҳд метавонанд амалҳои пешбинишудаи конклютивӣ гувоҳӣ диҳанд. Имконияти додани розигӣ ба аҳд дар шакли амали пешбинишуда аз эътирофи розигӣ ба аҳд ҳамчун ифодаи ирода бармеояд. Чи тавре дар боло қайд намудем, ноболиғ барои анҷом додани баъзе аз амалҳои хурд розигии намояндаи қонуниашро намегирад, чунки қонунгузор гирифтани розигиро дар чунин мавридҳо пешбинӣ накардааст (қ. 2 м.27 КМ ҶТ).

Амалҳои конклютивӣ ин амалҳое мебошанд, ки имкон медиҳанд шахс бевосита иродаи худро муайян кунад. Эннектсерусн Л. қайд менамояд, ки: «...иродаро бавосита, тавассути сухан ё амале ифода кардан мумкин аст, ки пеш аз хама мақсади дигарро дунбол мекунад, аммо аз онҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки ирода оид ба анҷом додани аҳд ҷой дорад» [123, с. 145].

Омӯзиши таҷрибаи судӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки агар тарзи ифодаи розигиро тарафҳо зери шубҳа гузоранд, пас суд бояд ба он амалҳо баҳои ҳуқуқӣ диҳад, ки онҳо ба додан ё гирифтани розигӣ ишора кунанд [218].

Яъне, суд бояд он ҳолатро муайян кунад, ки мақоми ягонаи иҷроияи шахси ҳуқуқӣ розигии худро бевосита додааст [219].

Дар қонунгузорӣ метавонад муайян карда шавад, ки розигӣ ба аҳд дар шакли хаттӣ дода мешавад ё зарурати тасдиқи нотариалии чунин розигиро нишон диҳад. Бинобар ин, агар дар қонун шакли муайяни додани розигӣ муқаррар шуда бошад, розигӣ бояд дар шакли мувофиқ дода шавад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ инчунин қайд карда мешавад, ки: «...дар соҳаи муомилоти тиҷоратӣ мавҷудияти розигии қарздорро танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои хаттӣ, ки бевосита дар бораи эътирофи амалиёти анҷомдодашуда нишон медиҳанд, баҳо додан дуруст нест. Факти тасдиқи аҳдҳои гузаронидани қарз барои як қатор ҳолатҳое кифоя аст, ки онҳо метавонанд дар шаклхои гуногун, аз ҷумла, бо роҳи бошуурона ва ихтиёран иҷро намудани уҳдадорӣ дар назди кредитори нав дар асоси огоҳинома дар бораи гузаронидани қарз ифода карда шаванд» [77, с. 68]. «Розигии минбаъда метавонад бо амали конклюдентивии шахс ба амал ояд, ки аз он хулоса баровардан мумкин аст, ки шахс аз аҳд огоҳ аст ва онро барои ӯ қобили қабул медонад» [145, с. 18-22; 146, с. 18-22].

Талаботи навбатии тартиби баёни розигӣ ба раванди дарки он аз тарафи шахсони сеюм алоқаманд аст. Зеро «раванди ирода ҳеҷ гоҳ бо қабули қарор танҳо барои худ ба анҷом намерасад, то он даме, ки он ба диққати шахсони дигар расонида нашавад» [80, с. 124].

Аз ин рӯ, «... на ифодаи зоҳирии ирода аҳаммияти ҳуқуқӣ, (масалан, бо роҳи додани розигии оддии хаттӣ ё нотариалӣ), балки додани ин роигиӣ ба тарафҳои муомила ё шахсони сеюм аҳамияти ҳуқуқи дорад. Танҳо дар рӯйи коғаз ё бо роҳи дигар сабт кардани ирода, ҳатто агар далели дахлдор аз ҷониби суд муқаррар карда шуда бошад ҳам, маънои онро надорад, ки аҳд бо хоҳиши шахсе, ки розигии он тибқи қонун зарур аст, анҷом дода шудааст» [135, с. 85].

Ба ибораи дигар, розигӣ ҳатман бояд ба таваҷҷуҳи субъекте расонида шавад, ки ҳуқуқу уҳдадориҳояш аз мавҷудият ё набудани розигии зарурӣ вобаста аст. Бо вуҷуди ин, аксар вақт якчанд чунин шахсони манфиатдор

мавҷуданд (масалан, агар ба амалиёти шахсони сеюм розигӣ додан лозим бошад).

Дар баъзе ҳолатҳо шахсе, ки ба аҳд аз тарафи шахсони сеюм розигӣ медиҳад, ӯ танхо бо яке аз тарафҳо робитаи ҳуқуқӣ дорад. Тибқи муқаррароти қ. 4 м. 780 КМ ҶТ: “Бо розигии паймонкори асосӣ фармоишгар ҳуқуқ дорад, барои иҷрои корҳои алоҳида бо шахси дигар шартнома бандад. Дар чунин ҳолат шахси зикргардида барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби кор дар назди фармоишгар мустақиман ҷавобгар мебошад.» Дар баъзе мавридҳо дар қонун ҳангоми амалишавии ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ тақозо гардидааст, ки барои ба гарав гузоштани молу мулки дар фаъолияти пешбурди хоҷагидорӣ қарордошта, розигии корхонаи воҳиди тааллуқдошта гирифта шавад. Масалан, чунин талабот дар моддаи 336 КМ ҶТ пешбинӣ гардидааст. Тибқи қ. 1 м. 336 КМ ҶТ: “КВД, ки фаъолияти худро дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ амалӣ месозад, ҳуқуқ надорад бе розигии молик ё мақомоти давлатии аз ҷониби он ваколатдоршуда амалҳои зеринро анҷом диҳад:

- биною иншоот, таҷҳизот ва фондҳои асосии дигари корхонаро, ки ба он тааллуқ доранд, фурӯшад ё ба шахсони дигар диҳад, аз ҷумла ҳамчун саҳм дар сармояи оинномавии ҷамъиятҳои хоҷагӣ ё сармояи шариконаи ширкатҳои хоҷагӣ гузорад, иваз намояд, ба иҷора ё ба истифодаи муваққатии ройгон диҳад ва ё дар шакли дигар ихтиёрдорӣ намояд;

- филиалҳо ва корхонаҳои фаръӣ ташкил намояд;

- аз рӯйи уҳдадориҳои шахсони сеюм замонат ё кафолат диҳад».

Шахсе, ки аз ҷониби ӯ розигиаш зарур аст, нисбат ба тарафи дигар тавакали хавфи камтар дорад. Ин гуна субъектҳои муносибаяти ҳуқуқӣ имкониятҳо ва воситаҳои зиёди ҳуқуқӣ мебошанд, ки пурсиши розигии вуҷуднадоштаро доро мебошад. Албатта дар ин маврид тарафи дигар аз имкониятҳои таъсиррасонӣ ба ифодаи розигӣ он маҳрум мебошад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, дуруст мебуд, ки шахси ваколатдор дар бораи додани розигӣ ба шахсе хабар диҳад, ки ӯ тарафи аҳд мебошад, на ба ҳар шахсе, ки

розигиро дархост менамояд. Шахсони дигар танҳо дар ҳолате дар ин бора огоҳ бошанд, ки агар манфиатдории худро исбот карда тавонанд.

Вобаста ба ин, пешниҳод менамоем, ки дар КМ ҶТ барои розигӣ ба анҷом додани аҳдҳо қоидаи зерин пешбинӣ гардад: “Агар розигии шахси сеюм ё мақомоти дахлдорро барои анҷом додани аҳд қонун пешбинӣ карда бошад, шахси сеюм ё мақомоти дахлдор бояд ба шахсе, ки дархост кардааст ё шахси манифатдор, дар бораи розигӣ ё рад кардан дар муҳлати на дертар аз даҳ рӯз, хабар диҳад».

Мисол, дар Оинномаи КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, як қатор ҳолатҳоеро муқаррар намудааст, ки ҳангоми амалӣ намудани рафтори муайян розигии кадом мақоми он гирифта мешавад. Дар банди 51-52 оинномаи КВД Амонатбонк пешбинӣ шудааст, ки ҳангоми ба тавозун ворид намудан ва ҳангоми ба иҷора додан ва фурӯхтани объектҳое, ки дар натиҷаи фаъолият ба даст омадаанд, танҳо бо розигии раиси раёсат ва раёсати Бонк имконпазир аст. Ҳамчунин дар оинномаи мазкур зикр шудааст, ки аҳдҳои калоне, ки зиёда аз 30% сармояи танзимшавандаи Бонкро ташкил медиҳанд, бояд розигии шурои нозирони Бонк гирифта шавад.

Ҳангоми аз ҷониби нотариуси давлатӣ аҳаммият додан ба ҳолатҳои мазкур қарори дахлдори мақоми КВД талаб карда мешавад, ки нагирифтани он оқибати ҳуқуқиро то ба бекор гардидани шартномаи басташуда оварда мерасонад.

Дар баробари ин қайд намудани ақидае, зарур аст, ки тибқи он аҳдҳои яктарафа метавонад барои даркнамоӣ зарур ва ё чунин набошанд [118], яъне роизгӣ ҳамчун аҳди яктарафа «ба дарк ниёз дорад». Мувофиқи ин фаҳмиши розигӣ, чун қоидаи умумӣ зарур аст, ки он ба шахсоне, ки ба ин розигӣ эхтиёҷ доранд маълум бошад. Муҳим аст, ки тарафҳои аҳд воқеан дарк кунанд, ки розигӣ дода шудааст. Қабули (гирифтани) розигӣ ба аҳд ҳамчун ифодаи яктарафаи ирода шарти қонунӣ будани аҳде мебошад, ки бо розигӣ анҷом дода мешавад, ки дар навбати худ боиси оқибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ

мегардад. Барои шахсони манфиатдор ҳангоми қабули розигии дахлдор ва анҷом додани аҳди дахлдор, инчунин дар сурати мавҷуд набудани далели бекор кардани розигии додашуда ба аҳд, то анҷоми аҳд оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меоянд.

Розигие, ки барои бастани аҳд ба суд бе тасдиқи нотариалӣ ё танҳо нусхаи он пешниҳод мегардад, на ҳама вақт аз ҷониби суд ҳамчун далели розигӣ қабул мешавад. Суд ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас ба хулоса омаддааст, ки бинобар мавҷуд набудани нусхаи аслии ҳуҷҷат додани розигиро барои гирифтани қарз тасдиқ карда наметавонад. Чунки тибқи талаботи қонунгузорӣ ҳолатҳои ҷойдошта танҳо бо нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳо, ки ба таври дахлдор тасқ карда шудаанд, исбот карда мешавад, муайян гардид, ки дар маводи парванда далели розигӣ барои интиқоли қарз мавҷуд нест. Мавҷуд набудан ё ба суд пешниҳод нагардидани нусхаи аслии ҳуҷҷат аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин ҳуҷҷат умуман вуҷуд надошт ё нусхаи аслии он гум карда шудааст [220]. Чи тавре ки қайд карда шуд, далелҳои хаттӣ дар асл ё дар шакли нусхаҳои ба таври дахлдор тасдиқшуда пешниҳод карда мешаванд [221].

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба ҳар шахс имкон дода мешавад, ки бе амали фаъол розӣ шавад. «Беамалӣ, ба монанди амал метавонад танзими ҳуқуқиро «тақозо намояд». Беамалӣ ифодаи берунӣ надорад, аммо ба монанди амал ин факти рафтори инсон аст ва аз ин рӯ, набудани амал ба монанди мавҷудияти он дар воқеият тағйиротро ба вуҷуд меорад» [204, с. 76]. Воқеан, «вақте розигии шахс барои амали ҳуқуқӣ он қадар аҳаммиятнок бошад, ки танҳо ихтилофи ошкори шахс амалро аз байн бурда тавонад ва бе ин аҳд қонунӣ эътироф гардад, сукутро метавон аломати розигӣ шумурд». Ҳамзамон аксар вақт чунин хомӯшӣ метавонад ҳамчун як шакли радкунии аҳд хизмат кунад [69; 70 с. 153-154].

Васковский Е.В. инчунин номуайянии сукутро қайд менамуд. Ӯ хомӯширо роҳи ғайримустақими баёни ирода меномид. «Чуноне ки адибони муосир эътироф кардаанд, сукут танҳо ҳамон вақт бояд ҳамчун

розигӣ эътироф шавад, ки касе хомӯш аст, ки метавонист ва мебоист ҳарф занад (qui tacet, cum loqui potuit ac debuit, consentire videtur)» [38, с. 161].

Тибқи қ. 3 м. 172 КМ ҶТ: "Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо сукут ифодаи иродаи бастани аҳд дониста мешавад» [4]. Мо боварӣ дорем, ки муқаррароти зикршуда инчунин ба он розигие, ки ба тасдиқи аҳд алоқаманд нестанд, низ таалуқ дорад. Бинобар ин, розигӣ ба аҳд дар шакли сукут танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад. Бо ақидаи Белов В.А., чунин имконият дар мавридҳое, ки аз рӯйи мазмун ва шароиташон аз мусбат будани сукут гувоҳӣ медиҳанд пешбинӣ карда мешавад. Агар шахс анҷом додани аҳдро нахоҳад, ӯ дар ин бора ба таври хаттӣ ё шифоҳи хабар диҳад [30, с. 87]. Чунин ақидаи олим дуруст ба назар мерасад, зеро тибқи қ. 3 м. 689 КМ ҶТ: «Агар иҷорагир истифодаи молу мулкро баъди хотимаи муҳлати шартнома ҳангоми мавҷуд набудани эътироз аз тарафи иҷорадеҳ идома диҳад, шартнома бо ҳамон шартҳо ба муҳлати номуайян навшуда (м. 676 КМ ҶТ) ба ҳисоб меравад» [4].

Диққати махсус бояд ба розигии мақомоти давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дода шавад. Ошкорбаёнии ин мақомот ё розигии онҳо бояд ба талаботи конститутсия ва қонунҳо асос ёфта бошад, ки тибқи онҳо розигии ин мақомотҳо дар шакли санади дахлдори ин мақомот, ки дар доираи салоҳияташон қабул карда мешаванд, бояд ба таври хаттӣ дода шавад.

Ҳамин тавр, шакли розигии додашуда ба аҳд дар асоси шакли ҳуқуқие, ки дар он розигӣ дода мешавад (аҳди яктарафа, санади мақомот ё корхона (масалан, қарори маҷлис), муайян карда мешавад. Шакли баёни розигии шахси сеюм (субъекти ҳуқуқи маданӣ) ба аҳд, агар шакли зарурииро қонун муқаррар накарда бошад, бо ҳар роҳ ифода кардан мумкин аст. Дар бораи сукут ҳамчун тарзи ифодаи ирода бошад, чӣ тавре ки гуфта гузаштем, танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ва созиши тарафҳо имконпазир мебошад.

Масъалаи дигари муҳимми тартиби изҳори розигӣ вобаста ба таносуби замонии баёни иродаи иҷозатӣ ва амале мебошад, ки ба он розигӣ дода

мешавад. Тартиби баёни розигӣ вобаста гузаштани ҳуқуқро баррасӣ намуда, Новоселова Л.А. қайд мекунад, ки: «Розигӣ метавонад пешакӣ дода шавад, масалан, бо нишон додани чунин имконият ҳангоми бастани шартномаи ибтидоӣ ё бо роҳи санади алоҳида дода мешавад; ҳам бевосита ҳангоми бастани шартномаи гузаронидани ҳуқуқ ва ҳам баъди бастани чунин шартнома» [77, с. 68].

Муайян кардани навъи розигӣ аҳаммияти муҳими амалӣ дорад. Сарфи назар аз он, ки муқаррароти умумӣ дар бораи розигӣ намудҳои розигии додашударо мустақиман нишон намедиҳанд, дар маънои моддаҳои алоҳидаи КМ ҶТ розигии шахс (мақомот) метавонад пешакӣ ва баъдӣ бошад. Розигии қаблӣ ё минбаъда бо лаҳзаи додани розигӣ ба муомилот алоқаманд аст. Аз ин ҷо тақсимот аз намудҳои розигии додашуда бармеояд.

Лаҳзаи додани розигӣ ба аҳд дар таҳқиқоти назариявии ҳуқуқшиносони пеш аз инқилоби соли 1917 нишон дода шудааст. Ҳамин тавр, Мейер, Д.И. тавсифи розигии аҳде, ки аз шахси дар муомила иштирок накарда гирифта мешавад, қайд менамояд, ки «розигиро метавон пеш аз анҷоми амал ё баъд аз анҷоми амал баён кард [69, с. 157].

Воқеан, субъекте, ки амали ӯ розигиро талаб мекунад, метавонад ё пешакӣ барои иҷозат муроҷиат кунад ё пешниҳоди маъқул донистани амали алакай содиршударо пешниҳод кунад. Ҳамин тавр, розигиро бо ду роҳ амалӣ намудан мумкин аст: бо роҳи маъқул донистани иродаи баённашудаи иҷрои амал (розигии пешакӣ) ва маъқул донистан иродаи дар амал ифодаёфта (розигии минбаъда). Тарзу усулҳои баёнгардидаи розигӣ дар ҳар маврид ба якдигар мавофиқ нестанд. Ғайр аз ин, мушкилиии дигар дар он аст, ки дар қонун қоидаи умумие, ки пайдарпайи додани розигӣ ва амали мақулдониташвандаро мушаххас кунад, мавҷуд нест. Дар баъзе мавридҳо меъёрҳои махсусин масъалаҳоро танзим мекунанд, аммо ягон низомнокии ин раванд дар қонунгузорӣ ба назар намерасад.

Розигии пешакӣ ба аҳд аксар вақт барои гирифтани иҷозат ба аҳд аз мақомоти давлатӣ ё ҳокимияти маҳаллӣ муқаррар карда мешавад. Риояи тартиби танзимшавандаи гирифтани розигии пешаки ба аҳд хоси танзими

давлатӣ-ҳуқуқии муносибатҳо мебошад. Масалан, тибқи м. 25 Қонун ҶТ «Дар бораи ҳимои рақобат» 30 майи соли 2017 №1417: “Бо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ амалҳои зерин анҷом дода мешаванд:

- таъсис ва азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор;

- таъсис ва азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагидор, агар андозаи арзиши сармояи оинномавии онҳо аз панҷоҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад;

- муттаҳидшавии шахси ҳуқуқӣ ё ҳамроҳ шудани шахси ҳуқуқӣ ба дигар шахси ҳуқуқӣ, агар арзиши умумии тавозунии дороиҳои онҳо (дороиҳои гурӯҳи шахсони онҳо) мувофиқи тавозуни охирин аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад;

- таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳангоми пардохти сармояи оинномавии (шариконаи) он бо саҳмияҳо ва ҳиссаҳо ё молу мулки дигар шахси ҳуқуқӣ;

- ба даст овардани саҳмияҳо ва ҳиссаҳои дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии (шариконаи) субъектҳои хоҷагидор;

- барҳамдиҳӣ ва тақсимкунии (ҷудокунии) шахси ҳуқуқӣ, ки арзиши дороиҳояш аз бисту панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, агар ин боиси ташкил шудани шахси ҳуқуқие гардад, ки дар бозори мол мавқеи хукмфармоиро дорад.» [16].

Дар бештари ҳолатҳо ҳангоми муқаррар кардани гирифтани розигӣ, қонун лаҳзаи ифодаи иродаро муайян накардааст, аз ҷумла, аз ҷониби қарздор ба шахси дигар гузаронидани қарз танҳо бо розигии кредитор иҷозат дода мешавад, аммо тартиби гирифтани розигӣ барои интиқоли қарз аз ҷониби кредитор танзим карда нашудааст (м. 450 КМ ҶТ).

Розигии падару модар бошад, ҳангоми бастани аҳд аз ҷониби ноболиғон дар қонун пешбинӣ гардидааст, ки он метавонад ҳам пешакӣ ва ҳам минбаъда бошад (м. 29 КМ ҶТ). Инчунин муқарраротҳое низ ҷой доранд, ки уҳдадории гирифтани розигиро пеш аз бастани аҳд муқаррар мекунанд. Аз ҷумла, тибқи м. 667 КМ ҶТ: “Пардохткунандаи рента ҳуқуқ дорад молу мулки ғайриманқулеро, ки ба ӯ барои таъминоти якумра

супорида шудааст, танҳо дар сурати мавҷуд будани розигии гирандаи рента бегона кунад, ба гарав гузорад ё ба тарзи дигар истифода барад» [4]. Ҳамин тавр, қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати ягонаеро барои муайян намудани муносибати вақти байни розигӣ ва амали маъқулдонисташударо муайян накардааст.

Ҳангоми розигии минбаъда бояд аҳд, ки ба он розигӣ дода шудааст, нишон дода шавад. Меъёри умумии зикргардидаи Кодекси маданӣ имкон намедиҳад, муайян кунем, ки дар кадом ҳолат розигӣ бояд танҳо пешакӣ бошад ва дар он метавонад шакли маъмули донистани розигии минбаъда бошад. Ба ин муносибат ба меъёрҳои дигари қонуни маданӣ муроҷиат намудан зарур аст. Мутобиқи қ. 1 м. 188 КМ ҶТ: «Аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, агар чунин розигӣ тибқи қонун зарур бошад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки он беоқибат аст ё барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Он аз рӯйи даъвои шахсони мазкур ё шахсони дигари дар қонун зикршуда беэътибор донista мешавад» [4].

Дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд будани қоидаи эътирофи розигӣ аз ҷониби шахси сеюм боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ доштани аҳд мегардад. Чӣ тавре ки аллакай гуфта гузаштем, падару модар имконият доранд, ки ба таври хаттӣ аҳде, ки фарзанди ноболиғи онҳо бе розигии онҳо бастааст, маъқул донанд ва чунин аҳд боэътибор донista мешавад. Чунки дар чунин ҳолатҳо набудани розигии шахси сеюм ба анҷом додани аҳд оқибати беэътибори он мегардад.

Дар чунин мавридҳо розигии минбаъдаи аҳд аҳаммияти амалӣ низ дорад. Шахсе, ки дар анҷом додани аҳд бовиҷдонона муносибат кардааст ва аз мавҷуд будани розигӣ ё бояд чунин розигӣ гирифта мешуд, хабардор набошад, пас мавҷуд будани чунин қоида ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ӯро ҳифз менамояд, яъне шахси бовиҷдон амал карда, аз даъвои шахси сеюм, ки ӯ намедонист, ки бояд розигии он гирифта шавад, эмин мемонад,

агар чунин қоидаи аз ҷониби қонун гирифтани розигии минбаъдаи он аз ҷониби шахси сеюмро пешбинӣ шуда бошад.

Аз ин рӯ, гирифтани ҳам розигии пешакӣ ва ҳам розигии минбаъда барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии тарафҳои аҳд ва шахси сеюм равона карда шудааст.

Ҳам розигии пешакӣ ва хам минбаъдаи аҳд (тасдиқи аҳд) бояд маълумотеро дар бар гирад, ки вобаста ба он розигӣ дода мешавад. Ҳамин тавр, бояд муқаррар намудан зарур аст, ки ҳангоми розигии пешакӣ барои анҷом додани аҳд бояд мавзуи аҳд, ки барои он розигӣ дода мешавад, муайян карда шавад. Инчунин бояд муқаррар карда шавад, ки бо розигии (тасдиқи) минбаъда бояд аҳде, ки ба он розигӣ дода шудааст, нишон дода шавад.

Ба ғайр аз мавзуи аҳд, розигии пешакӣ барои анҷом додани аҳд метавонад дорои маълумоти дигар дар бораи аҳд бошад. Масалан, тибқи қ. 1 м. 610 КМ ҶТ: «Дар шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул бояд иттилое қайд шавад, ки имконият диҳад ба таври дақиқ молу мулки ғайриманқули ба харидор тибқи шартнома супоридашаванда муайян гардад. Аз ҷумла, иттилое, ки тарзи ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқулро дар қитъаи замини дахлдор ё дар таркиби дигар молу мулки ғайриманқулро муқаррар намояд. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин иттилоъ шартҳо оид ба молу мулки ғайриманқуле, ки бояд супорида шавад, аз тарафи ҷонибҳо ба мувофиқа расондашуда ҳисобида намешаванд ва шартномаи дахлдор басташуда эътироф намегардад» [4].

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки натиҷаи умумии ҳуқуқии бастани аҳд бе розигии зарурӣ беэътибор донистани он дониста шавад. Дар баробари ин, тибқи м. 182 КМ ҶТ: “Аҳди беэътибор, ба истисной оқибатҳое, ки бо беэътибории он алоқаманд аст, боиси оқибати ҳуқуқӣ намегардад ва аз лаҳзаи баста шуданаш беэътибор мебошад» [4].

Аммо дар ҳолатҳои истисноӣ қонуни маданӣ ба конвалидатсия, яъне «табобат» кардани аҳди беэътиборро имкон медиҳад. Аз нуқтаи назари қонунгузории амалкунанда ва назарияи ҳуқуқӣ, барои конвалидатсия

бевосита дар қонун нишон додан аз ҷониби шахси ваколатдор содир намудани амали дахлдор зарур аст. Ҳамин тариқ, агар аз қонун беэътибор будани аҳди маъқул донисташаванда барнаояд, розигӣ минбаъда аҳди беэътиборро «табобат» намуда, ба он қувваи пурра ва бечунучарои ҳуқуқӣ медиҳад. Ин аз он сабаб аст, ки мақоми ваколатдор бо тасдиқи аҳди қаблан басташуда ҳуқуқи эътироз ба он ба судро аз даст медиҳад. Ба ибораи дигар, агар иродаи амал, ки бо розигӣ пешакӣ муаян нашудааст, бо далели ифодаи он дар амал тасдиқ шуда бошад, пас барои эътирофи дурустии ин аҳд тамоми асосҳо ҷой дорад.

Дар ҳамин ҳол КМ ҶТ иҷозат медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳо аҳди маъқул донисташаванда беэътибор دониста мешавад ё барои тараф оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд наорад. Бинобар сабабе, ки дар қонун қоидаҳои беэътибор донистани он аҳдҳое, ки дар сурати набудани розиги беэътибор дониста мешаванд, пешбини нагардидааст, розигии минбаъда наметавонад ба аҳди бе розигӣ анҷомдодашуда эътибори ҳуқуқӣ диҳад. Изҳори розигӣ нисбат ба аҳди беэътибор оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад ва имкон намедиҳад, ки ба мақсадҳои барои розигӣ пешниҳодшуда ноил гардад. Бинобар ин, чунин ифодаи иҷозатдиҳандаи ирода бояд амали ғайриқонунӣ эътироф карда шавад. Ғайр аз ин, дар баъзе мавридҳо дар сурати набудани розигӣ қонун оқибатҳои ҳуқуқии ба беэътибор донистани аҳд вобастанабударо  пешбинӣ менамояд (масалан, тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ, набудани таъсири ҳуқуқии аҳд барои шахсе, ки розигӣ медиҳад).

Аз ин рӯ, қайд намудан зарур аст, ки розигии минбаъда танҳо дар сурате имконпазир аст, ки дар қонун оқибатҳои махсуси ҳуқуқии набудани розигӣ, ки ба беэътибор будани аҳд алоқаманд нестанд, муқаррар нагардида бошад ва аз қонун барнаояд, ки аҳде, ки ба он розигӣ дода нашудааст, беэътибор аст.

Ба андешаи мо, м. 172 КМ ҶТ бо чунин тағйирот пурра карда шавад: «Шахсе, ки ба гирифтани розигӣ манфиатдор аст, вазифадор аст онро пеш аз бастани аҳд (розигии пешакӣ) гирад. Гирифтани розигӣ ба аҳд баъд аз

содир намудани он (розигии минбаъда) иҷозат дода мешавад, агар дар қонун оқибатҳои мавҷуд набудани розигии зарурие, ки ба беэътибор донистани аҳд алоқаманд набуда муқаррар нанамояд, ва аз қонун барнаояд, ки аҳд то содир намудани он маъқул донистанашуда беэътибор дониста мешавад» [4].

Дар розигии пешакӣ барои содир намудани аҳд бояд мавзуи аҳде, ки ба он розигӣ дода мешавад, муайян карда шавад. Масалан, мутобиқи муқаррароти қ. 1 м. 801 КМ ҶТ: «Агар тараф вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба шартнома аз ҷониби дигар дар бораи тасмим ва донишҳои техникӣ иттилое ба даст оварда бошад, аз ҷумла иттилое, ки аз ҳифзи ҳуқуқӣ бархӯрдор нест, ё иттилое, ки метавонад чун сирри тиҷоратӣ арзёбӣ гардад, он ҳуқуқ надорад бе розигии тарафи дигар ба шахси сеюм иттилоъ диҳад» [4].

Аз сабаби он ки оқибатҳои аҳди ҳуқуқӣ бартарафшавандаанд, қонуни маданӣ қоидаи умумӣ оид ба мавридид баҳс қарор додани аҳдҳои бе розигии зарурӣ басташударо муқаррар намуда, дар аксари мавридҳо барои розигии минбаъда низ имкон медиҳад. Зеро ҳатто дар сурати рад кардани розигӣ, барои ба ҳолати аслии худ баргардонидани мавқеи тарафҳои аҳд, хатто бе таҳдиди поймол кардани манфиатҳои ягон субъекти ҳуқуқи маданӣ ҳамеша имконияти воқеӣ мавҷуд аст.

Амалҳои ҳуқуқие, ки мутобиқи модди 801 Кодекси маданӣ маъқул дониста мешавад (таҷдид ва интиқоли маълумот) аз ҷумлаи чунин амалҳое мебошанд, ки натиҷаи онҳо метавонад комилан барқарорнашаванда бошад.

Азнавтархрезие, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода мешавад, метавонад ба бехатарии бино таъсири манфӣ расонад ва боиси харобшавии он гардад. Оқибатҳои интиқоли маълумот ба шахсони сеюм бошад аксар вақт аз сабаби хусусияти ғайримоддӣ доштани иттилоот ислоҳ кардан ғайриимкон аст. Дар чунин мавридҳо розигӣ ё рад кардани пешниҳоди он наметавонад ба оқибатҳои аҳди содиргардида таъсир расонад. Азбаски

розигии минбаъда метавонад маънои худро гум кунад, қонуни маданӣ амали онро қонунӣ эътироф карда наметавонад.

Аммо, розигии минбаъда на танҳо бо ин сабабҳо қобили қабул нест. Мувофиқи қ. 2 м. 247 КМ ҶТ: “Ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн намудани иттилоот дар бораи ҳаёти хусусӣ бе розигии шахси воқеӣ иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун» [4]. Дар ин ҳолат тасдиқи минбаъдаи амалҳои номбаршуда бинобар аҳаммияти махсуси манфиатҳои бо розигӣ ҳифзшаванда ғайриимкон аст.

Дар шароите, ки шаҳрванд аз тасдиқи паҳн кардани маълумот дар бораи худ зид бошад, қонунгузории маданӣ набояд ба пайдоиши монеаҳои назариявӣ дар роҳи татбиқи ин ҳуқуқи шахсӣ роҳ диҳад. Имконияти розигии минбаъда дар ин маврид принсипи конуни маданиро, ки зарурати бемамониат татбиқ намудани ҳуқуқхои маданиро муқаррар менамояд, вайрон мекунад.

Дар таҷриба ва қоунгузорӣ масъалаи бекор кардани розигӣ пешакӣ пешбинӣ нагардидааст, ки ин боиси ба миён омадани баъзе мушкилотҳо мешавад. Аммо баъзе олимон ақида доранд, ки чунин амал имконпазир мебошад ва он аз ҷониби шахсе, ки додааст, метавонад анҷом дода шавад.

Аз ҷумла, қайд карда мешавад: «Нисбат ба ҳолатҳое, ки аз ҷониби шаҳрванд додани розигии баъдан бозхондашуда бо пардохти подош шарт нашуда бошад... умуман, ба саволи додашуда дар бораи қобилияти тағйир додани ақидаи шаҳрванд ... ҷавоби мусбат додан лозим аст.» [173, с. 37].

Ба ақидаи Агарков М.М., «Розигии пешакиро кредитор метавонад то бастани шартномаи карз аз ҷониби карздор бозпас гирад. Аммо онро бозпас гирифтан мумкин нест, агар кредитор аз рӯйи розигии муносибатҳои ҳуқуқие, ки ӯ бо қарздор вуҷуд дорад, вобаста бошад. Масалан, А. мувофиқи шартнома уҳдадор гардидааст, ки ба Б. микдори муайяни ҷав диҳад. Гузашта аз ин, худи шартнома пешбинӣ мекунад, ки А. метавонад уҳдадории таҳвили ҷавро ба дигар маҳсулотсупор супорад - С. В. бошанд аз шартнома вобаста буда, розигии худро бозпас гирифта наметавонад» [125, с. 234].

Агар розигии барои амали ҳуқуқӣ зарурӣ гирифта шуда бошад, вале содир намудани кирдор ба таъхир афтода бошад, пас бо гузашти вақт ва зери таъсири ҳолатҳои объективӣ розигӣ қаблан изҳоршуда метавонад бо манфиате, ки ҳимоя мекунад, мухолифат кунад. Мухолифатҳои ҷойдошта метавонанд ба тарафҳо дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мушкилотҳоро ба миён орад ва роҳи бартараф намудани чунин ихтилофотҳо бекор кардани онҳо мебошад.

Бо вуҷуди ин, тасаввур кардан мумкин аст, ки розигӣ бо пешниҳоди мутақобилаи молу мулк аз ҷониби тарафи дигар вобаста аст. Аз ҷумла, шартномае, ки тибқи он иҷорагир барои бастани шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ бо пардохти ҳаққи иловагӣ аз иҷорагир розӣ мешавад, бояд қонунӣ эътироф карда шавад. Истисно кардан мумкин нест, ки молсупор ба истифодаи ашёи барои нигаҳдошт додашуда, бо шарти аз ҷониби нигаҳдоранда пардохтани маблаги пулии мувофиқи созиши тарафҳо, иҷозат медиҳад (м. 997 КГ ҶТ). Чунин созишҳо ба ягон муқаррарот ва принсипҳои қонуни маданӣ мухолиф нестанд. Аз ин лиҳоз, манфиатҳои молумулкии тараферо, ки дар муносибатҳои шартномавӣ бо субъекти розигӣ дода қарор дорад, сарфи назар кардан мумкин ва ё бе ҳифзи ҳуқуқӣ мондан мумкин нест. Аз ин рӯ, розигии дар асоси қонунии музднок додашударо бозхонд карда намешавад.

Қоида дар бораи роҳ надодан ба бекор кардани розигии музднок дода шуда, ба чунин ифодаи иҷозатдиҳии ирода, ки ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии шаҳрвандонро таъмин мекунанд, татбиқ намегардад. Аз ҷумла, мутобиқи қ. 1 м. 250 КМ ҶТ: “Истифодаи тасвири шахси воқеӣ (аз ҷумла акси ӯ, асари санъати тасвирӣ, ки дар он шахс тасвир ёфтааст), ҳамчунин сабти видеоӣ, телевизионӣ ва ғайра танҳо бо розигии ӯ сурат гирифта метавонад.» [4]. Равшан аст, ки ин меъёри қонунгузорӣ ба он асос ёфтааст, ки ҳуқуқ ба симои худ ҳуқуқи мутлақи субъективии шахсии ғайримулмулкӣ буда, ҳифзи он нисбат ба ҳар кас имконпазир аст. Ҳар як шахс ҳақ дорад паҳн кардани тасвири худро манъ кунад ё розигӣ надиҳад [144, с. 34].

Мо чунин мешуморем, ки ҳуқуқи бозхонд намудани розигӣ бояд дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Ба КМ ҶТ муқаррарот бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Шахсе, ки розигӣ додааст, ҳуқуқ дорад дар ҳар вақт то содир намудани аҳд, онро бозхонд кунад, ба истиснои ҳолатҳои додани розигии музднок».

Воробева, Е.А. қайд менамояд, ки: «Масъалаи имконияти бекор кардани розигӣ бо масъалаи муайян кардани муҳлати эътибори он зич алоқаманд аст. Дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, ки ин муҳлат:

1) ё бо муҳлати эътибори шартнома маҳдуд аст, ки дар он розигӣ ҷузъи ҳосилшуда, шарти зарурии тақдири минбаъдаи шартномаи минбаъда мебошад (масалан, розигии иҷорадеҳ ба ичорагир бастани шартномаи иҷора дар давоми муҳлати шартномаи ибтидоии ичора эътибор дорад); 2) ё мустақилона аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешавад; 3) ё ба таври меъёрӣ муқаррар шудааст; 4) ё ба таври меъёрӣ муайян намегардад (розигии бемуҳлат)» [139, с. 114]. Тартиби маъқул донистани аҳди ҳуқуқиро таҳлил намуда, Болдирев В.А. қайд менамояд, ки: «...розигии молик то бекор кардани он эътиборнок дониста шавад. Аммо мазмуни розигӣ ба сифати аҳд метавонад вобаста ба мухлати эътибори он шарт дошта бошад, яъне мухлате, ки дар давоми он шартнома бояд баста шавад ва пас аз он розигӣ эътибор надорад» [134, с. 71].

Инчунин андешае низ ҷой дорад, ки тибқи он «агар бо ягон сабаб амале, ки ба он ризоят дода шудааст, анҷом наёбад, муҳлати оқилона на бештар аз як солро шуморидан мумкин аст, ки баъд аз он дар ҳолати зарурӣ розигӣ дубора гирифта мешавад» [207, с. 79].

Ба андешаи Касаткин, С.Н., маҳдуд кардани муҳлати эътибори розигӣ бештар ба талаботи муомилоти маданӣ мувофиқ аст. Ӯ қайд менамояд, ки: «Муқаррар намудани муҳлате, ки баъд аз он розигӣ эътибори худро гум мекунад, тамоми иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандиро, ки ба розигии зарурӣ вобастаанд ба низом медарорад. Аммо муқаррар намудани муҳлате, ки барои тамоми ҳолатҳои розигӣ як хела аст, бесос мебошад, зеро

хусусиятҳои навъҳои алоҳидаи розигӣ ба назар гирифта намешаванд.» [159; 160].

Тафовути аз ҳад зиёди муҳлатҳои эътибори розигӣ низ мувофиқ нест. Муқаррар намудани нишондиҳандаҳои гуногуни вақт барои гурӯҳҳои алоҳидаи розигӣ боиси зиёд шудани маводи меъёрӣ ва тафриқаи беасоси шакли ҳуқуқии розигӣ мегардад. Дар баробари ин, имкони муқаррар намудани муҳлати эътибор дар худи розигӣ дуруст ба назар мерасад. Дар акси ҳол, принсипи танзими диспозитивии маданӣ вайрон карда мешавад. Дар ин гуна шароит қоидаи умумии давомнокии розигӣ бояд чунин ифода карда шавад: розигӣ эътибори ҳуқуқии худро то бекор карда шудани он, то ба охир расидани муҳлати дар он нишондодашуда, то ба амал омадани тағйирёбии назаррас дар ҳолатҳое, ки дар он розигӣ дода шудааст, нигоҳ медорад.

Ба андешаи мо, ин муқаррарот бояд ба қонунгузорӣ дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Розигӣ то бекор кардани он, то ба охир расидани муҳлати дар розигӣ зикршуда ё то ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолатҳое, ки розигӣ дар онҳо дода шудааст, эътибор дорад».

Алоҳида қайд кардан зарур аст, ки қоида дар бораи муҳлати эътибори розигӣ, инчунин дигар талаботҳои меъёрӣ оид ба тартиби анҷом додани он на танҳо барои розигӣ ба аҳд, балки ба ҳама намуди изҳороти якҷонибаи иродаи ирода дахл доранд. Бинобар ин, дар таҳрири зерин ба КМ ҶТ илова намудани банди алоҳида зарур аст: «Қоидаҳои ҳамин модда нисбат ба амалҳои яктарафаи иҷозатдодашаванда, ки бо розигии аҳд алоқаманд нестанд, татбиқ карда мешаванд, агар ин хилофи моҳияти онҳо набошад».

Инчунин муайян намудани мазмуни розигӣ низ зарур аст. Қонунгузории маданӣ ин масъаларо танҳо дар робита ба розигии аҳд танзим мекунад. Қонунгузор мутаассифона муқаррар накардааст, ки розигии пешакӣ барои анҷом додани аҳд бояд мавзуи аҳдро, ки ба он розигӣ дода мешавад, муайян кунад. Бо розигии минбаъда бояд аҳде, ки ба он розигӣ дода шудааст, нишон дода шавад.

Таҳрири ниҳоии меъёрҳои КМ ҶТ нишон медиҳанд, ки қарор оид ба мундариҷаи розигӣ ба субъекти ваколатдори изҳори иҷозати ирода супорида шавад. Дар натиҷа аз иродаи шахси зикршуда озодие, ки дар доираи он тарафҳои аҳд шартҳои онро муайян карда метавонанд, вобаста аст: тамоми муқаррароти амали ҳуқуқиро пешакӣ муайян кардан мумкин аст ё, баръакс ба тарафҳо шартномаи ҳуқуқӣ имкон додани ваколатҳо барои муайян кардани шартҳои он бе маҳдудият муайян намоянд. «Розигии ғайримуқаррарӣ, гарчанде ки зоҳир гардид, дар асл изҳороти бепарвоии шахс нисбат ба амали аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти анҷомдодашаванда мебошад. Аммо онро метавон ҳамчун ифодаи эътимоди комил ба шахсе, ки ба ӯ розигӣ барои бастани аҳд дода мешавад, маънидод кард» [134, с. 67].

Аммо агар дар розигӣ шартҳои дигаре, ки дар қонун пешбинӣ нашудаанд, номбар шуда бошанд, пас онҳо инчунин шартҳои шартномаи мувофиқашуда эътироф гардида, ба мавзуи он дохил карда мешаванд [182, с. 17]. Аз ин рӯ, аҳд бояд ба ҳама талаботе, ки бо розигӣ ба ӯ гузошта шудааст, пурра мувофиқат кунад.

Мазмуни розигиеро, ки бо тасдиқи аҳди ҳуқуқӣ алоқаманд нест, қонун танзим намекунад. Баъд аз ҳама, амалҳое, ки бо розигии зарурӣ анҷом дода мешаванд, чунон гуногунанд, ки ягон хосиятҳои умумии муъқул донистани онҳоро муайян кардан имконнопазир аст. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ҳангоми розигӣ барои иҷрои амале, ки аҳд нест, бояд танҳо худи амали маъқулгардида нишон дода шавад. Шартҳои дигари чунин изҳори иҷозати ирода аз иродаи субъекти ваколатдори розигӣ вобаста аст.

Чун қоида муҳлати эътибори розигии додашуда барои анҷом додани амалиёт, ҳангоми додани розигӣ ба таври маъмурӣ дар бар мегирад. Чун қоида, муҳлати ниҳоии эътибори розигии додашуда як сол аст. Шояд ин муҳлат ба муҳлате вобаста бошад, ки барои аҳдҳое, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудааст, ҷудо карда шудааст. Ин изҳорот бештар ба он аҳдҳое

тааллуқ дорад, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудаанд, ки эътибор надоранд.

Мутобиқи қ. 1 м. 196 КМ ҶТ: «Суд метавонад аҳдеро, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар анҷом дода шудааст, инчунин аҳдеро, ки шахс бо сабаби шароити вазнин бо шартҳои бароящ тамоман бенафъ маҷбуран анҷом додааст ва тарафи дигар онро истифода намудааст (аҳди асоратовар), бо даъвои ҷабрдида беэътибор донад» [4]. Дар асоси муқаррароти КМ ҶТ муҳлати умумии даъво се сол пешбинӣ карда шудааст, ки ин муҳлат ба беэътибор донистани аҳде, ки бо роҳи фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар анҷом дода шудааст, инчунин аҳдеро, ки шахс бо сабаби шароити вазнин бо шартҳои бароящ тамоман бенафъ маҷбуран анҷом додааст ва тарафи дигар онро истифода намудааст (аҳди асоратовар) низ паҳн мегардад.

Масъалаи дигари норавшан, тартиби бозхонди розигии баъд аз анҷом додани розигӣ аст. Муқаррароти умумӣ оид ба розигӣ, ки дар қонунгузории маданӣ мавҷуд аст, чун қоида, чунин имкониятро дар бар намегирад. Ҳуқуқи бозхонди розигӣ ба аҳд яке аз принсипҳои ҳуқуқи маданиро амалӣ менамояд, ки тибқи қ. 2 м. 3 КМ ҶТ: “Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд» [4].

Бекор кардани розигии додашуда мумкин аст, агар чунин бекоркунӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони манфиатдорро вайрон накунад. Розигӣ метавонад барои як муддати муайян дода шавад. Ҳамин тавр, шахс ҳуқуқ дорад розигии додаи худро бекор кунад, аммо ин имконият танҳо дар як муддати муайян мумкин аст, дар акси ҳол бекор кардан ё бозхонд аҳамияти ҳуқуқии худро гум мекунад.

Бинобар ин, бозхонди розигӣ танҳо пеш аз анҷоми аҳд имконпазир аст, новобаста аз он ки розигӣ ба аҳд ҳам пеш аз анҷоми аҳд ва ҳам баъд аз он дода шудааст. Дар баробари ин, бозхонди розигӣ ҳамчун ифодаи ирода бояд то анҷоми аҳд аз ҷониби шахси манфиатдор ё тарафҳои аҳд дарк

карда шавад. Мутаносибан, бозхонди розигӣ, ки аз ҷониби тарафҳои аҳд баъди анҷоми он гирифта шудааст, ахамият ва эътибори ҳуқуқӣ надорад. Гирифтани бозхонди розигӣ ба аҳд дар лаҳзаи худи додани розигӣ ба аҳд, то анҷоми он ҳамчун бекоркунии пурраи розигӣ дониста мешавад.

Ҳамин тавр, розигӣ барои анҷом додани аҳд дар шакли розигии пешакӣ ва баъдӣ (тасдиқ) мавҷуд аст. Нишон додани ин ё он намуди розигиро бо қонун муайян кардан мумкин аст. Дар розигии пешакӣ бояд предмети аҳд, ки ба он розигӣ дода шудааст, нишон дода шавад. Бо дарназардошти он, ки розигӣ ифодаи яктарафаи ирода буда, бояд ба шахсони манфиатдор маълум бошад, мутаносибан, шахсони манфиатдор бояд дарк намоянд, ки ба чӣ гуна аҳд розигӣ гирифтаанд.

Шахсе ки розигӣ медиҳад, иродаи воқеии он бояд ба таври дахлдор ифода карда шавад ва дар он иттилоот дар бораи мавзуи аҳд ба таври возеҳу равшан нишон дода шавад, ки ягон шубҳае боқӣ намонад. Инчунин, дар мавзуи аҳд метавонад шартҳои дигари розигии пешакӣ пешбинӣ шаванд. Шахсе, ки розигии пешакӣ додааст, ҳуқуқ дорад ба таври илова шартҳоеро нишон диҳад, ки тибқи он ба анҷом додани аҳд розӣ аст. Риоя накардани ин шартҳо аз ҷониби тарафҳои аҳд ба шахси сеюм ҳуқуқ медиҳад, ки бинобар надоштани розигии мувофиқи моддаи мазкур аз аҳд эътироз намояд.

Дар розигии пешакӣ нишон додани предмети аҳд барои рафъи шубҳаи тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба предмети аҳд, ки дар шартнома (аҳд) зикр шудааст, зарур аст. Ҳангоми розигии минбаъдаи барои анҷом додани нишон додани маҳз аҳд муҳим аст. Бинобар сабабе, ки аҳд аллакай пеш аз маъқул донистани он анҷом дода шудааст, барои тасдиқи он бо ҳар роҳе, ки имконпазир бошад, муайян намудани масалан рақам, санаи шартнома, мавзуъ, нарх ва ғайра зарур аст, зеро розигӣ дар ин маврид ба аҳде дода мешавад, ки аллакай анҷом дода шудааст.

Таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва доктриналӣ оид ба шакл, мундариҷа, давомнокии розигӣ ва муносибати муваққатии он бо амали маъқулдонисташаванда имкон медиҳад ба хулосае омад, ки тартиби додани

розигиро қонунгузории ҷории Тоҷикистон ба таври пароканда танзим мекунад. Ба розигӣ танҳо дар ҳолате шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он барои маъқул донистани аҳди ҳуқуқӣ таъмин намояд. Аммо дар чунин ҳолат ҳам, бештари масъалаҳои марбут ба тартиби додани розигиро танҳо тавассути тафсири мунтазами меъёрҳои қонунгузории маданӣ ҳал кардан мумкин аст.

Шахсе, ки ба гирифтани розигӣ манфиатдор аст, вазифадор аст онро пеш аз бастани аҳд (розигии пешакӣ) гирад ва розигӣ ба аҳд баъд аз содир намудани он (розигии минбаъда) низ иҷозат дода мешавад, агар дар қонун оқибатҳои мавҷуд набудани розигии зарурие, ки ба беэътибор донистани аҳд алоқаманд набуда муқаррар нанамояд.

Ҳамин тавр, розигӣ барои бастани аҳд маъмултарин ва муҳимтарини ифодаи иҷозаи ирода мебошад. Аҳамияти чунин розигӣ ба мавқеи махсуси амали тасдиқшуда дар механизми танзими ҳуқуқи маданӣ вобаста аст. Розигӣ ба бастани аҳд дар чунин ҳолатҳо иштироки шахси сеюмро дар ҷараёни ташаккули иродаи бастани аҳди ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

## 3.2. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-мадании амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд

Розигӣ як амали иловагӣ барои қонунӣ эътироф гардидани амалҳо ва аҳдҳо дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ мебошад. Ин хусусият яке аз аломатҳои мухимтарини он мебошад. Ба ибораи дигар, розигӣ ҳамеша ҳамчун унсури таркиби ҳуқуқӣ амал мекунад ва танҳо дар якҷоягӣ бо дигар амалҳои ҳуқуқӣ самараи ҳуқуқӣ медиҳад. Дар алоқамандӣ ба ин муносибат қайд карда мешавад, ки: «Оқибатҳои надодани розигӣ ба назар мерасанд. Агар розигӣ дода нашавад, он гоҳ ягон ҳолати ҳуқуқие, ки ба сохтори ҳуқуқӣ дохил мешавад, ҷой надорад ва бинобар ин оқибатҳои ҳуқуқии дахлдор, ки одатан дар пайдоиш, тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқи ифода ёфтаанд, ба вуҷуд омада наметавонанд» [184, с. 51-52]. Мисол, бо ҳалномаи суди шаҳри Ваҳдат аз 22 сентябри соли 2020 даъвои

Соҳибназаров Т.М. ва Соҳибназарова С.С. рад карда шуда, дар ин радиф даъвои муқобили даъвои Қаландаров Т.И., Неъматов А.Р., Азимова Л.М., Садулллоева Н.М. ва Шокирова Н.И. қонеъ карда шуда, қарори Раиси шаҳри Ваҳдат аз 29 феврали соли 2019, №467 ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз 11 июни соли 2019, №3571 додашудаи КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и шаҳри Ваҳдат беэътибор дониста шудаанд [226].

Омӯзиши маводи парвандаи маданӣ собит сохт, ки дар асоси қарори раиси шаҳри Ваҳдат аз 29 феврали соли 2019, №467 ба даъвогар Соҳибназаров Т.М. қитъаи замин бо масоҳати 150 м$^2$ барои сохтмони бинои дуошёнаи манзили истиқоматӣ ва мағоза, аз ҳисоби заминҳои ғайрикишоварзии ҳудуди шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати шаҳраки Н.Розиқ, кӯчаи Зайнаббибӣ бо ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат вобаста шудааст. Дар асоси қарори мазкур аз тарафи КДФ «Бақайдгирии молу мулки манқул» дар шаҳри Ваҳдат ба даъвогар Соҳибназаров Т.М. рӯзи 11 июни соли 2019 таҳти №3571 шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дода шудааст.

Тибқи муқарароти моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 2 КЗ ҶТ замин моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Мутобиқи муқаррароти моддаи 22 КЗ ҶТ, қитаҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дода мешаванд. Аз хулосаи экспертизаи судӣ-заминсозии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 августи соли 2020 бармеояд, ки қитъаи замини бо масоҳати 150 м$^2$ воқеъ дар назди бинои истиқоматии № 15 кӯчаи Зайнаббибии Ҷамоати шаҳраки Н.Розиқи шаҳри Ваҳдат мутобиқи харитаи баҳисобгирии давлатӣ дар тарҳи №184 ҳамчун замини истифодаи умумӣ ба ҳисоб меравад.

Суди марҳилаи якум муайян намудааст, ки қитъаи замине, ки ба даъвогар Соҳибназаров Т.М. дар асоси қарори Раиси шаҳри Ваҳдат аз 21 феврали соли 2019 бо масоҳати 150 м$^2$ вобаста карда шудааст, қитъаи

замини истифодаи умумӣ буда, он дар истифодаи умумии сокинони бинои истиқоматии №15 кӯчаи Зайнаббибии Ҷамоати шаҳраки Н.Розиқи шаҳри Ваҳдат қарор дорад. Ин ҳолат бо хулосаи экспертизаи судӣ-заминсозии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 августи соли 2020, дар ҳалнома асонок карда шудааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 77(6) КЗ ҶТ заминҳои истифодаи умумӣ аз заминҳои роҳҳо, роҳравҳо, боғҳои истироҳатӣ, гулгаштҳо, майдонҳо, заминҳои таъиноти маданию маишӣ, қабристонҳо ва дигар заминҳои истифодаи умумӣ иборат мебошанд.

Ҳамин тариқ суди марҳилаи якум муайян намудааст, ки Раиси шаҳри Ваҳдат дар асоси қарор аз 29 феврали соли 2019, №467 қитъаи заминро бо масоҳати 150 м$^2$ барои сохтмони бинои дуошёнаи манзили истиқоматӣ ва мағоза, аз ҳисоби заминҳои истифодаи умумии сокинони бинои истиқоматии дуошёнаи №15 кӯчаи Зайнаббибии Ҷамоати шаҳраки Н.Розиқи шаҳри Ваҳдат, бо ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат ба даъвогар Соҳибназаров Т.М. вобаста намудааст, ки дар натиҷа ҳуқуқ ва манфиатҳои сокинони бинои мазкур халалдор гаштаанд. Зеро ин қитъаи замин аз тарафи сокинони бинои истиқоматии зикршуда мавриди истифодаи умум қарор гирифта, инчунин зимни ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо розигии сокинони бинои мазкур гирифта нашудааст.

Дар воқеъ, дар ҳолатҳое, ки розигии зарурӣ мавҷуд нест, таркиби дахлдори ҳуқуқӣ нопурра боқӣ мемонад. Ин вазъият ба механизми танзими ҳуқуқи маданӣ ба таври манфӣ таъсир мерасонад. Ин ҷо дар назар дошта мешавад, ки оқибатҳои ҳуқуқие, ки одатан ҳангоми содир кардани амали розигиро талабкунанда ба вуҷуд меоянд ё умуман ба вуҷуд намеояд ва ё дар ягон мавқеи «боздошташуда», номуайян қарор мегиранд. Ҳатто қайд мегардад, ки набудани розигӣ боиси эътирофи номутобиқатии амалҳои содиршуда ба қонун мебошад [184, с. 51-52].

Аз ҷониби дигар, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар аксари мавридҳо барои таъмини барқарорсозии самараноки ҳуқуқҳои поймолшуда пешбинӣ шудааст. Аз тарафи дигар, ҷавобгарии маданӣ дар аксари мавридҳо барои

таъмини барқарорсозии самараноки ҳуқуқҳои поймолшуда пешбинӣ шудааст. Оқибатҳои номатлуби моликиятро, албатта, ба манфиати эътимоднокии муомилоти бозорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни он пешгирӣ ва бартараф кардан лозим аст [94, с. 117].

Масалан, бо ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода аз 16 июли соли 2024 даъвои ҶДММ «Диёри Сабз» қонеъ карда шуда, монеаи Лочинова М., Шукуров Н., Нурова Т.С., Худоярова И. ва Ибрагимов И. ҷиҳати анҷом додани корҳои сохтмонии бинои баландошёнаи воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи М.Турсунзода бартараф карда шудааст. Лочинова М. сокини манзили истиқоматии №98, Шукурова М. сокини манзили истиқоматии №100, Худоярова И. сокини манзили истиқоматии №104, Ибрагимов И. сокини манзили истиқоматии №106 ва Нурова Т.С. сокини манзили истиқоматии №102(А) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи М.Турсунзода дар давоми як моҳ пас аз эътибори қонуни пайдо намудани ҳалнома, шартномаи ҷуброни бартарафсозии манзилҳои истиқоматиро дар доираи қонун ба расмият дароранд.

Ҷуброни зарари бартарафкунии манзилҳои истиқоматии ҷавобгарон бо мақсади бартарафсозӣ бо шарти минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи моликият ба манзилҳои истиқоматӣ дар биноҳои навбунёдшаванда муқаррар карда шудааст.

Лочинова М. бо аҳли аҳли оилааш аз манзили истиқоматии №98 воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзодаи шаҳри Турсунзода бо додани ду манзили истиқоматӣ аз ошёнаи чорум бо масоаҳати 90 м$^2$ ҳар кадомаш, аз бинои навбунёдшаванда бо назардошти то 30$^2$ масоҳати зидёатӣ, Шукуров Н. бо аъзои оилааш аз манзили истиқоматии №100 воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзодаи шаҳри Турсунзода бо додани ду манзили истиқоматӣ аз ошёнаи чорум бо масоҳати 60 м$^2$ ҳар кадомаш, аз бинои навбунёдшаванда бо назардошти то 30 м$^2$ масоҳати зиёдатӣ, Нурова Т. бо аъзои оилааш аз манзили истиқоматии №102(А) воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзодаи шаҳри Турсунзода бо додани се манзили истиқоматӣ аз ошёнаи сеюм бо масоҳати 60, 65 ва 90 м$^2$ аз бинои навбунёдшаванда бо назардошти то 30 м$^2$ масоҳати

зиёдатӣ, Худоярова И. бо аъзои оилааш аз манзили истиқоматии №104 воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзодаи шаҳри Турсунзода бо додани ду манзили истиқоматӣ аз ошёнаи сеюм бо масоҳати 50 м$^2$ ҳар кадомаш, аз бинои навбунёдшаванда бо назардошти то 30 м$^2$ масоҳати зиёдатӣ ва Ибрагимов И. бо аъзои оилааш аз манзили истиқоматии №106 воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзодаи шаҳри Турсунзода бо додани се манзили истиқоматӣ аз ошёнаи чорум бо масоҳати 90 м$^2$ ҳар кадомаш, аз бинои навбунёдшаванда бо назардошти то 30 м$^2$ масоҳати зиёдатӣ кӯчонида шуданд.

Ҷуброни иҷораи манзили муваққатӣ барои истиқоматӣ ҷавобгарон то ба итмом расидани сохтмони биноҳои баландошёнаи сохташаванда барои ҳар як моҳ дар ҳаҷми то 2000 сомонӣ аз ҳисоби даъвогар муқаррар карда шудааст.

Лочинова М., Шукуров Н., Нурова Т.С., Худоярова И., Ибрагимов И. ва намояндаи ваколатдор Яқубов Б.А. бо ҳалномаи суди марҳилаи якум розӣ нашуда, дар шикояти кассатсионӣ ваҷҳ оварданд, ки суди марҳилаи якум ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдоштаро нодуруст муайян карда, бо вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ баҳс намудааст, ки дар натиҷа розигии онҳо оид ба аҳди пешниҳодшуда гирифта нашуда, ҳуқуқҳои манзилии онҳо халалдор карда шудаанд. Аз ин рӯ, хоҳиш кардаанд, ки ҳалнома бекор ва ба баррасии нави судӣ ирсол карда шавад.

Коллегияи судӣ маводи парвандаи маданиро якҷоя бо ваҷҳҳои шикояти кассатсионӣ омӯхта, ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода аз 16 июли соли 2024 бо парвандаи маданӣ бо даъвои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Диёри Сабз» ба ҷавобгарии Лочинова Малика, Шукуров Нурмаҳмат, Худоярова Илизира, Ибрагимов Исматулло ва Нурова Тошбиби Сайдуллоевна оид ба бартараф намудани монеагӣ, кӯчонидан аз манзилҳои истиқоматӣ бо додани хонаҳои истиқоматӣ ва таъмин кардани иҷорапулиро бо асосҳои зерин бекор кардани онро зарур шуморидааст.

Аз маводи парванда бармеояд, ки бо қарори раиси шаҳри Турсунзода аз 21 ноябри соли 2023, №1851 ҶДММ «Диёри сабз» барои лоиҳакашӣ ва

сохтмони биноҳои истиқоматии бисёрошёна бо ҷойгир намудани марказҳои савдо дар таҳхона, ошёнаи якум ва дуюм, майдончаи бозии кӯдакон ва ҷойи истироҳати калонсолон, таваққуфгоҳи нақлиётӣ, дар заминаи манзилҳои истиқоматии якошёна ва ду ошёна воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи М.Турсунзода бо масоҳати умумии 4300 м.м. иҷозат дода шудааст.

Тибқи банди дуюми қарори мазкур ҷамъият бояд баҳри ҳифзи ҳуқуқи соҳибмулкон ва таъмини адолати иҷтимоӣ, ҷуброни зарари бартарафкунии манзилҳои истиқоматӣ, инчунин розигии соҳибмулкони манзилҳоро оид ба таъмини онҳо бо манзилҳои истиқоматии муваққатӣ, ҷуброн ва шартномаҳоро бо соҳибмулкон бо мақсади бартарафсозӣ бо шарти минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи моликият ба манзилҳои истиқоматӣ дар биноҳои навбунёдшаванда, тариқи нотариалӣ барасмият дарорад.

Мувофиқи банди сеюми қарори зикршуда, ҷамъият ба корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ иншоот, танҳо баъд аз иҷрои банди 2 қарори раиси шаҳри Турсунзода №1851 аз 21 ноябри соли 2023, бояд шуруъ намояд. Даъвогар даъворо бо он асоснок намудааст, ки ҷавобгарон аз холӣ намудани манзилҳои истиқоматиашон саркашӣ намуда, барои бастани шартнома розӣ нашудаанд.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 22 Конститутсия ва қ. 1 м. 2 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Ҳамзамон мувофиқи муқаррароти моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Мувофиқи қисми 2 моддаи 2 Кодекси манзил бошад ҳеҷ кас аз манзилаш бароварда намешавад ва аз ҳуқуқи истифодабарии манзил маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Ҳуқуқи соҳибмулкии ҷавобгарон ба манзилҳои истиқоматии болозикр бебаҳс буда, бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи дар қабати парвандаи маданӣ мавҷудбуда исбот ёфтаанд.

Аз қисми асосноккунии ҳалнома коллегияии судӣ муқаррар кард, ки суди марҳилаи якум ҳангоми ҳалли баҳс меъёрҳои Кодекси граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 ва Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997-ро ба роҳбарӣ гирифта, татбиқ намудааст.

Ҳол он ки Кодекси гражданиии мазкур бо КМ ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918, Кодекси манзил бошад аз 1 сентябри соли 2022 бо Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, №1852 аз эътибор соқит дониста шудаанд. Мувофиқи моддаи 1351 КМ ҶТ ҳамин Кодекс аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст.

Аммо суди марҳилаи якум ба он ҳолат, ки қарори раиси шаҳри Турсунзода №1851 рӯзи 21 ноябри соли 2023 қабул шуда муносибатҳои ҳуқуқии баҳснок байни тарафҳо пас аз қабул шудани қарори мазкур пайдо шудаанд, баҳои дурусти ҳуқуқи надода, меъёрҳои кодексҳои аз эътибор соқит донисташударо нодуруст татбиқ ва маънидод намудааст.

Коллегияи судӣ ба хулоса омад, ки суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаи маданӣ талаботи моддаи 4 Кодекси маданӣ ва моддаи 76 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба амали қонунҳои маданӣ вобаста ба вақтро инчунин, банди 4 тавзеҳоти дастурии қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 26 декабри соли 2023 “Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқ намудани Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд» сарфи назар намуда, дар қисми асосноккунии ҳалнома меъёрҳои қонунеро татбиқ намудааст, ки набояд татбиқ гарданд.

Аз маводи парванда бармеояд, ки байни ҷамъият ва ҷавобгарон оид ба арзиши манзилҳои бартарафшаванда баҳс вуҷуд дорад ва розигии соҳибмулкон гирифта нашудааст.

Ҳамзамон тибқи м. 22 Кодекси манзил дар сурати барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ мутобиқи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани қитъаи замин, ки дар он манзили истиқоматӣ ҷойгир аст, арзиши манзили истиқоматии молик бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

Суди марҳилаи якум барои муайян намудани арзиши манзили истиқоматии бартарафшаванда экспертизаи муҳандисӣ гузаронидан, онро ба ҶДММ «Амалиёт ва ташхисҳои амволҳои ғайриманқул» вогузор намудааст.

Ҳангоми муайян намудани нархи манзилҳои истиқоматии ҷавобгарон суди марҳилаи якум дар асоси хулосаи ҶДММ «Амалиёт ва ташхисҳои амволҳои ғайриманқул»-ро ба роҳбарӣ гирифта, хулосабарори намудааст.

Тибқи талаботи м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» фаъолияти муассисаҳои экспертизаи давлатии судиро оид ба ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ҳамин Қонун ва қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд.

Суди марҳилаи якум зимни таъин намудани экспертиза талаботи қонуни болозикр ва моддаҳои 82, 83, 86 ва 87 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардааст, ки ин ҳолат аз ҷоиз набудани хулосаи ҶДММ «Амалиёт ва ташхисҳои амволҳои ғайриманқул» шаҳодат медиҳад.

Мувофиқи қ. 2 м. 13 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд мустақилият, беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро анҷом медиҳад, ба шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшонро фаҳмонида, оид ба оқибатҳои содир кардан ё накардани амалҳои мурофиавӣ онҳоро огоҳ месозад, ба онҳо дар татбиқи ҳуқуқҳояшон мусоидат намуда, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо ва муқаррар намудани он чораҳо меандешад.

Суди марҳилаи якум хулосаҳои худро танҳо ба ваҷҳҳои даъвогар асоснок намуда, ҳолатҳои пешниҳоднамудаи ҷавобгаронро мавриди

баҳодиҳи қарор надодааст ва ба арзиши бозории манзилҳои истиқоматиашон баҳои ҳуқуқӣ надода, бармаҳал хулосаронӣ намудааст.

Ба ғайр аз ин, суди марҳилаи якум даъворо дар хусуси кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ қонеъ намуда, ҷавобгаронро бо аҳли оилаашон кӯчонида, хилофи моддаҳои 150-153 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои болиғи оилаи ҷавобгаронро муайян накарда, онҳоро ба сифати ҳамҷавобгарон ҷалб накарда, оид ба кӯчонидани онҳо қарор қабул накардааст.

Ба ғайр аз ин, суди марҳилаи якум дар марҳилаи қабул намудаи аризаи даъвогӣ хилофи моддаҳои 5, 134-135 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян накардааст, ки кадом ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҶДММ «Диёри Сабз» вайрон ё халалдор гардидаанд. Ҳол он ки дар аризаи даъвогӣ моҳияти вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии даъвогар ё таҳдид ба он аз чӣ иборатанд ва талаботи даъвогар инчунин, ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок месозад ва далелҳое, ки ин ҳолатҳоро тасдиқ мекунанд аз ҷониби даъвогар бояд дар карда шаванд.

Ба ғайр аз ин, суд бархилофи талаботи қ. 3 м. 198 ҳамин Кодекс аз доираи талаботи даъвогар баромада, ҷавобгаронро уҳдадор намудааст, ки дар давоми як моҳ пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалнома, шартномаи ҷуброни бартарафсозии манзилҳои истиқоматиро дар доираи қонун ба расмият дароранд. Ҳол он ки чунин талабот аз ҷониби даъвогар пешниҳод нашудааст.

Суди марҳилаи якум зимни қабул ва таҳия намудани ҳалнома меъёрҳои моддаҳои 198-203 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастрас намудааст, аммо дар қабати парвандаи маданӣ қисми хулосавии эълоншудаи ҳалнома мавҷуд нест. Ҳол он ки мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 203 Кодекси мазкур дар қисми хулосавии ҳалнома судя бояд имзо гузорад ва он бояд ба парванда замима гардад.

Тибқи тавзеҳоти дастурии банди 15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 июни соли 2010 «Дар бораи ҳалномаи

судӣ» қабул кардани ҳалномае, ки иҷроиши он аз фаро расидан ё нарасидани ягон шарти муайян вобастагӣ дорад, мумкин нест.

Аз қисми хулосавии ҳалнома бармеояд, ки суди марҳилаи якум ҳалномаро бо шартҳои гуногун ба истилоҳҳои «то 30 $м^2$ ва то 2000 сомонӣ» қабул намудааст. Чунин тасвияи қисми хулосавии ҳалнома роҳ дода намешавад.

Коллегияи судӣ маводи парвандаи маданӣ ва протоколи маҷлиси судиро омӯхта, ба хулоса омадааст, ки суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии парванда ҳолатҳои воқеии парвандаро пурра муайян ва баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, бахри ба даст овардани далелҳои дахлдор, саҳеҳ, ҷоиз ва басанда ба тарафҳо шароит фароҳам наоварда, меъёрҳои қонунҳои моддӣ ва мурофиавиро дуруст муайян ва татбиқ накардааст, ки ин ҳолат боиси қабули ҳалномаи хилофи қонун ва беасос гардидааст.

Бо асосҳои болозикр, коллегияи судӣ ба хулоса омад, ки суди марҳилаи якум дар асоси моддаи 13 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ва истифодаи дурусти қонунҳо ҳангоми ҳалли парвандаи мазкур, амалҳои дахлдори мурофиавӣ наандешида, ҳалномаи беасос ва хилофи моддаи 200 Кодекси мазкур қабул намудааст.

Ҳамин тариқ, коллегияи судӣ чунин хулосарониҳои суди марҳилаи якумро хилофи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ҳисоб намудааст, зеро он бо нодуруст муайян кардани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, исбот нагардидани ҳолатҳои муайяннамудаи суди марҳилаи якум, ки барои парванда дорои аҳаммият мебошанд, номутобиқатии хулосаи суди марҳилаи якум вобаста ба ҳолатҳои парванда, ки дар ҳалнома дарҷ гардидаанд ва вайрон кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул шуда, мутобиқи қисми 1 моддаи 351 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани ҳалнома бо тартиби кассатсионӣ мебошад.

Ҳамин тавр, тамоми қудрати танзимкунандаи ҳуқуқи маданӣ маҳз ба бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқӣ ва воқеии санадҳои ба қонун

мувофиқат намекунад, нигаронида шудааст. Бинобар ин, дар сурати бе розигии зарурии содир намудани кирдори барои қонун аҳаммияти муҳим дошта, оқибатҳои ҳуқуқӣ ба амал меоянд, ки дар навбати якум, ба барқарор намудани вазъияте, ки то содир шудани амали норизоӣ вуҷуд дошт ва дуюм, ба ҳифзи манфиате, ки бо розигӣ таъмин карда мешавад, нигаронида шудааст. Мисол, бо ҳалномаи суди ноҳияи Файзобод аз 1 июли соли 2024 даъвои Шафоати О.Н. қонеъ карда шуда, қарори раиси ноҳияи Файзобод №173 аз 16 майи соли 2024 оид ба бекор намудани қарори раиси ноҳияи Файзобод №940 аз 15 октябри соли 2019, бекор карда шудааст [225].

Прокурори иштирокчии парванда бо ҳалномаи мазкур розӣ нашуда, нисбат ба он эътирози кассатсионӣ пешниҳод карда, аз коллегияи судӣ хоҳиш намудааст, ки бинобар он ки ҳалнома бо вайрон кардан ва татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ қабул шудааст, бекор карда шуда, парванда ба баррасии нави судӣ ирсол карда шавад. Даъвогар ва намояндаҳои ӯ дар норозигиҳои хаттӣ хоҳиш намудаанд, ки эътирози кассатсионии прокурор беқаноат ва ҳалномаи суди марҳилаи якум бетағйир мононда шавад.

Аз омӯзиши маводи парвандаи маданӣ тасдиқ гашт, ки тибқи қарори раиси ноҳияи Файзобод №940 аз 15 октябри соли 2019, майдони 0,0750 га қитъаи замини хоҷагии деҳқонии «Кӯҳдоман»-и Ҷамоати деҳоти Чашмасори ноҳияи Файзобод ба фонди манзили ноҳия гузаронида шудааст. Инчунин, мувофиқи банди 2 қарори мазкур ба даъвогар Шафоати О.Н. барои сохтмони бинои дуошёна аз ҳисоби занминҳои фонди манзили Ҷамоати деҳоти Чашмасор бо масоҳати 0,075 га қитъаи замин бо ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлат вобаста шудааст. Ғайр аз ин, тасдиқ гашт, ки КДФ Бақайдгирии молу мулки манқул дар ноҳияи Файзобод рӯзи 23 октябри соли 2019 ба даъвогар оид ба манзили истиқоматии сохтамешуда ва истифодаи бемуҳлати қитъаи замини болозикр шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №1694 додааст.

Суди марҳилаи якум муайян кардааст, ки қитъаи замине, ки ба даъвогар ҷудо шуда, дар асоси қарори раиси ноҳия вобаста шуда он дар

асосӣ пешниҳоди Кумитаи замин, санади тартибдодаи комиссияи ноҳиявӣ оид ба тақсим намудани замин ва хулосаҳои дахлдорӣ мақомотҳои давлатӣ ба тавсиб расидааст. Аз маводи парванда бармеояд, ки қитъаи замини ба даъвогар ҷудошуда дар ҳудуди заминҳои ғайрикишоварзии хоҷагии деҳқонии «Кӯҳдоман» вобаста шудааст. Илова бар ин, бо қарори раиси ноҳияи Файзобод №173 аз 16 майи соли 2024, қарори болозикршудаи қарори раиси ноҳияи Файзобод №940 аз 15 октябри соли 2019 дар бораи додани қитъаи замин барои сохтмони мағоза ва манзили истиқоматӣ ба даъвогар дар асоси эътирози Прокуратура, пешниҳоди Кумитаи идораи замин ва маълумотномаи бахши сохтмон ва меъмории ноҳияи Файзобод бекор карда шудааст.

Моддаи 37 КЗ ҶТ асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро пешбинӣ намудааст. Аз омӯзиши аризаи даъвогӣ, протоколи маҷлиси судӣ ва далелҳои хаттии қабати парвандаи маданӣ муайян гардид, ки суди марҳилаи якум хулосарониҳои худро вобаста ба қонеъ намудани талаботи даъво ва бекор намудани қарори раиси ноҳияи Файзобод аз 16 майи соли 2024, №173 бо далелҳои дар рафти муҳокимаи судӣ таҳқиқгашта, дуруст ва асоснок кардааст. Зеро асосҳои ҳуқуқие, ки тибқи м. 37 Кодекси мазкур барои қатъ намудани ҳуқуқи истифодабарии замини даъвогар пешибинӣ шуда бошанд,  мавҷуд нестанд. Ғайр аз ин, тибқи м. 39 КЗ ҶТ маҷбурӣ қатъ гардидани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо асосҳои дар моддаи 37 Кодекси макур пешбинишуда танҳо дар асоси қарори суд амалӣ карда мешавад.

Вале новобаста аз он ки қитъаи замин ба даъвогар дар асоси қарори раиси ноҳия №940 аз 15 октябри соли 2019 ва розигии аъзоёни хоҷагии деҳқонии «Кӯҳдоман»-и деҳаи Чашмасор, ки бо протокол аз 5 октябри соли 2019 тасдиқ шудааст, дода шуда бошад ҳам, дар асоси қарори дигари раиси ноҳияи Файзобод №173 аз 16 майи соли 2024 бекор карда шуда, ҳуқуқи истифодабарии замини даъвогар қатъ карда шудааст.

Ҳамин тавр, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омадааст, ки ҳангоми бекор намудани

қарор оид ба истифодаи замини даъвогар ҳуқуқҳои конститутсионии даъвогар оид ба ҳуқуқи истифодаи замин аз ҷониби раиси ноҳияи Файзобод халалдор гаштаанд. Зеро, раиси ноҳияи Файзобод ҳангоми бекор кардани қарори қаблии худ, меъёру талаботҳои моддаҳои 6, 15, 22, 45 ва 50 Кодекси расмиёти мамурӣ ва моддаи 39 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарфи назар намуда, санади маъмуриро хилофи қонун ва розигии аъзои хоҷагӣ қабул намудааст.

Ҳамзамон амалҳое, ки розигиро талаб мекунанд, бениҳоят гуногунанд ва натиҷае, ки онҳо ба вуҷуд меоранд, дар ҳама ҳолат бартараф карда намешаванд. Бинобар ин, оқибатҳои пешбининамудаи қонун бидуни розигӣ зарурӣ содир намудани амали ҳуқуқӣ самти умумии барқарорсозии ҳуқуқӣ доранд, аммо аз ҷиҳати таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо аз ҷиҳати аз ҳама бештар фарқ мекунанд. Оқибатҳои асосӣ, ки вобаста ба содир намудани амали ҳуқуқӣ бе розигии зарури татбиқ мешаванд инҳо мебошанд:

1. **Қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ.** Аксар вақт ягона роҳи ҳифзи ҳуқуқҳои мадании субъекти поквиҷдон ин қатъ кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки асоси ҳуқуқии розигӣ мебошад. Ин оқибати ҳуқуқӣ дар ҳолатҳое муқаррар карда мешавад, ки розигӣ манфиатҳои яке аз тарафҳои ӯҳдадории иловагиро таъмин намояд. Мутобиқи қ. 1 м. 424 КМ ҶТ замонат бо қатъи уҳдадорие, ки ҷиҳати таъмини иҷрои он равона шудааст, инчунин дар ҳолати бе розигии зомин тағйир ёфтани ин уҳдадорӣ, ки боиси афзудани ҷавобгарӣ ё дигар оқибатҳои номусоид ба зомин мегарданд, қатъ меёбад. Дар ҳолати номбаршуда татбиқи чунин натиҷаи ҳуқуқӣ, ба монанди қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ натиҷаи вобастагии байни уҳдадориҳои асосӣ ва иловагӣ мебошад. Зеро уҳдадории иловагӣ мавҷудият ва таъсирбахшии он бо мавҷудият ва самарабахшии ӯҳдадории асосӣ ба таври возеҳ вобаста аст [186, с. 176].

Бинобар ин, дар ҳолатҳое, ки уҳдадории асосӣ дар алоҳидагӣ аз уҳдадории иловагӣ тағйир меёбад, муносибатҳои мавҷудаи байни онҳо вайрон карда мешаванд. Ҳамзамон уҳдадориҳои иловагӣ нисбат ба

уҳдадории асосӣ (масалан, қарз) хусусияти ёрирасон ва хизматӣ доранд [131, с. 93].

Азбаски уҳдадории иловагӣ аз уҳдадории асосӣ ҷудо буда наметавонад, вайрон кардани муносибатҳои мавҷудаи байни онҳо муносибатҳои ҳуқуқии иловагиро қатъ мекунад. Ин оқибати ҳуқуқӣ ҳатто ба иродаи тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста нест.

**2. Тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқӣ.** Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд мегардад, ки устувории муносибатҳои ҷамъиятии бо конун танзимшаванда муҳимтарин арзиши иҷтимоӣ мебошанд. Барои давлат муносибатҳои алакай бавуҷудомадаро маҳдуд кардан номатлуб аст, ҳатто агар онҳо бо баъзе қонуншиканиҳо ба вуҷуд омада бошанд ҳам [50, с. 114]. Аз ин рӯ, дар баъзе мавридҳо қонуни маданӣ таъсири ҳуқуқии кирдори бе розигии заруриро бекор намекунад, балки ба субъект барои ҳифз намудани манфиатҳояш имконият медиҳад, барои ин ба ӯ ваколатҳои иловагӣ медиҳад. Аксар вақт ба шахси ваколатдор ҳуқуқ дода мешавад, ки шартномаро яктарафа қатъ кунад.

Ҳамин тавр, тибқи қ. 1. м. 772 КМ ҶТ ройгондиҳанда ҳуқуқ дорад пеш аз муҳлат бекор намудани шартномаро талаб намояд, агар бе розигии ройгондиҳанда онро ба шахси сеюм ашёро супорида бошад.

Аммо субъекте, ки тибқи қонун барои додани розигӣ ваколатдоршуда мумкин аст, ҳуқуқҳое, дошта бошад, ки бо пеш аз муҳлат қатъ кардани шартнома алоқаманд намебошанд. Масалан, тибқи қ. 3. м. 691 КМ ҶТ арзиши беҳтарсозиҳои ҷудонашавандаи молу мулк, ки аз тарафи иҷорагир бе розигии иҷорадеҳ анҷом дода шудаанд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҷуброн карда намешавад. Бинобар ин иҷорадеҳ ҳақ дорад ба иҷорагир арзиши беҳбудии ҷудонашавандаи амволи ба иҷора гирифташударо бе розигии иҷорадеҳ напардозад. Яъне иҷорагир ҳақ дорад, ки хароҷоти беҳтарсозиҳои ҷудонашавандаи молу мулкро танҳо дар сурате талаб намояд, ки агар иҷорадеҳ барои харидани он хоҳиши худро баён карда бошад. «Барои беҳтарсозиҳои ҷудонашавандаи молу

мулк розигии иҷорадеҳ ивазкунандае иродаи хоҳиши харид мебошад» [183, с. 226].

**3. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарар.** Ҷуброни зарар усули универсалии ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншудаи маданӣ мебошад. Зарурати муроҷиат намудан ба ин восита ҳангоми паҳншавии васеи ҳуқуқҳои маданӣ, аз ҷумла, агар зарар дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадорӣ аз ҷониби кредитор ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳое, ки аз шартномаи басташуда бармеоянд, ба миён меояд [185, с. 116]. Мақсади институти ҷуброни зарар ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни бозор бо роҳи барқарор намудани вазъи молумулкии онҳо мебошад, ки агар иштирокчиёни он вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо ба таври бояду шояд иҷро мекарданд, чунин мебуд. Ғайр аз ин, уҳдадории ҷуброни зарари расонидашуда тадбири муҳими пешгирии умумӣ буда, иҷрои қатъии уҳдадориҳои қабулшударо аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муомилоти молу мулк ҳавасманд мегардонад [94, с. 118].

Анҷом додани баъзе амалҳои маданӣ бе розигии зарурӣ тартиби муқаррар намудаи қонунро баҳри ба вуҷуд омадан ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқиро вайрон мекунад ва бинобар ин ғайриқонунӣ мебошад. Дар ҳолатҳое, ки дар қонунгузорӣ барои набудани розигӣ муҷозоти мушаххасмуқаррар нагардидааст, барои истифода бурдани усули универсалии ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ — ҷуброни зарар, тамоми асосҳо мавҷуданд. Ин чора дар ҳолатҳое аҳаммияти бештар пайдо мекунад, ки розигӣ дар раванди таҳияи муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ татбиқ шавад. Масалан, азнавтаҷҳизонидани бинои истиқоматие, ки дар он биноҳои истиқоматии ба иҷора гирифташуда ҷойгиранд, агар чунин азнавтаҷҳизонидан шароити истифодаи биноҳои истиқоматиро ба таври назаррас тағйир диҳад, бе розигии иҷорагир иҷозат дода намешавад. Равшан аст, ки агар чунин азнавтаҷҳизонидан бе иҷозати иҷорагир ба амал ояд, ӯ ҳақ дорад ҷуброн и харочоти худро бо ба мавқеи аввала овардани бинои истиқоматӣ талаб намояд.

**4. Набудани оқибатҳои ҳуқуқии амал.** Агарков М.М. масъалаи розигии кредиторро оид ба додани қарз муҳокима намуда, қайд кардааст, ки «... қонун ду ҳолатро фарк мекунад: якум, интиқоли худи қарз, ки аз тарафи қарздор сурат мегирад (бо розигии қарзгиранда) ва дуюм розигии кредитор. Ҳамин тавр, розигии кредитор танҳо шарти зарурии эътибори интиқоли қарз мебошад, аммо на унсури шартномае, ки ин таъсири ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад» [125, с. 233].

Ба ақидаи Рожкова М.А. «изҳороти розигӣ... факти ҳуқуқии ҳатмӣ мебошад, ки барои таркиби ҳуқуқӣ зарур аст. То гирифтани он, дар ҳолатҳое, ки розигӣ ҳатмӣ эътироф шудааст, ҳама амалҳои андешидашуда ҳамчун амале ҳисобида мешаванд, ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ намегарданд» [203, с. 141]. Аксар вақт натиҷаи бевоситаи амале, ки розигиро талаб мекунад, танҳо мазмуни ҳуқуқӣ дорад. Аз ин рӯ, оқибати содир кардани амал бе розигии зарурӣ, мавҷуд набудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мебошад. Масалан, мутобиқи қ. 2 м. 1068 КМ ҶТ: «Шахси суғурташуда, ки дар шартномаи суғуртаи шахсӣ зикр шудааст, аз ҷониби суғурташаванда танҳо бо розигии худи шахси суғурташуда ва суғуртакунанда ба шахси дигар иваз карда шуданаш мумкин аст». Мутобиқи қ 1 м. 1270 КМ ҶТ: «Васиятгузор метавонад иҷрои васиятномаро ба шахси дар васиятнома зикргардида, ки меросгир намебошад, супорад (иҷрокунандаи васиятнома). Розигии ин шахс барои иҷрокунандаи васиятнома будан бояд бо дасти худаш дар худи васиятнома ё аризае, ки ба васиятнома замима шудааст ё аризае, ки дар давоми як моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос ба нотариус дода шудааст, сабт шуда бошад». Ҳангоми набудани розигии зарурии шахсони дахлдор, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси суғурташуда ва иҷрокунандаи васиятномаро надоранд.

**5. Беэътибор донистани аҳд.** Агар гирифтани розигӣ дар бастани аҳд ҳатмӣ бошад, пас оқибати набудани чунин розигӣ сабаби беэътибории аҳд мегардад. Инчунин, бастани аҳд бе розигӣ он вақте имконпазир мебошад, агар он дар қонун пешбинӣ шуда бошад.

Дар замони шуравӣ танҳо аҳдҳое баста мешуданд, ки онҳо бо ноболиғон вобаста буда, дар қонун пешбинӣ шудаанд ва ин масъалаҳо дар

адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешуд. Халфина Р.О. қайд менамояд, ки: «...шартномаҳое, ки ноболиғон бе розигии намояндагони қонунии онҳо бастаанд ва санади ихтиёрдории музди меҳнат ё намуди дигари даромади меҳнатии ноболиғ намебошанд, эътибор надоранд» [112, с. 216]. Новитский И.Б. чунин қайд менамояд, ки: «Агар ноболиғи ба синни 14-солагӣ расида,... бе розигии намояндаи қонунӣ аҳд банданд, ин маънои аҳди нотамомро дорад. Аҳд то ҳалли масъала дар бораи он, ки оё унсури ҳуқуқии нокифоя (розигии намояндаи ҳуқуқӣ) иҷро мешавад ё не нотамом боқӣ мемонад» [75, с. 37].

Рабинович Н.В. мавқеи олимони номбурдаро равшан намуда, қайд намуд, ки талаби розигии намояндаи қонуниро бо қоидаи тағйирнашаванда, ки риоя накардани он боиси беэътибории аҳд мегардад, мустаҳкам намудан зарур аст. Ҳатто ҳангоми даъво суд на ҳамеша вазифадор аст, ки даъвоҳоро аз руйи асоси расмӣ, ки намояндаи қонунӣ дар аҳд иштирок накардааст, бекор кунад, чунки ингуна аҳдҳо мавриди назар бояд баҳснокдониста шаванд, на беоқибат, зеро нуқсони онҳоро дар ҳар вакт бо розигии намоянда бартараф кардан мумкин аст [85, с. 100].

Қонунгузории ҷории маданӣ идеяи баҳснок будани аҳдҳоро, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудаанд, дастгирӣ мекунад. Беэътибор донистани аҳдҳои муайян дар сурати набудани розигӣ бо якчанд моддаҳои КМ ҶТ муқаррар карда мешавад. Масалан, муқаррароти м. 187. «Беэътибории аҳде, ки ноболиғи то чордаҳсола анҷом додааст», м. 192. «Беэътибории аҳде, ки ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола анҷом додааст», м. 193. «Беэътибории аҳде, ки шахси воқеии қобилияти амалкуниаш аз ҷониби суд маҳдудгардида анҷом додааст».

Тибқи қ. 5. м. 1047 КМ ҶТ: «Шартномаи суғуртаи шахсӣ ба манфиати шахсе, ки суғурта нашудааст, аз ҷумла ба манфиати шахсе, ки суғурташудаи суғурташаванда намебошад, метавонад танҳо бо розигии хаттии шахси суғурташуда баста шавад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин розигӣ шартнома тибқи даъвои шахси суғурташуда ва дар сурати вафоти

чунин шахс тибқи даъвои меросгирони он мумкин аст беэътибор лониста шавад».

Дар ин маврид, қ. м. 189 КМ ҶТ аҳаммияти бештар дорад. Дар он дарҷ гардида, ки: «Аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, агар чунин розигӣ тибқи қонун зарур бошад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки он беоқибат аст ё барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Он аз рӯйи даъвои шахсони мазкур ё шахсони дигари дар қонун зикршуда беэътибор дониста мешавад».

Аммо ин муқаррароти Кодекси мадани дар бораи оқибатҳои бастани аҳд бе розигии зарурӣ дар сурати мавҷуд набудани изҳори иҷозаи ирода татбиқ намегардад: «Розигӣ ба аҳд бояд тибқи қонун талаб карда шавад. Бинобар ин, ин қоида набояд дар ҳолатҳое татбиқ карда шавад, ки зарурати гирифтани розигӣ на аз қонун, балки масалан, аз шартнома бармеояд...» [143, с. 67].

Бояд қайд намуд, ки баҳснок будани аҳд аз беоқибатии он ва дигар оқибатҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ ба таври назаррас тафовут дорад. Дар ин мавридҳо аз муқаррароти м. 186 КМ ҶТ фаҳмида намешавад, ки қонун дар кадом ҳолатҳо аҳдро беоқибат бояд донист ва дар кадом ҳолатҳо баҳснок дониста шавад.

Меъёрҳое, ки қоидаҳои асосҳои баҳснок буданро муқаррар мекунанд, асосан вазифаи ҳуқуқи хусусиро амалӣ мегардонанд, зеро онҳо ба ташаббуси хусусӣ вобаста буда, ба ҷабрдидагони мушаххас ё доираи муайяни тарафҳои манфиатдор нигаронида шудаанд [142; 177, с. 131].

Гутников, О.В. қайд менамояд, ки: “Асоси беэътибор донистани чунин аҳдҳо мавҷуд набудани розигии қонунан зарурии шахсони сеюм, ки дар аҳд иштирок намекунанд, мебошад. Дар ин маврид иродаи аз ҷиҳати ҳуқуқи ахамиятдоштаи шахси сеюм, ки тарафи аҳд намебошад ё шахсе, ки бевосита аҳдро анҷом медиҳад, аммо розигии ӯ барои эътибории аҳд муҳим аст, вайрон карда мешавад» [45, с. 453-454]. Бинбар ин, таҳрири нави Кодекси

маданӣ ҳуқуқро бевосита эътироф мекунад, ки аҳдҳои дахлдорро баррасӣ кунанд. Аз ин рӯ, дар таҳрири нави КМ ҶТ ҳуқуқи мавриди баҳс қарор додани аҳдҳои дахлдорро барои шахсе, ки розигӣ ӯ ба аҳд гирифта нашудааст, бевосита эътироф мекунад. Ҳамин тариқ, муқаррароти қонунгузории маданӣ, ки зарурати гирифтани розигиро пешбинӣ менамояд, пеш аз ҳама, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъекти тибқи қонун ба баёни иҷозати ирода ваколатдоршударо таъмин менамояд.

Муругина, В.В. қайд намудааст, ки: «фактҳои беоқибат як намуди ҳолатҳои нуқсондори ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки боиси вайрон кардани манфиатҳои оммавӣ (давлатӣ) ё ҷамъиятӣ мегарданд,... фактҳои беоқибат як намуди фактҳои ҳуқуқӣ нуқсондор мебошанд, ки боиси вайрон кардани манфиатҳои шахсии шахсони воқеӣ мегарданд , ки тасдиқи ҳатмӣ беэътибор будани онҳо аз рӯи қонун бо талаби доираи муқараргардидаи маҳдуди шахсон талаб карда мешавад» [201, с. 10].

Қоидаҳои ҳуқуқ имкон намедиҳанд, ки аҳде, ки ба манфиатҳои тамоми ҷомеа дахл дорад, ҳатто қабл аз тафтиш ва арзёбии мазмунаш аз ҷониби мақоми ваколатдор эътибори пурраи ҳуқуқӣ пайдо кунад. Дар айни замон аҳди баҳснок маҳз бо он тавсиф мешавад, ки вай дар муқоиса аз аҳди беоқибат боиси окибати ҳуқуқии матлуб мегардад, маҳз барои бекор кардани ин оқибати ҳуқуқӣ эътироз ба аҳд нигаронида шудааст [166, с. 10].

Чунин тафсири м. 189 КМ ҶТ ба тамоюлҳои охирини рушди қонунгузории маданӣ комилан мувофиқ аст. Воқеан, мутобиқи қ. 2 м. 183 КМ ҶТ: «Аҳде, ки талаботи қонунгузориро вайрон карда, ҳамзамон ба манфиатҳои оммавӣ ё ба ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони сеюм суиқасд мекунад, беоқибат мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки чунин аҳд баҳснок мебошад ё бояд оқибатҳои дигари вайронкунӣ, ки бо беэътибории аҳд вобаста нестанд, татбиқ карда мешаванд.»

Истиснои дуюми қоидаи умумии баҳсталабии аҳдҳои бе розигии зарури басташуда аз он иборат аст, ки дар баъзе мавридхо қонун метавонад дар

назар дошта бошад, ки чунин аҳд барои шахси ваколатдори додани розигӣ дар сурати набудани чунин розигӣ боиси окибатхои ҳуқуқӣ намегардад.

Аз худи қонун бармеояд, ки чунин аҳд беоқибат аст ё барои шахсе, ки барои додани розигӣ ваколатдор аст, оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеорад, дар ҳоле ки Кодекси маданӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба хулосае оем, ки танҳо чунин аҳдҳои тасдиқнашуда мумкин аст баҳснок дониста шаванд, ки агар дар сурати мавҷуд будани розигии зарурӣ барои субъекте, ки ин изҳори иҷозаи иродаро кардааст, оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеоранд. Ба ибораи дигар, меъёрҳои Кодекси маданӣ дар бораи баҳснокии аҳдҳо дар ҳолатҳое татбиқ карда намешаванд, ки амали маъқул донисташаванда на танҳо ба манфиатҳои субъекти дорои ҳуқуқи изҳори розигӣ таъсир мерасонад, балки инчунин барои ӯ оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр хулоса кардан мумкин аст, ки қ. 1 м. 189 КМ ҶТ оқибатҳои анҷом додани аҳдро бе розигии зарурӣ бо имкони таъсири ҳуқуқии чунин аҳд барои шахсе алоқаманд менамояд, ки барои додани розигӣ ваколатдор аст. Аз ин рӯ, ду мисоли ифодаи иҷозаи иродаро бояд қайд намуд.

Мутобиқи қ. 2 м. 400 КМ ҶТ: «Гаравдеҳ танҳо бо розигии гаравгир ҳуқуқ дорад молу мулки ба гарав гузошташударо бегона кунад, онро ба иҷора ё истифодаи ройгон ба шахси дигар диҳад, ё онро бо тарзи дигар ихтиёрдорӣ намояд, агар аз қонун, шартнома ё моҳияти гарав тартиби дигар барнаояд. Созишномае, ки ҳуқуқи гаравдеҳро барои васият намудани молу мулки ба гарав гузошташуда маҳдуд месозад, беоқибат аст».

Аз ин рӯ, шартномаи гарави мазкур метавонад бо дархости гаравгир ҳамчун аҳди беэътибор эътироф карда шавад, ҳангоми набудани чунин розигӣ» [143, с. 68]. Муаллифони дигар қайд мекунанд: «... аз худи қонун бармеояд, ки аҳд беоқибат аст ё ин гуна аҳд барои шахси ваколатдор, ки додани розигӣ боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, дар сурати набудани чунин розигӣ» [43, с. 87].

Ҳимояи ҳуқуқҳои мадани субъекте, ки барои розигӣ додан ба аҳд, ки барои худ оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меорад, ваколатдор шудааст, ба

таври куллӣ дигар таъмин карда мешавад. Дар натиҷаи бастани шартнома дар бораи бегона кардани молу мулки муассисаи худмухтор тибки қоида дар бораи розигии зарури окибатхои ҳуқуқӣ, аз чумла барои соҳиби давлатӣ ба миён меоянд. Дарвоқеъ, дар ин ҳолат моликияти муассисба молу мулке, ки предмети аҳд мебошад, қатъ мегардад.

Дар ин ҳолат моликияти муассис ба молу мулке, ки предмети аҳд мебошад, қатъ мегардад. Дар ҳамин ҳол, қ. 1 м. 189 КМ ҶТ ба соҳибмулки оммавӣ ҳуқуқ намедиҳад, ки аҳдро баҳснок ё беоқибат эълон кунад. Қонун ба ин шахси мкон медиҳад, ки молу мулки худро аз моликияти ғайриқонунии бадастоваранда баргардонад ва дар бораи мавҷуд набудани оқибатҳои ҳуқуқии шартнома изҳор намояд. Ба ибораи дигар, ҳифзи ҳуқуқи субъекти ваколатдор тавассути эътирози махсус оид ба мавҷуд набудани оқибатҳои ҳуқуқии аҳди бе розигии зарурӣ басташуда таъмин карда мешавад.

Дар чунин ҳолатҳо қонун чунин эҳтимолиятро ба роҳбарӣ мегирад, ки манфиати субъект ба имконияти созиш оид ба аҳд бо оқибатҳои ҳуқуқие, ки дар натиҷаи ин аҳд барои ӯ ба миён омада метавонанд, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, воситаи ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи маданӣ на ба эътирози худи аҳд, балки барои бартараф намудани оқибатҳои он барои як шахси мушаххас нигаронида шудааст. Дар назди субъекти ба розигӣ ваколатдор аҳди тасдиқнашуда дар шакли ягон факти ҳуқуқуии ноком пайдо мешавад, ки аз лаҳзаи бастани он барои чунин шахс ягон оқибатҳои ҳуқуқӣ ба миён намеояд.

Дар мисоли бегона кардани молу мулки муассисаи худмухтор бе розигии сохибмулк ба даст овардани ашёи гирифташуда метавонад аз муқаррарот дар бораи «Ҷавобгарии фурӯшанда ҳангоми аз харидор гирифтани мол» (м. 530 КМ ҶТ), «Тағйир додан ва бекор кардани шартнома ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ҳолат» (м. 517 КМ ҶТ ) ва ғайра.

Бо муқаррар намудани чунин натиҷаи ҳуқуқии бе розигӣ анҷом додани муомила, ба монанди набудани фақти ҳуқуқӣ барои шахси сеюм, қонунгузории маданӣ дар асл назарияи беэътибории нисбии аҳдҳоро, ки ба

Кодекси мадании Олмон маълум аст, таҷдид мекунад. Ҳамин тавр, мувофиқи моддаи §135 Кодекси мадании Олмон, агар ихтиёрдории ин ё он ашё манъи дар қонун муқараргардидаи бегонакунии онро, ки маънои ҳифзи манфиатҳои шахсони алоҳидаро дорад, вайрон кунад, пас чунин қарор танҳо нисбат ба ин шахсон эътибор надорад. Тибқи § 136 Кодекси мадании Олмон манъи бегонакуние, ки аз ҷониби суд ё мақомоти маъмурӣ дар доираи салоҳияти худ муқаррар шудааст, ба манъи қонунӣ баробар аст [114, с. 16].

Дар тафовут аз аҳдҳои беэътибор ва беоқибат, аҳдҳои нисбатан беэътибор аз ибтидо эътибори комил доранд. Ин аҳдҳо дар натиҷаи аз ҷониби шахси муайян шикоят кардан ба онҳо беэътибор намегарданд, зеро даъво на ба муқобили аҳд, балки танҳо ба натиҷаи он нигаронида шудааст [140, с. 225].

Мисолҳои оқибатҳои ҳуқуқӣ, ки ҳангоми анҷом додани аҳд бе розигии зарурӣ ба амал меоянд ва ба беэътиборӣ алоқаманд нестанд (қатъ ё тағир додани муносибатҳои ҳуқуқӣ, набудани оқибатҳои ҳуқуқӣ) қайд гардидаанд. Бинобар ин, ба қисми дигари меъёри конунгузорй диккат додан зарур аст, ки он ба тарафҳо имкон медиҳад, ки дар мавридҳои пешбининамудаи қонун оқибатҳои бе розигй бастани аҳдро мустакилона муайян кунанд.

Дар меъёрҳои КМ ҶТ усули ҳуқуқӣ-хусусиро ошкор намудан мумкин аст, ки барои додани ҳуқуқ ва худтанзимкунӣ имкон медиҳад. «Хусусияти он муносибатҳое, ки бояд дар доираи ҳуқуқи хусусӣ танзим карда шаванд, вазъи ҳуқуқии субъектҳо мебошад, яъне: субъектҳо аз ҷиҳати ҳуқуқ баробар, озод дар интихоби рафтори мушаххас ва аз ҷиҳати молиявӣ мустақил мебошанд. Аз ин ҷо, хусусияти усули танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо ошкор мегардад: васеъ истифода бурдани имкониятҳои худтанзимкунӣ...» [168, с. 8].

Мо чунин мешуморем, ки дар ҳолатҳое, ки қонун ба тарафҳо имкон медиҳад, ки оқибатҳои бастани аҳдро бе розигӣ мустақилона муайян кунанд, дар шартнома метавонад чораҳо, аз қабили пардохти ҷарима,

инчунин қатъ ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқии вайроншудаи маданӣ (масалан, бо додани ҳуқуқи ба зарардида пеш аз муҳлат қатъ намудани шартнома) пешбинӣ шавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло қ. 1 м. 189 КМ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, агар чунин розигӣ тибқи қонун зарур бошад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки он беоқибат аст ё барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Он аз рӯйи даъвои шахсони мазкур ё шахсони дигари дар қонун зикршуда, беэътибор дониста мешавад».

Аҳде, ки бе розигӣ анҷом дода шудааст, барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад, агар анҷом додани чунин аҳд фаро расидани ин оқибатҳоро пешбинӣ кунад.

Мундариҷаи қ. 2 ва 3 м. 189 КМ ҶТ ба татбиқи принсипи бовиҷдонӣ дар раванди мавриди баҳс қарор додани аҳдҳои бе розигии зарурӣ нигаронида шудааст. Бовиҷдонӣ «маҳсул ва инъикоси принсипи ҳуқуқии баробарии расмӣ ва мутаносибӣ дар муносибатҳои мубодилавӣ буда, иштироки зарурии субъекти муоширати ҳуқуқиро дар ташаккул ва нигоҳдории муносибатҳо ва принсипҳои ҳуқуқӣ инъикос менамояд» [149, с. 96-97].

Васеъ кардани доираи татбиқи принсипи таъиншуда яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти қонунгузории мадании Тоҷикистон мебошад. Мутобиқи қ. 3 м. 3 КМ ҶТ: «Ҳангоми муқаррар, амалӣ ва ҳимоя намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои маданӣ иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бояд бовиҷдонона амал кунанд».

Тибқи қ 2. м. 189 КМ ҶТ: «Аҳди баҳсноке, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, беэътибор дониста мешавад, агар исбот шавад, ки тарафи дигари аҳд дар вақти анҷом додани он дар хусуси

набудани розигии зарурии чунин шахс медонист ё мебоист донад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ».

Қоидаи шабеҳ дар м. 35 КО ҶТ муқаррар карда шудааст, ки тартиби баҳс кардани аҳдҳои марбут ба ихтиёрдории молу мулки зану шавҳарро танзим мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки: «Ин қоида зарурати таъмини устувории муомилоти маданиро ба миён овард. Дар байни манфиатҳои шахсони сеюми бовиҷдон, ки бо яке аз ҳамсарон аҳд мебанданд ва манфиати зани дуюм, ки бевосита дар аҳд иштирок намекунад, як навъ рақобат ба амал меояд».

Ба андешаи мо, тарафи аҳд бовиҷдон эътироф мегардад , агар он барои гирифтани маълумоти боэътимод дар бораи мавҷудияти розигӣ чораҳои оқилона наандешидааст. Бовиҷдонии субъект бояд ҳатто дар ҳолате, ки агар ӯ аз шахсе, ки мувофиқи қонун барои изҳори иҷозати ирода ваколатдор шудааст, тасдиқи розигиро талаб карда бошад дар назар дошта шавад. Агар ба чунин дархост ҷавоб дода нашавад, он гох тарафе, ки тасдиқи  розигиро талаб мекунад, набояд хавфи беэътибор донистани аҳд бо даъвои шахси ваколатдорро ба зимма гирад. Барои тасдиқи розигӣ бо тарафи дигар тамосгирифтан кофӣ нест, зеро барои анҷом додани аҳд контрагент метавонад маълумоти бардурӯғ пешниҳод кунад. Ҳамзамон бояд эътироф кард, ки нусхаи аслии розигии дар шакли хаттӣ тартибдодашуда, новобаста аз он ки ин ҳуҷҷатро кӣ пешниҳод кардааст, маъқул дониста шудани аҳдро исбот менамояд.

Ҳолатҳои қайдгардидаро ба инобат гирифта қ. 2 м. 189 КМ ҶТ чунин таҳрир намудан зарур аст: «Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аҳди баҳснок метавонад бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, беэътибор дониста мешавад, агар исбот шавад, ки тарафи дигари аҳд дар вақти анҷом додани он дар хусуси набудани розигии зарурии чунин шахс медонист ё мебоист донад. Дар назар дошта мешавад, ки тараф набояд аз набудани розигӣ огоҳ бошад, агар он аз

шахсе, ки тибқи қонун ваколати додани розигиии якҷониба аст, тасдиқи розигиро талаб мекард».

Дар қ. 3 м. 189 КМ ҶТ аз ҷумла муқаррар мегардад, ки: «Шахсе, ки розигии зарурии бо қонун пешбинишударо барои анҷоми аҳди баҳснок додааст, наметавонад онро бо асосҳое, ки дар лаҳзаи изҳори розигӣ медонист ё мебоист донад, мавриди баҳс қарор диҳад».

Ин муқаррарот дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки шартҳои аҳд дар ҳама гуна қисм аз фаҳмиши оқилонаи аҳди субъекти барои додани розигӣ ваколатдор тафовут мекунад. Ба чунин шахсҳуқуқ дода мешавад аз аҳде, ки ба он розигӣ додааast, танҳо дар сурате даъво намояд, ки дар лаҳзаи додани чунин розигӣ иттилоот дар бораи шартҳои аҳдро ба даст оварда натавонистааст ё аз ҷониби тарафҳо ба иштибоҳ роҳ дода шуда бошад. Асосҳои рад кардан мумкин аст ба мазмун ё таркиби предмети аҳди маъқулдонисташаванда таалуқ дошта бошад.

Қисми 3 м. 189 КМ ҶТ татбиқ намегардад, агар аҳд бо шартҳои хилофи розигӣ баста шуда бошад. Дар ин маврид аҳд бояд бе розигии зарури анҷомёфта ҳисоб карда шавад. Бинобар ин, қ. 3 м. 189 КМ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Шахсе, ки розигии зарурии бо қонун пешбинишударо барои анҷоми аҳди баҳснок додааст, наметавонад онро бо асосҳое, ки дар лаҳзаи изҳори розигӣ медонист ё мебоист донад, мавриди баҳс қарор диҳад. Чунин шахс бояд исбот кунад, ки бо сабабҳои узрнок дар бораи шартҳои аҳд маълумоти зарурӣ гирифта натавонист ва ё аз ҷониби тарафҳои он ба гумроҳӣ афтодааст».

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки оқибатҳои бе розигии зарурӣ содир намудани кирдорҳои ҳуқуқӣ ниҳоят гуногун мебошанд. Дар баробари ин, қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳуқуқии танҳо амалиёти маъқулдонисташударо танзим мекунад. Аммо натиҷаи мушаххаси содир намудани амали ҳуқуқӣ бе розигӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас аз шумораи зиёди омилҳо вобаста аст, ки манфиати бо розигӣ ҳифзшаванда, бовиҷдонии тарафҳо, эҳтимолияти оқибатҳои ҳуқуқӣ барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад ва ва ғайра, аз ҷумлаанд.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин хулсабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Асоснок карда шудааст, ки таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва доктриналӣ оид ба шакл, мундариҷа, давомнокии розигӣ ва муносибати муваққатии он бо амали маъқул донисташаванда нишон медиҳад, ки тартиби додани розигӣ дар қонунгузории маданӣ ба таври бояду шояд ва пароканда танзим гардидааст. Ба розигӣ танҳо дар ҳолате шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он маъқул донистани аҳд ё амали аҳаммияти ҳуқуқидоштаро таъмин намояд **[1–М]; [2–М].**

«Розигӣ» - ин ифодаи иродаи субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, амали ихтиёрӣ ё беамалии аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ва мақоми он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, иштироки мустақили мақомоти давлатии он дар муносибатҳои маданӣ, инчунин ширкат варзидани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар чунин раванд мебошад, ки дар маъқул донистани аҳд ва дигар амалҳои ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ ифода мегардад. Розигии субъектони муносибатҳои маданӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ба монанди дар зоҳир намудани амали яктарафа аз ҷониби субъектон, санадҳои корпоративии қабулшуда (масалан, қарори маҷлиси ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дорои масъулияти маҳдуд), санади маъмурие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти алоҳида ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар минтақаи муайян зоҳир гардад. Пешниҳод мегардад, ки новобаста аз истифодаи «розигӣ» ҳамчун изҳори иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дорои оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, дар ҳамаи соҳаҳои мухталифи дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ вуҷуддошта, аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ розигӣ ҳамчун воситаи ягонаи ифодаи иродаи субъектон ва амали маданӣ-ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад, зеро баёни розигӣ асосан дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои аҳаммият ва хусусияти ҳуқуқӣ буда, дар раванди таҳлил ва таҳқиқи илмию

амалӣ ва ҳуқуқии он усули анҷом додан, мазмуни ирода ва мақсади иқтисодӣ ба назар гирифта мешавад **[1–М]; [5–М]; [6–М].**

Агар дар қонунгузории амалкунанда барои иҷрои амали ҳуқуқӣ «розигӣ» танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти бо қонун ба ӯ додашуда, ки дар заминаи амалисозии ваколатҳои худ дар муомилоти маданӣ дода шавад, чунин розигӣ тавассути санади маъмурӣ амалӣ карда мешавад **[3–М].**

2. Муайян гардидааст, ки «розигӣ» ифодаи амали ҳуқуқии яктарафаи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ буда, мазмуни содда ва дорои асоси ҳуқуқии мухталиф шуморида мешавад, ки ба субъектони ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва (ё) оммавии худро таъмин намоянд. Ҳамзамон «розигӣ» ифодаи яктарафаи иродаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқии дар қонун пешбинигардида мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ дар муайян намудани эътибори аҳди дахлдор мегардад. «Розигӣ» аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ баёни ҳукуқии субъект ба ҳисоб рафта, қисми ҷудонопазири ҳуқуқи субъективӣ шуморида шуда, ҳамчун ҳуқуқ ба амалҳо ва рафтори шахсӣ буда, дар баъзе мавридҳо дорои хусусияти асосӣ ва ёрирасонӣ мебошад, зеро падидаи мазкур дар ягон маврид тамоми мазмуни асосии ҳуқуқи субъективиро дарбар намегирад, балки танҳо дар механизмҳои амалисозӣ ва ташаккули рафтори субъекти ҳуқуқӣ замина ба вуҷуд меорад **[2–М]; [4–М].**

3. Розигии иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқиро, ки ҳамчун категорияи алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад, аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ вобаста ба навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ, манфиати ҳифзшавандаи субъектони маданӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст. Таснифи розигӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин амалӣ карда мешванд: - шакли ифодаи он, ки ба воситаи хаттӣ (электронӣ), шифоҳӣ ё баёни ишора; - вақти додани розигӣ ба амали ҳуқуқии маъқул донисташаванда; - намудҳои таркиби муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он зоҳир намудани розигӣ муҳим мебошад; - хусусияти ҳуқуқии амалу рафторе, ки баёни розигӣ дар он зарур мебошад **[3–М]; [5–М].**

4. Муайян гардидааст, ки қонунгузорӣ оқибатҳои ҳуқуқии аҳдҳое, ки бо розигӣ баста шуда, баъдан беэътибор дониста мешавад, муайян намекунад. Агар дар санадҳои ҳуқуқӣ шакли муайяни баёни розигӣ зикр шудааст ва бо вайрон намуни ифодаи шакли муайяни розигӣ баён ёфтааст, чунин розигӣ беэътибор ҳисобида мешавад. Агар ин аҳд аз иродаи як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста бошад, он гоҳ нисбат ба он талаботи дар боби 10 КМ ҶТ муқарраргардида дар хусуси беэътибор донистани аҳдҳои маданӣ татбиқ мешаванд. Барои мисол, аҳде, ки дар натиҷаи расонидани зӯроварӣ (аз ҷумла зӯроварии моддӣ ва маънавӣ), гумроҳӣ ё бо фиреб, таҳдид анҷом дода шудааст, аз лаҳзаи баста шуданаш беоқибат ва дар баъзе мавридҳо беэътибор дониста мешавад. Агар аз ҷониби мақоми иҷроияи шахси ҳукуқӣ санади дохилӣ (локалӣ) қабул гардида бошад, (масалан, қарори умумии аъзоён-иштирокчиёни маҷлис), пас қоидаҳо дар бораи беэътибор донистани қарори дахлдори иштирокчиёни ҷаласа қабул карда мешавад, ки чунин талабот дар қонунҳои дахлдор дар бораи ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ғайра муқаррар шудааст; агар санади маъмурӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатии ҶТ қабул гардида (инчунин, мақоми ҳокимияти маҳаллӣ) бошад, дар чунин ҳолат санади мушаххасе, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ намебошад, тибқи қоидаҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида мавриди баҳс қарор дода мешавад, яъне дар хусуси беэътибор донистани он ба мақомоти судӣ муроҷиат карда мешавад **[4–М]; [5–М]; [6–М].**

Хулоса карда мешавад, ки амалҳои ҳуқуқи мадании бе розигии зарурӣ анҷомдодашуда, дар натиҷа оқибатҳои зерини ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад: - қатъ гардидан (ё бекор гардидан) ва ё тағйир ёфтани (иваз шудани) муносибатҳои ҳуқуқӣ; - дар натиҷа ба вуҷуд наомадани оқибатҳои ҳуқуқӣ ва ё беэътибор донистани аҳд аз ҷониби мақомоти дахлдор; - пайдо гардидани ҳуқуқи талаби ҷуброни зарар ва ё пардохти ҷарима аз ҷониби ҷабрдида-даъвогар. Беэтибории аҳде, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудааст, чун қоида дар баҳснок будани он ифода меёбад. Беоқибат донистани аҳде, ки ба он розигии зарурӣ дода нашудааст, дар ҳолате ҷой дорад, ки зарурати гирифтани розигӣ ба манфиати шумораи номуайяни шахсон ба амал меояд **[6–М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ТАҲҚИҚИҚОТ

Дар ҷамъбасти таҳқиқи илмии мушкилоти маданӣ-ҳуқуқии танзими розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод намудани тавсияҳоеро, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур таҳия карда шудаанд, зарур мешуморем:

1. «Розигӣ» бештар дар қонунҳои маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзилӣ, замин, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ истифода мешавад. Масалан, дар Кодекси оилаи ҶТ мафҳуми «розигӣ» дар ин ё он мазмун зиёда аз 65 маротиба истифода шудааст. Дар КМ ҶТ розигӣ барои аҳдҳо, инчунин барои дигар амалҳои ҳуқуқие, ки розигӣ зарур аст, масалан, барои эмансипатсияи ноболиғ **[2–М].**

2. Истилоҳи «розигӣ»-ро вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ, ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– розигӣ ҳамчун унсури муносибатҳои шартномавӣ;

– розигӣ барои бастани шартнома;

– розигии мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои анҷом додани аҳдҳо ва амалҳои ҳуқуқӣ;

– розигии дорандаи ҳуқуқ барои иҷозат дар анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ;

– розигии шахсони сеюм ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ ҳамчун унсури зарурии анҷом додани аҳд ё амали дигари ҳуқуқӣ, ки ба таъмини манфиатҳои шахси сеюм ё шахси анҷомдодаи аҳд нигаронида шудааст **[4–М].**

3. Розигӣ барои бастани аҳд ҳолати махсуси ҳуқуқие мебошад, ки дар қонун, шартнома, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинӣ гардидааст, амали ихтиёрии шахсони воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ буда, ба анҷом додани аҳдҳои маданӣ нигаронида шудааст. Розигӣ як ҷузъи сохтори ҳуқуқии аҳд мебошад. Розигии шахси сеюм барои бастани аҳд факти махсуси ҳуқуқие мебошад,

ки дар қонун, шартнома, ҳуҷҷати таъсисӣ пешбинӣ гардида, амали ихтиёрии субъекти муносибати ҳуқуқиро ифода менамояд, ки иштирокчии аҳд намебошад ва ба анҷом додани амали ҳуқуқи нигаронида шудааст.

4. Мафҳуми «розигӣ» аз унсурҳои зерин иборат аст:

- розигӣ ҳолати ҳуқуқие мебошад, ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад ва дар баъзе аз ҳолатҳо бошад, бевосита баромад мекунад.

- розигӣ ифодаи иродаи шахсе мебошад, ки нисбат ба амали пешбинишуда ё анҷомдода субъекти беруна баромад мекунад;

- розигӣ ба кирдорҳои ғайриқонунии содиршуда дода намешавад;

Пешниҳод мегардад, ки розигӣ ҳамчун ҳолати ҳуқуқӣ дар шакли амали ихтиёрӣ ё беамалии (сукут) аз ҷониби субъектони муносибатҳои маданӣ дар маъқул донистани аҳд ё шартнома, дигар амали ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ ифода ёфтааст, муайян карда шавад.

Розигӣ дар шакли амали қонунӣ ифодаи ирода буда, ҳам аз аҳд ва ҳам аз санади маъмурӣ (намуди махсуси санади ҳуқуқӣ) тафовут дорад. Розигӣ дар шакли сукут аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ беамалии қонунӣ мебошад **[1–М]**.

5. Азбаски қонун аксар вақт гирифтани розигиро барои анҷом додани амалҳои ҳуқуқӣ талаб мекунад, боби 2 «Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ, амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ»-и КМ ҶТ бояд бо моддаи алоҳида илова карда шавад:

Моддаи 7.1. «Розигӣ ба иҷрои амали ҳуқуқӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Розигӣ ҳамчун амал ё беамалии ихтиёрии қонунӣ эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби субъектони муносибатҳои маданӣ ифода ёфта, аз тасдиқи аҳд ё амали дигари ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ иборат мебошад» **[6–М]**.

Қисми 1 моддаи 7 КМ ҶТ «Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ» бо зербанд бо мазмуни зерин пурра карда шавад:

«аз розигӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, шартнома, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;».

6. Тамоми усулҳои ифодаи иродаро метавон ба се намуди асосӣ тақсим кард:

1) ифодаи бевоситаи ирода, ки тавассути ирсоли шифоҳӣ ё хаттии мазмуни он, маҳз дар шакле, ки ирода ташаккул ёфтааст;

2) ифодаи ғайримустақим ифодаи ирода, ки иродаи дохилиро на мустақим, балки тавассути анҷом додани амалҳо ифода мекунад;

3) ифодаи ирода дар шакли сукут, танҳо дар ҳолатҳое, ки сукут дар қонун чунин тарзи ифодаи ирода пешбинӣ шуда бошад, аҳамияти ҳуқуқӣ дорад **[2–М]; [5–М].**

7. Тавассути ифодаи бевоситаи ирода, ҳама гуна аҳдҳоро метавон анҷом дод. Бавосита (конклютивӣ) танҳо барои бастани чунин аҳдҳое татбиқ мешавад, ки қонун барои онҳо шакли дақиқ (хаттӣ ё нотариалӣ) пешбинӣ накардааст. Маълум аст, ки агар аҳд ба таври хаттӣ ё махсусан бо ҳуҷҷати тасдиқшудаи нотариалӣ ба расмият дароварда шуда бошад, дар он иродаи тарафҳои аҳд бевосита ифодаи худро меёбад **[2–М].**

8. Танҳо интихобе озод дониста мешавад, ки он даркшуда бошад. Озодии иродаро бо озодии интихоб, ки дар он озодии хаёлӣ метавонад мавҷуд бошад, баробар намекунад. Озодии амал метавонад вақте ҷой дошта бошад, ки монеа ё маҷбур кардан барои иҷрои қарор вуҷуд надорад.

9. Намудҳои розигӣ, ки дар қонунгузории маданӣ пешбинӣ шудаанд, хеле гуногунанд. Онҳоро вобаста ба асосҳои ҳуқуқии розигӣ, манфиатҳои бо он ҳифзшаванда, аз рӯйи намуди муносибатҳои ҳуқуқии, табиати ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст. Тавассути тасниф намудани як навъи мушаххаси розигӣ аз рӯйи ҳама асосҳои пешниҳодшуда, мумкин аст, ки хусусиятҳои ҳуқуқии пурра ва ҳамаҷонибаи он муайян карда шавад **[4–М].**

10. Розигӣ воситаи мустақили танзими ҳуқуқии маданӣ буда, дар ин сифат вазифаҳои махсуси танзимкунандаро иҷро мекунад: якум, розигӣ вазифаи ташаккулдиҳандаи иродаро иҷро мекунад; дуюм, розигӣ вазифаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои (шахсони мушаххас ё тамоми ҷамъият), ки дар содир намудани амали ҳуқуқӣ иштирок намекунанд, иҷро мекунад.

Се шакли розигиро ҷудо намудан мумкин аст:

- розигӣ як шакли иштироки шахсони сеюм дар ташаккулёбии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ;

- розигӣ ҳамчун шакли содакардашудаи ифодаи ирода аз ҷониби субъектони муносибатҳои ҳуқуқии бавуҷудомада ё тағйирёбанда;

- розигӣ, ки ҳифзи ҳуқуқҳои мутлақи маданиро таъмин менамояд **[4–М].**

11. Танзими ҳуқуқии муҳлат барои додани розигӣ ва муҳлате, ки розигӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ эътибор дорад, чун қоида, ба ихтиёри иштирокчиёни онҳо гузошта мешавад. Дар давраи додани розигӣ ё рад кардани он қоидаи оқилона будани ин мухлат амал мекунад. Ба таъхир андохтани муҳлати гирифтани ҷавоб дар бораи розигӣ метавонад ҳамчун суистифода аз ҳуқуқ баррасӣ гардад **[3–М].**

12. Бекор кардан ё бозхонди розигии додашуда мумкин аст, агар чунин бекоркунӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони манфиатдорро вайрон накунад. Розигӣ метавонад барои як муддати муайян дода шавад.

13. Агар розигӣ ба аҳд ҳам пеш аз анҷоми аҳд ва ҳам баъд аз он дода шавад, пас бозхонди розигӣ танҳо пеш аз анҷоми аҳд имконпазир аст. Дар баробари ин, бозхонди розигӣ ҳамчун ифодаи ирода, бояд то анҷоми аҳд аз ҷониби шахси манфиатдор ё тарафҳои аҳд дарк карда шавад. Мутаносибан бозхонди розигӣ, ки аз ҷониби тарафҳои аҳд баъди анҷоми он гирифта шудааст, ахамият ва эътибори ҳуқуқӣ надорад. Гирифтани бозхонди розигӣ ба аҳд дар лаҳзаи худи додани розигӣ ба аҳд, то анҷоми он ҳамчун бекоркунии пурраи розигӣ дониста мешавад **[3–М].**

14. Розигӣ барои анҷом додани аҳд дар шакли розигии пешакӣ ва баъдӣ тасдиқ мавҷуд аст. Нишон додани ин ё он намуди розигиро бо қонун муайян кардан мумкин аст. Дар розигии пешакӣ предмети аҳд, ки ба он розигӣ дода шудааст, бояд нишон дода шавад. Бо дарназардошти он, ки розигӣ ифодаи яктарафаи ирода буда, бояд ба шахсони манфиатдор маълум бошад, мутаносибан, шахсони манфиатдор бояд дарк намоянд, ки ба чӣ гуна аҳд розигӣ гирифтаанд.

15. Иттилоот дар бораи мавзуи аҳд бояд бо дараҷаи кофии боварӣ таҳия карда шавад, то иродаи воқеии шахсе, ки ба аҳд розигӣ медиҳад, муқаррар карда шавад. Ба ғайр аз мавзуи аҳд дар розигии пешакӣ метавонад ҳар гуна шартҳои дигар, масалан, шартҳои асосии аҳд пешбинӣ шаванд. Шахсе, ки розигии пешакӣ додааст, ҳуқуқ дорад ба таври илова шартҳоеро нишон диҳад, ки тибқи он ба анҷом додани аҳд розӣ аст. Риоя накардани ин шартхо аз ҷониби тарафҳои аҳд ба шахси сеюм ҳуқуқ медиҳад, ки бинобар надоштани розигии мувофиқи моддаи мазкур аз аҳд эътироз намояд.

16. Дар розигии пешакӣ нишон додани мавзуи аҳд барои рафъи шубҳаи тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба предмети аҳд, ки дар шартнома (аҳд) зикр шудааст зарур аст. Ҳангоми розигии минбаъдаи барои анҷом додани нишон додани маҳз аҳд муҳим аст. Бинобар сабабе, ки аҳд аллакай пеш аз маъқул донистани он анҷом дода шудааст, барои тасдиқи он бо ҳар роҳе, ки имконпазир бошад, муайян намудани масалан, рақам, санаи шартнома, мавзуъ, нарх ва ғайра зарур аст, зеро розигӣ дар ин маврид ба аҳде дода мешавад, ки аллакай анҷом дода шудааст.

17. Таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва доктриналӣ оид ба шакл, мундариҷа, давомнокии розигӣ ва муносибати муваққатии он бо амали маъқул донисташаванда имкон медиҳад, ки ба хулосае оянд, ки тартиби додани розигиро қонунгузории ҷории Тоҷикистон ба таври пароканда танзим мекунад. Ба розигӣ танҳо дар ҳолате шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он барои маъқул донистани аҳди ҳуқуқӣ равона шуда бошад. Аммо дар чунин ҳолат ҳам, бештари масъалаҳои марбут ба тартиби додани розигиро танҳо тавассути тафсири мунтазами меъёрҳои қонунгузории маданӣ ҳал кардан мумкин аст.

18. Дар КМ ҶТ дар гирифтани розигӣ тағйирот даровarда шуда, матни он чунин ифода карда шавад:

«Шахсе, ки ба гирифтани розигӣ манфиатдор аст, вазифадор аст онро пеш аз бастани аҳд (розигии пешакӣ) гирад. Гирифтани розигӣ ба аҳд баъд аз содир намудани он (розигии минбаъда) иҷозат дода мешавад, агар дар

қонун оқибатҳои мавҷуд набудани розигии зарурие, ки ба беэътибор донистани аҳд алоқаманд намебошад, муқаррар нанамояд».

Розигӣ барои анҷом додани аҳдҳо маъмултарин ва муҳимтарини ифодаи иҷозати ирода мебошад. Оқибатҳои бе розигии зарурӣ содир намудани кирдорҳои ҳуқуқӣ ниҳоят гуногун мебошанд. Дар баробари ин, қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳуқуқии танҳо амалиёти маъқулдонисташударо танзим мекунад. Аммо натиҷаи мушаххаси содир намудани амали ҳуқуқӣ бе розигӣ дар ҳолатҳои мушаххас аз шумораи зиёди омилҳо вобаста аст, ки манфиати бо розигӣ ҳифзшаванда, бовиҷдонии тарафҳо, эҳтимолияти оқибатҳои ҳуқуқӣ барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

[1]. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ русӣ ва англисӣ) [Матн] – Душанбе, “Қонуният», 2016. – 126 с.

[2]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ барои соли 2023. [Матн] – Душанбе, “Дониш», 2023. – 105 с.

[3]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. [Матн] Душанбе, Вазорати адлияи ҶТ, 2018. – 98 с.

[4]. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918. [Матн] – Душанбе, «Истиқлол-2019», 2024. – 671 с.

[5]. Кодекси замини ҶТ аз 12 декабри соли 1997, № 498 [Матн] - Душанбе, USAID Тоҷикистон, 2010. – 120 с.

[6]. Кодекси оилаи ҶТ аз 13 ноябри соли 1998, № 682 [Матн] / Душанбе, КВДН «Қонуният», 2007. – 150 с.

[7]. Кодекси меҳнати ҶТ аз 23 июни 2016, № 1329 [Матн] / Душанбе, КВДН «Қонуният», 2007. – 222 с.

